Ҳамин тавр, тадқиқотчиён дар асоси омӯзиши захираҳои бойи гидроэнергетикии Тоҷикистон, ҳанӯз моҳи марти соли 1931 ба мавзеи Роғун омада, аввалин ҷойи сохтмони нерӯгоҳ (НБО-и Сичароғ, ҳозира ҷойи сохтмони Роғун)-ро муайян карда буданд. Аввалин мутахассисони маъруфи ин соҳа ва дар оянда роҳбарони нахустини истгоҳҳои барқии Тоҷикистон, аввалин сардори сохтмони НБО-ҳои калон Семён Каленжнюк ва Виктор Ненаков буданд. Ин олимон-мутахассисони маъруф, аввалин асосгузори омӯзиш ва бунёдгузори азхудкунии захираҳои бойи гидроэнергетикии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Пас аз ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва тараққиёти минбаъдаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро, ки ба нерӯи барқ эҳтиёҷ доштанд, дар солҳои 30 – 40-уми асри XX натиҷаи самарабахши захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистонро ба ҳисоб гирифта, ҳукумати Тоҷикистон дар назди ҳукумати Иттифоқ масъалаи сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ-обиро ҷиддан ба миён гузошт. Ин талаби ҳукумат ва халқи тоҷикро қонеъ гардонида, ба сохтмони аввалин истгоҳҳои барқию обӣ, ба монанди НБО-ҳои Варзоб-1, Варзоб -2, Варзоб-3 иҷозат дода, ба мақсади амалӣ намудани сохтмони ин нерӯгоҳҳо ёриву мадади иқтисодӣ ва иҷтимоиро (бо кадрҳои инженеру техникӣ ва коргарони ихтисоснок таъмин намудан) дареғ надоштанд.

Хусусан солҳои 50 ва 60-уми асри XX давраи пешрафту тараққиёти иншооти гидроэнергетикӣ ва аз худ кардани захираҳои бойи гидроэнергетикии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Маҳз аз соли 1931 сар карда, то солҳои 60 -ум дар ҷуҳмурӣ даҳҳо сохтмонҳои хурду калони нерӯгоҳҳои барқию обӣ, ба монанди НБО-ҳои Қайроқум

ба номи «Дӯстии халқҳо», Сарбанду Шаршар  ва дигарҳо натиҷаи заҳматҳои гидроэнергетикҳои тоҷик ба ҳисоб мераванд.

Соли 1961 оғози сохтмони НБО-и Норак давраи навест дар таърихи азхудкунӣ ва истифодабарии захираҳои бойи гидроэнергетикии Тоҷикистон. Маҳз ин сохтмон дар яке аз дарёҳои серобу тезҷараёни дохилии Тоҷикистон -дарёи Вахш бунёд гардидааст.

Азбаски Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои нафту газ хеле камбағал аст, шукрона аз он мекунем, ки табиати худодод ба мо нерӯи бою арзони гидроэнергетикиро насиб гардонидааст. Бояд қайд кард, ки то давраи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон танқисии нафту газ ва қувваи баркро ҳис намекард, чунки ин сӯзишвориҳо аз ҳисоби фондҳои якҷояи умумииттифоқ таъмин карда мешуд. Баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ системаи ягонаи барқии Осиёи Марказӣ барҳам хӯрд ва он қувваи барқе, ки дар дохили ҷумҳурии мо истеҳсол мегардид, нокифоя буд. Нарасидани қувваи барқ, маҳсулоти нафту газ, Тоҷикистонро дар ҳолатҳои ниҳоят вазнини иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ва сиёсӣ рӯбарӯ гардонид. Акнун ягона умеди Тоҷикистон рӯ овардан ба сохтмони нерӯгоҳҳои калони барқӣ ва аз худ кардани ин захираҳои табиии гидроэнергетикӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳо халқи тоҷикро аз ин мушкилии иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ раҳо карда метавонанд.

Аз ин хотир, дар ояндаи наздик ба мақсади аз ин норасоии ҷиддӣ раҳоӣ ёфтан, масъалаи сохтмони нерӯгоҳҳои азим ба миён омаданд, ки онҳо НБО-ҳои Роғун, Сангтӯда- 1, Сангтӯда- 2 ва Помир- 1 ба ҳисоб мераванд.

Иншооти  азими НБО-и  Роғун дар асоси қарорҳои Анҷумани XXIV Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди  Шуравӣ  соли 1974 оғоз ёфта буд, вале он бо сабабҳои гуногун амалӣ  намегардид.

Дар солҳои 60-уми асри XX котиби якуми Ҳизби Коммунистии Ӯзбекистон, номзад ба аъзогии бюрои сиёсии КМ КПСС Шароф Рашидов дар яке аз сафарҳояш ба НБО-и Норак аз ин маҷмаа ва обанбори бузург дидан карда, аз сохтмони ин нерӯгоҳ ба ҳайрат монд. Ҳол он, ки худи Ш.Р. Рашидов дар аввал ба сохтмони ин нерӯгоҳ зид баромада,  қатъ намудани бунёди онро талаб карда буд. Вале ӯ бо чашмони худ ин маҷмааи азимро дида, ба хулосае меояд, ки ақидаҳояш нисбати ин иншооти азим хато будаанд. Дар ҳамон вохӯрӣ Ш.Рашидов аҳамияти ҷаҳонӣ доштани НБО-и Роғунро фаҳмида, аз котиби аввали Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Ҷаббор Расулов хоҳиш менамояд, ки ба сохтмони НБО-и Роғун оғоз бахшида шавад. Вале Ҷаббор Расулов он вақт изҳор мекунад, ки ӯро дар боло, яъне, Ҳукумати Иттифоқ ва КМ КПСС тарафдорӣ  намекунанд, чунки ба ин сохтмон маблағи зиёд, техникаи пуриқтидор, кадрҳои соҳибихтисос намерасиданд. Бо вуҷуди он Шароф Рашидов аз Ҷаббор Расулов хоҳиш менамояд, ки аз ин боис аз номи ҳукумати ҷумҳурӣ, Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ва КМ ҲК Ӯзбекистон якҷоя бо пешниҳоди махсус доир ба оғоз бахшидани нерӯгоҳи Роғун баромад кунанд. Ҳамин тавр ҳам шуд ва бо дархости сарварони  ин ду ҷумҳурии  Осиёи Марказӣ  ҳукумати Иттифоқ ба бунёди ин нерӯгоҳи азим иҷозат медиҳад.

Имрӯз баҳси ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар атрофи сохтмони маҷмааи Роғун дар васоити ахбори оммаи дохилию хориҷӣ баланд садо медиҳад, ки гӯё он дорои хатари  муҳими экологӣ буда,  дар мавқеи сейсмологии 12 балаи заминҷунбӣ қарор дорад ва сохтмони мазкур номумкин мебошад.

Вале аз рӯйи нишондодҳо, дар 500 соли охир, дар ин мавзеъ ягон заминларзаи 12-бала ба вуҷуд наомадааст, аз ҷиҳати экологӣ  ҳам, ягон хатаре надорад. Ин даъвоҳои сарварони Ҷумҳурии Ӯзбекистон Президент Ислом Каримов ва Сарвазир Мирзиёев ягон асоси илмие надоранд. Ҳамаи даъвоҳои онҳо, махсусан Президент Ислом Каримов ғаразнок буда, онҳо намехоҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ  рушд ёбад, истиқлолияти энергетикии худро таъмин намояд ва сатҳи камбизоатии мардуми Тоҷикистонро паст гардонад.

Ба мақсади тасдиқи  суханони худ лозим донистем, ки аз таърихи нақшаи НБО-и Роғун, ки дар Институти лоиҳакашии  филиали  дар Тошканд будаи «Гидропроект»-и СССР таҳия гардидааст, ёдовар шавем. Соли 1972 лоиҳаи маҷмааи гидроэнергетикии Роғун аз ҷиҳати техникиву иқтисодӣ асоснок гардида, он аз тарафи шуъбаи дар Тошканд будаи Институти илмию тадқиқотии «Гидропроект»-и СССР

таҳия шудааст, пурра ба охир расид ва дар Вазорати энергетикаи СССР бо иштироки намояндагони ваколатдори тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мавриди муҳокима қарор гирифта, аз тарафи Комиссияи давлатии иқтисодии Госплани СССР маъқул дониста шуд. Дар ин бора ҳуҷҷати расмӣ – Қарори Комиссияи давлатии Госплани СССР, тахти № 6, аз 27 феврали соли 1974 мавҷуд аст. Инчунин он дар Вазорати энергетикаи СССР дида баромада шуда, комиссияи давлатии энергетикии Госплани СССР бо иштироки намояндагони ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна (қарори комиссияи энергетикии давлатии Госплани СССР, № 6 аз 27 апрели соли 1974 ) онро маъқул донистанд. Ҳамин тариқ, ташхиси шуъбаи техникии энергетикӣ ҳамаи хулосаҳои техникиро, ки дар сатҳи баланд анҷом дода шуда буданд, аҳамияти баланди НБО-и Роғунро пурра тасдиқ намуд. Дар соли 1974 самтҳои амалии сохтмон ва микёси обанбори онро муайян карда, моҳи ноябри соли 1978 нақшаи НБО-и Роғун пурра ба анҷом расонида шуд. Дар натиҷа, дар давоми моҳҳои ноябр-декабри соли 1978 лоиҳаи мазкур аз тарафи Институти Гидропроекти СССР аз ташхис гузаронида шуд ва моҳи июни соли 1979 лоиҳаи мазкур дар Шӯрои илмӣ -техникии Вазорати энергетикаи СССР (қарори №7, аз 27.06.1979) ба охир расонида шуд. Моҳи октябри соли 1980 ин лоиҳа бо ташхиси давлатии Госстройи СССР ва Комитети илмӣ -техникии СССР (хулоса ба мактуби Госстройи СССР, аз 16.10.1980, №380) ва ноябри соли 1980 онро Совети Вазирони СССР (супориши № 24/11, аз 27.11.1980) бо тамоми параметрҳои пешниҳодшуда комилан тасдиқ намуд. Дар натиҷа, лоиҳаи мазкур бо ҷумхуриҳои Осиёи Миёна мувофиқа карда шуда, ҳамаи онҳо ин нақшаро маъқул шумориданд, зеро НБО-и Роғун тақозои доимоафзояндаи ин ҷумҳуриҳоро бо қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ресурсҳои обӣ таъмин мекард, ба мақсаду мароми онҳо пурра мусоидат менамуд.

Соли 1990 ин нақша аз тарафи комиссияи давлатии Госстройи СССР аз ташхиси махсус гузаронида шуд, пойдевори мустаҳкам ва ояндадор будани ин иншооти азим собит мегардад. Ҳамин тавр, нақшаи НБО-и Роғун аз тарафи аксарияти ташкилотҳои болоӣ, вазорату идораҳои давлатӣ ва дар охир аз тарафи Ҳукумати СССР тасдиқ гардида, пурра дастгирӣ мееёбад. Дар натиҷа, баландии дарғоти он 335 метр ва ғунҷоиши обанбор 13,3 млрд. метри мукааб муайян карда шуд. Дар натиҷаи сохта ба истифода додани НБО-и Роғун зиёда аз 320 хазор гектар заминҳои Тоҷикистон пурра обёрӣ карда шуда, минбаъд обёрӣ намудани беш аз 1 млн гектар заминҳои Ӯзбекистону Туркманистон таъмин мегардид. Мувофиқи нақша НБО-и Роғун соле 13,4 млрд. КВТ-соат қувваи барқ истеҳсол намуда, норасоии қувваи барқро дар шабакаи барқии Осиёи Миёна пурра барҳам медод ва обанбори НБО-и Норакро дар тӯли 100 сол аз пуршавии гилу лойиқа муҳофизат мекард.

Дар воқеъ, даъвоҳои беасоси сарвари давлати Ӯзбекистонро пиромуни хатарнокии экологии НБО-и Роғун на ин, ки мутахассисони баландпояи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дигар ташкилотҳои байналмилал, ки ташхиси техникии ин сохтмонро (аз ҷумла Институти «Гидропроект» -и ш.Тошканд, соли 1993) ва бо хоҳиши АООТ «Русский аллюминий» (Рус-Ал) аз ҷониби компанияи «Ла-Майер Интернешнал»-и Германия ва Бонки Ҷаҳонии Асъор бо хоҳиши Ҳукумати Тоҷикистон бо сифати баланд анҷом дода, тамоман бехатар будани сохтмони НБО-и Роғунро бори дигар тасдиқ намуданд.

Соли 2006 яке аз шахсиятҳои воломақом, ташхисгари бетараф, ноиби Президенти Комиссияи Байналмилалӣ оиди дарғотҳои калон профессор Х.Б. Абаджиев такроран ташхиси банкӣ ТЭО гузаронид ва ширкати «Ла-Майёр Интернешнал» ин ташхисро аз нав муоина намуда, эътимоднокии онро пурра тасдиқ кард. Ҳамин тариқ, даъвоҳои роҳбарияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, пеш аз ҳама, Ислом Каримов аз ин ҷиҳат беасос мебошанд, ки нақшаи сохтмони НБО-и Роғун дар Институти лоиҳакашии ш. Тошканд таҳия гардида буд. Инчунин дар таҳияи он олимону муҳандисони соҳаи гидроэнергетикаи Ӯзбекистон иштироки фаъол даштанд ва ҷиҳатҳои мусбии сохтмони НБО-и мазкурро тасдиқ карданд. Ҳамзамон хотирнишон кардан бамаврид аст, ки нақшаи мазкур аз тарафи идораҳои бонуфузи давлатии «Гидропроект» -и СССР ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ аз ташхиси пурраи техникӣ гузаронида шуда, онро Вазорати энергетикаи СССР, Госплани СССР ва дар охир, Ҳукумати СССР тасдиқ намудааст.

Аз ин нуқтаи назар, даъвоҳои ҳукуматҳои Ӯзбекистону Туркманистон ва Қазоқистон асоси боэътимоди иҷтимоӣ надоранд. Ислом Каримов ва дигар роҳбарони Ӯзбекистон ба ақидаи ғаразноки худ намехоҳанд, ки НБО-и Роғун сохта шавад. Ҳамзамон Ислом Каримов медонад, ки пурра ба кор андохтани НБО-и Роғун Тоҷикистонро ҳам аз норасоии иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ раҳоӣ дода, ба кишвари нурафшон табдил медиҳад.

Инчунин беасос будани даъвои дигари Ислом Каримов ва тарафдоронаш боз дар он зоҳир мегардад, ки НБО- и Роғун дар асоси қарордодҳои Анҷуманҳои XXIV ва XXV КПСС бояд дар дарёи Вахш сохта мешуд ва он аз тарафи роҳбарият ва Ҳукумати Ӯзбекистон ва роҳбарияти дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна пешниҳод гардида буданд.

Имрӯз роҳбарияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, пеш аз ҳама Ислом Каримов ҷомеаи ҷаҳониро оиди хатари экологӣ доштани обанбори Роғун ва сабаби асосии хушк гардидани баҳри Арал ба иштибоҳ андохта, доир ба 57 обанбори сунъӣ, ба ақидаи дигар 70-75, тибқи ҳисоби дигар бошад, дар миқёси Осиёи Миёна 300 кӯлҳову обанборҳои сунъӣ чизе намегӯяд, ҳол он ки онҳо якчанд баробар аз оби баҳри Арал зиёдтар мебошанд ва сабаби бемасъулиятонаву ғайрисарфакорона истифода бурдани об дар бахшҳои хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама, пахтакорӣ ва шоликорӣ гаштаанд, дар нишасту ҳамоишҳои байналмилалӣ онро иқрор накарда, баръакс, омили асосии хушкшавии баҳри Арал ва харобии экологиро дар Осиёи Миёна бардурӯғ ва ғалат ба НБО-и Роғун мансуб медонад , ки ин рафтор комилан нодуруст буда, ба шаъни чунин роҳбарони баландпоя намезебад. Вале ҳамаи ин мухолифатҳо пеши роҳи сохтмони НБО-и Роғунро гирифта наметавонанд.

Ибтидои корҳои тайёрии НБО- и Роғун дар саҳифаи таърихи миллати мо 10 июли соли 1972 сабт гардидааст. 26 сентябри соли 1976 дар Роғун аввалин ҷаласаи ботантана баргузор гардид, ки дар он Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов суханронӣ карда, моҳияти қарори Анҷумани XXIV КПСС-ро роҷеъ ба сохтмони иншооти гидроэнергетикии Роғун шарҳу тавзеҳ дод. Ҳозиринро Вазири энергетикаи ҳамонвақтаи СССР Пётр Степанович Непорожный табрик гуфта, оғози сохтмони боргоҳи нури Роғунро фоли нек маънидод кард ва ҳамон рӯз аввалин таркишҳои бунёди канора садо дода, ба оламиён аз оғози ин иншооти бошукӯҳ пайғом расонд. Дар поёни ҷаласа таъкид карда шуд, ки аз моҳи майи соли 1986 сохтмони маҷмааи НБО-и Роғун ва бунёди шаҳри дуввуми энергетикҳои тоҷик – шаҳри Роғун ба таври расмӣ оғоз хоҳад гардид.

Дар ҷамъбасти соли соли 1986 дар Роғун маҷлиси машваратии умумииттифоқии кормандони соҳаи гидроэнергетика баргузор шуд, ки дар он бунёдкорони сохтмон, намояндагони корхонаҳои пудратӣ, мутахассисону лоиҳакашон ва конструкторҳои соҳаҳои мошинсозӣ ва нақлиёт иштирок доштанд. Ин ҷаласа дар таърихи сохтмони НБО-и Роғун саҳифаи тоза боз кард. Дар он марҳилаҳои муҳими эъморӣ муайян гардиданд.

Вале мехоҳем пиромуни оғози корҳои сохтмонӣ дар НБО-и Роғун баъзе фикру мулоҳизаҳои худро баён намоем. Дар асоси санадҳои таърихӣ ба хулосае омадан душвор нест, ки 10 июли соли 1972 корҳои омодагӣ дар сохтмони НБО –и Роғун оғоз ёфтааст.

Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов дар нахустин ҷаласаи ботантана суханронӣ намуда, моҳияти қарори Анҷумани XXIV ҳизбро доир ба аҳамияти ин боргоҳи нур мушаххасан маънидод кард. Ӯ таъкид намуд, ки коллективи сохтмончиён бояд корҳои бинокориро бо меҳнати шуҷоатмандонаи худ ҳарчӣ зудтар ба анҷом расонанд. Муайян гардид, ки охири соли 1987 маҷрои дарёи Вахш баста мешавад ва дар соли 1989 агрегати якуми он ба кор андохта хоҳад шуд. Инчунин соли 1990 анҷом додани сохтмони шаҳри Роғун ва соли 1993 пурра ба истифода додани маҷмааи гидроэнергетикии Роғун муқаррар гардиданд.

Воқеан ин нақша реалӣ ва иҷрошаванда буд. 27 – 28 декабри соли 1987 пеши маҷрои Вахш баста шуд ва об ба ҷониби нақби НБО-и Роғун равона гардид. Ба ин муносибат гирдиҳамоии пуршукӯҳе баргузор шуд, ки дар он бунёдкорон, роҳбарони ҳизбӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои комсомолӣ, намояндагони муассисаю корхонаҳои гуногун иштирок доштанд.

Чи тавре ки дар баромадҳои президент Эмомалӣ Раҳмон борҳо садо додааст, дар сохтмони НБО-и Роғун ҳамон солҳо қариб 900 млн доллари амрикоӣ масраф шуда, ҳаҷми умумии корҳои сохтмон қариб 47%-ро ташкил карда буд. Вале баҳри ба анҷом расонидан ва ба истифода додани НБО-и Роғун ба миқдори 2- 2,5 млрд. доллари амрикоӣ маблағ лозим буд. Бо вуҷуди он, дар солҳои минбаъда бо сабабҳои гуногун корҳои бинокории сохтмон қатъ ёфт, ки дар ин хусус минбаъд сухан хоҳем ронд.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1996 ҷони ҳазорон сокинони ҷумҳуриро аз байн бурд ва ба хоҷагии халқи мамлакат хисороти азими иқтисодӣ расонд, ки мутахассисону коршиносон ҳаҷми умумии ин ҳисоротро бештар аз 10 млрд. доллари амрикоӣ арзёбӣ карда буданд. Садҳо корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ ғорат карда шуданд. Онҳо аз нарасидани ашёҳои зарурӣ, пеш аз ҳама, қувваи барқ фаъолият накарданд. На ин, ки заводу фабрикаҳо ва муассисаҳои хоҷагии қишлоқ, балки аҳолии мамлакат аз нарасидани қувваи барқ ҳамарӯза азоб мекашиданд. Ҳамаи инҳоро омӯхта, ба ҳисоб гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар қатори се масъалаи муҳими стратегӣ: таъмини амнияти озуқаворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва таъмини амнияти энергетикаро дар мадди аввал гузошт. Дар роҳи расидан ба ин матлаби наҷиб барқарор ва эҳё кардани иншооти нави гидроэнергетикӣ дар мадди аввал меистанд.

Соли 2004 барои аз нав оғоз ва эҳё намудани НБО-и Роғун ба ширкати «Рус-Ал» -и Федератсияи Руссия ва вазорати энергетикаи Тоҷикистон шартнома ба имзо расонида шуда буд. Вазири иқтисоди Руссия Христенко ва сардори ширкати «Рус-Ал» Дерипаска ба аз нав сар кардани корҳои сохтмони НБО- и Роғун асос гузоштанд. Солҳои минбаъда нишон дод, ки баробари ба Ӯзбекистон сафар кардани сардори ширкати «Рус-Ал» Дерипаска ва гуфтушуниди ӯ бо Президенти Ӯзбекистон то 258 метр (ба ҷои 335 метр) паст кардани баландии дарғоти Роғун аҳду паймон карданд. Вале ҳукумати Тоҷикистон ба як метр паст намудани дарғоти Роғун розӣ набуд. Ширкати «Рус-Ал» -и Руссия бояд сохтмонро бо маблағи зарурӣ таъмин менамуд, вале он аз тарафи ҳукумати Тоҷикистон қатъиян рад карда шуда, моҳи августи соли 2007 хукумати Тоҷикистон якҷониба ин созишномаро бекор кард.

Ширкати дигари Руссия РАО–ЕЭС дар ибтидо аз ҷониби худ низ изҳор карда буд, ки дар сохтмони НБО –и Роғун иштирок ва саҳмгузорӣ хоҳад намуд. Вале ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати дигари русӣ бо номи «Рус-Ал» дар соли 2004 қарордод ба имзо расонид. Андрей Раппопорт –мудири Ширкати РАО–ЕЭС –и Руссия изҳор карда буд, ки: «дар ҳоли ҳозир Тоҷикистон асноди лозимаро ҷиҳати эълони тендери байналмилалӣ таҳия месозад. Ман дар ин маврид иттилоъ дорам ва мо дар назди худ вазифа мегузорем, ки дар ин тендер иштирок намоем».

Иродаи қатъии созандагӣ ва бунёдкории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти хунукиҳои қаҳратуни соли 2008 ва дар муддати 6-8 моҳ ба бошандагони бисёр навоҳиҳои ҷумҳурӣ нарасидани қувваи барқ ва хиёнати ширкатҳои «Рус–Ал» –у «РАО–ЕЭС»–и Русия ва инчунин иштироки фаъолона дар баҳси сохтмони нерӯгоҳи обию барқии Роғун, Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор сохт, ки НБО–и Роғунро бо қувваи худ бунёд намояд. Соли 2010 дар баробари ба Роғун сафар кардани Президенти мамлакат дар аснои суҳбат бо бинокорон эълон намуд, ки мо дигар ба ягон ширкати давлатию ғайридавлатӣ ва хориҷӣ оид ба маблағгузории сохтмони нерӯгоҳҳо ҳеҷ боварӣ надорем ва НБО-и Роғунро бо қувваи худ месозем.

Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиатномаи худ аз 5 январи соли 2010 ба халқи Тоҷикистон ва тоҷикони бурунмарзӣ оиди саҳм гирифтан дар сохтмони НБО-и Роғун муроҷиат намуд ва ин муроҷиати Президенти Тоҷикистонро тамоми қишрҳои ҷомеа, хурду калон, пиру ҷавон бо посухи ватандӯстона тарафдорӣ намуданд. Ин ҳамрайъии халқи тоҷик ба президенти худ нишон дод, ки ваҳдати миллати тоҷик воқеан қавӣ ва абадист. Халқи тоҷик дар як муддати кӯтоҳ бештар аз 900 млн. сомонӣ саҳмияҳои НБО-и Роғунро харидорӣ карданд.

Соли 2010 Ҳукумати Тоҷикистон дар навбати худ, аз буҷаи давлатӣ 600 млн. сомонӣ ҷудо кард. Имрӯзҳо коллективи қариб 8000 нафараи бинокорон бо иштироки якчанд ширкатҳои сохтмонии Федератсияи Руссия ва Тоҷикистон бештар

аз 90% корҳои сохтмонии навбати якум ва бештар аз 90% корҳои нақбҳои обгузар ва тахҷоии ду агрегат ва истгоҳҳои қуввақабулкуниро ба сомон расониданд.

Дар ҷавоби муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оиди бо қувваи худ дар муддати муайяншуда –моҳи декабри 2011 бастани маҷрои дарёи Вахш ҳамовозӣ намуда, коллективи бинокорон баҳри амалӣ гардидани ин нақшаи азими худ саъю кӯшиш карда истодаанд. Бинокорон уҳдадор шуданд, ки дар тӯли солҳои 2012-2013 навбати аввали НБО-и Роғунро иборат аз ду агрегат, бо иқтидори 1 млн. 200 ҳаз. КВТ/соат, инчунин соле бештар аз 4 млрд. КВТ/соат қувваи барқ истеҳсол менамояд, дар вақташ ба сомон расонанд.

Ба кор андохтани ду агрегати НБО-и Роғун имконият медиҳад, ки норасоии қувваи барқро дар Тоҷикистон пурра таъмин намояд ва боқимондаи он бештар аз 2 млрд. КВТ/соатро ба мамолики ҳамсоя ва хориҷи кишвар фурӯшем ва аз ҳисоби ин даромад дарояндаи наздик сохтмони НБО-и Роғунро бомуваффақият ба анҷом расонидан мумкин аст. Ҳамин тавр, НБО-и Роғун ба манфиати рушдиояндаи Тоҷикистон ва халқи тоҷик хизмат хоҳад намуд.

Имрӯз, дар мамлакат хатҳои интиқоли барқии 220 КВТ (Лолазор - Хатлон) ва 500 КВТ Ҷануб–Шимол сохта, ба истифода дода шудаанд, ки онҳо интиқоли барқро ба ҷанубу–шимоли мамлакат фароҳам оварданд. Ҳамин тариқ, системаи ягонаи энергетикии кишвар барпо карда шуд ва ин дар навбати худ тамоми аҳолии Тоҷикистонро бо қувваи арзони барқ таъмин месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ, ки дар солҳои мавҷудияти давлати шӯравӣ сохта шуда буду тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ аз он бемамоният истифода мебурданд, истифода мебурд вале аз тарафи Ҷумҳурии Ӯзбекистон яктарафа барҳам додани хати умумии интиқоли барқ, Ҷумҳурии моро аз истифодаи қувваи барқ маҳрум намуд, ки он аз амали нобахшиданӣ чизи дигаре нест.

Баробари сохта ба кор андохтани садҳо истгоҳҳои барқии хурду миёна ва агрегатҳои аввалини НБО-и Роғун, ба тадбиқи се нақшаи муҳими стратегии мамлакат: амнияти озуқаворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтан ва таъмини пурраи энергетикии Тоҷикистон боис мегардад ва ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо на ин, ки дар Осиёи Марказӣ, балки дар кишварҳои дуру наздики хориҷӣ низ мавқеи устувори хешро пайдо хоҳад намуд.

Ба ҳамин тариқ, аз баррасӣ ва таҳлилу муқоисаи санаду далелҳои гуногуни илмиву таърихӣ ба чунин натиҷа расидан душвор нест, ки нақши нерӯгоҳҳои барқӣ, хусусан НБО-и Роғун дар таъмини амнияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят бузург аст. Аз ин рӯ, ин нерӯгоҳи азими барқиро бунёд намуда, онро ба хизмати халқи тоҷик гузоштан аз вазифаи рӯзмарраи давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Акбаров Н. НБО –и Роғун ва қазияи норӯшани он // Ориёно. -2007, - №5.
2. Бобоев М. НБО- и Роғун ормони миллӣ аст //Тоҷикистон.-2010. - №3-4. –С.10-19.
3. Бозии бузург: Аз миннагузорӣ то нерӯгоҳсозӣ //Миллат.-2009.- №10 (184). –12 март.
4. Ёдгорӣ Н. Тоҷикистон сар хам намекунад. //Нерӯ.-2009. -№3-4. –С.18-19.
5. К вопросу завершении строительства Рогунского гидроузла //Неру.-2009. -№1.-С.16-17.
6. Коҳи куҳнаро боз бод медиҳанд //Садои мардум. -2010.- №16 .- 6 феврал.
7. НБО- и Роғун фалсафаи созандаи хотираи таърих аст //Ваҳдат. -2009.- №23.- декабр.
8. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 апрели соли 2009 //Омӯзгор. -2009.-№17-18.-24 феврал.
9. Проект Рогунской ГЭС был инициировом 1-ым секретарам ЦК Компартии Узбекской СССР Шарафом Рашидавым //«AZIA PLUS» 1.-2010.-№13.-31 март.
10. Раҳимов Ю., Раҳимов Ф. Нерӯгоҳи обию барқии Сангтӯда –намунаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Русия //Дунё (маҷмӯаи мақолот). –Душанбе, 2009. –С. 82-92.
11. Роғун сарнавиштсози миллат //Бонувони Тоҷикистон.- 2009. №12.
12. Роғун: Ҳангома ва ҳақиқат //Минбари халқ. -2009.- №50.-17 декабр.
13. Роғун фардои рӯшани мост //Бонувони Тоҷикистон. -2010.-№1.
14. Сохтмони Роғун: Чаро тобиши сиёсӣ гирифтааст? //Минбари халқ.-2009. -№6. -12 феврал.

**РОЛЬ РОГУНСКОЙ ГЭС В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Республика Таджикистан, проводит политику ускоренного развития гидроэнергетической отрасли с целью достижения энергетической безопасности путем строительства Рогунской ГЭС, Ввод в действие Рогунской ГЭС способствует решению стратегической задачи достижения энергетической безопасности. Таджикистан за короткий срок сможет превратиться в крупного производителя и экспортера дешевой электроэнергии. Данная статья посвящена проблемам энергетической безопасности Таджикистана в период независимости.

**Ключевые слова:** период независимости, строительство Рогунской ГЭС, достижение энергетической безопасности, проблемы энергетической безопасности.

**ROLE ROGUN'S HYDROELECTRIC OF POWER STATION IN ENERGY SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The Republic of Tajikistan, pursues policy of the accelerated development of hydropower branch for the purpose of achievement of energy security by construction of Rogunsky hydroelectric power station, Commissioning of Rogunsky hydroelectric power station promotes the solution of a strategic problem of achievement of energy security. Tajikistan for short term will be able to turn into the large producer and the exporter of the cheap electric power. This article is devoted to problems of energy security of Tajikistan in the period of independence.

**Key words:** independence period, construction of Rogunsky hydroelectric power station, achievement of energy security, problem of energy security.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** ***Ю.Рахимов*** – кандидат исторических наук, доцент ТНУ

***Ф. Рахимов*** - аспирант исторического факультета ТНУ

# ТАШАККУЛЁБИИ ҚУШУНҲОИ САРҲАДИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

***Ҷ.Х.Раҷабов***

**Омӯзишгоҳи Олии Сарҳадии Кумитаи Давлатии Амнияти Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

«***Бехатарии мамлакат аз сарҳад вобастагӣ дорад!»***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Истиқлолият воқеан рӯйдоди бузурги таърихӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи навини тоҷик аст. Шукргузор аз онем, ки дар қатори миллатҳои муттамадини ҷомеаи ҷаҳонӣ соҳиби марзу бум –ватани аҷдодии хеш ҳастем.

Соли равон ҷомеаи Тоҷикистон ҷашни бузургу фаромӯшнопазир - «20 - солагии Истиқлолияти Тоҷикистон»- и азизу тозабунёдро, ки дастовардҳо ва комёбиҳояшро оламиён эътироф кардаанд ва менамоянд бо шукӯҳу шаҳомати тоза пешвоз гирифтем. Тоҷикистони азизамон дар ин ҷода ҳақиқатан қадамҳои баҳодурона гузошт. Дар лаҳзаҳои ҳассос ашки нобарорӣ рехтем, лекин аз оянда пирӯзии хеш умед накандем ва тоҷи таърихиамон боз сарамонро шукӯҳу шаҳомат бахшид.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон 16-уми ноябри соли 1992-ум дар шаҳри Хуҷанд, дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд хӯрд, ки то қатраи хун дар бадан дорад барои сулҳу салоҳ мубориза хоҳад бурд, ба савганди худ вафо кард ва дар сарзамини тоҷикон сулҳи миллиро амалӣ намуд. Тоҷикони парешонгаштаро чамъ оварда, шоҳсутунҳои бинои мӯҳташами давлати миллиро таҳрезӣ кард ва ба эъмори онҳо пардохт. Яке аз шоҳсутунҳои ин давлат барпо намудани марзбонони тоҷик мебошад, ки ин нишонаи марзу буми давлати тозаистиқлоли тоҷикони соҳибистиқлол аст.

Бо дарёфти истиқлолият дар Точикистони азизамон як қатор сохторҳои қудратӣ падид омаданд, ки ба амнияти давлатӣ сахт марбутанд. Дар таърихи мардуми тоҷик

баъди ҳазор сол нахустин Артиши сарҳадӣ барпо карда шуд, ки асосгузори ин падида Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон мебошад.

Гоҳе аз хатҳои сарҳади давлатӣ ёд мекунем, аз сипари боэътимоду тирногузари хеш меболем. Бедорхобиҳо, захматҳои пайваста, ҷоннисориҳо ва ҷасорати афсарону сарбозон беихтиёр пеши назар ҷилвагар мегардад. Ин ҷавонмардиҳо ва корномаҳо ба хотири дастнорасӣ ва дахолатнопазирии сарҳад сар мезанад. Зеро марз - ин дили давлат аст, дили Ватан аст. Тору пуди сарҳадбонони тоҷикро аз гили садоқатмандӣ ва вафодорӣ ба модар-Ватани азияткашида афроштаанд. Бамаврид аст зикр намоем, ки сарҳадбонони тоҷик ҳар лаҳза баҳри оромию осоиши Ватани маҳбуб ба худқурбонкунӣ омодаанд ва онҳоро чузъ аз қарзи фарзандӣ чизе беш намедонад.

Дар охирҳои соли 1992-ум ҳимояи сарҳади давлатӣ, ки сарҳадбонони Русия ба ӯҳда доштанд, беш аз беш душвор мегардид. Шумораи вайронкунандагони хатти сарҳади давлатӣ аз Тоҷикистон ба Афғонистон ва баръакс торафт зиёд мешуд. Сарҳадбонони Русия ҳимояи сарҳадро пурра таъмин карда наметавонистанд. Ин вазъият дар назди Ҳукумати Тоҷикистон проблемаи нав – яъне мустаҳкам кардани сархади давлатиро пеш гузошт, зеро сарҳад ва амнияти он яке аз рукнҳои асосии давлати соҳибистиқлол аст.

Аввалин санаде, ки ба ҳаллу фасли мушкилоти сарҳади давлатӣ бахшида шуд, ин қарори Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 1992 тахти рақами 981 буд, ки дар асоси ин қарор дар назди Кумитаи давлати амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бригадаи таъиноти махсуси сарҳадбонон иборат аз ҳазор нафар таъсис дода шуд. Баъдан 28 декабри соли 1992 қарори Раёсати Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 989 дар ҳайати Кумитаи давлати амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати ҳифзи сарҳадӣ таъсис дода шуд. Ин ду санад дар таърихи таъсиси Артиши сарҳадии Тоҷикистон нақши сарнавиштсоз доранд. Сипас мувофиқи фармони Раёсати Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 1994 тахти рақами 273 дар бораи таъсис намудани Кувваҳои сарҳадии Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Мувофиқи ин фармон ҳар сол 28 май ҳамчун рӯзи «Иди касбии сарҳадбонони тоҷик» таҷлил карда мешавад. Қарорҳо ва фармонҳои мазкур дар раванди барпо намудани қувваҳои марзбонони тоҷик, дар роҳи ташаккулу такомул ёфтани қушунҳои сарҳадӣ аввалин қадамҳои баҳодурона буданд.

Бригадаи таъиноти махсуси сарҳадбонон дар самтҳои Шаҳритусу Қумсангир, Панҷу Фарҳор, Шӯрободу Маскав сипари пурзӯри муҳофизати сарҳади давлатӣ гардиданд. Маҳз сарҳадчиён аз хоки бегона ба сарзамини Тоҷикистон ворид гаштани дастаҳои мусаллаҳи харобкор, яроқу аслиҳа, маводи муҳодира, қочоқро бо баҳои ҷони хеш ҷилвагарӣ менамуданд. Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бобати беҳбудии фаъолияти марзбонон, таъмини ҳамаҷонибаи сарҳадоти Тоҷикистон ғамхорӣ зоҳир менамояд.

Баъд аз ташкили бригадаи таъиноти махсуси сарҳадӣ фаъолияти он такмил дода шуда, муҳофизати сарҳади давлатӣ мустаҳкамтар гардид. Дар такмили қувваҳои сарҳадӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 1995 оиди ташкили Сарраёсати қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кард. Дар тобеияти Сарраёсати қушунҳои сарҳадӣ ду бригадаи сарҳадӣ, як полки таъҷилии ноҳияи Қумсангир, комендатураҳои сарҳадии Шаҳритус, Қалъаи Хумб ва Рӯшон, нуқтаи гузаргоҳи сарҳадии Ҳуҷанд, маркази таълимии «Чорбоғ», оиди тайёр намудани мутахассисони хурди низомӣ, қарор доштанд. Ғайр аз ин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили ротаҳои махсуси алоқа, бинокорӣ, нақлиётӣ иҷозат дода шуд. Сарварии Сарраёсати қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро А.И. Рогов ба ӯҳда дошт.

Охирҳои соли 1996 ва аввалҳои соли 1997 дар ҷомеаи мо, хусусан дар арсаи сиёсат ва сиёсатмадорӣ тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои сулҳу салоҳ ҳарчӣ бештар кӯшиш мекард Зиндагӣ возеҳу равшан нишон дод, ки фақат худи тоҷикон қодир ҳастанд оташи даргирифтаи хонаи хешро хомӯш созанд. Ҳаёт боз ҳам собит намуд, ки силоҳ дар ҷамъият роҳи ҳалли масъала нест. Сарвари ҷумҳурӣ бо дарки баланди масъулият, ба хотири таъмини сулҳу ваҳдат, якпорчагии Ватан бисёр талошҳо ба харҷ дод ва барои эҷоди сулҳи миллӣ заминаи

мусоид фароҳам овард. Аз тарафи дигар, ҷангу ҷидолҳои дохилӣ оҳиста-оҳиста ҳалли худро меёфтанд. Чунин вазъ, чунин шароит боз ҳам мустаҳкам гардонидани сарҳади дохилии давлати Тоҷикистонро тақозо мекард. Ба хотири боз ҳам таҳким бахшидан ба бехатарии сарҳади давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 1997 Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ва ҳамон сол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳад» қабул гардид. Тибқи ин қонун вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти марзбонон ба танзим даровarda шуд. Бар дӯши сохтори Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ вазифаи басо мушкилу масъулиятнок-ҳифзи марзи давлатӣ вогузор шудааст.

Аз рӯи мавқеъ ва худуди ҷойгиршавии ҷуғрофӣ сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду қисм тақсим мешавад:

– Сарҳади хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи шартномаи дутарафа хатти марз ба расмият даровarda шудааст (сарҳадҳои Тоҷикистону Афғонистон- 1334 км ва Тоҷикистону Ҷумҳурии мардумии Чин 511 км );

– Сарҳадоти дохилии давлатӣ ( сарҳади Тоҷикистону Узбекистон- 1363 км ва Тоҷикистону Қирғизистон- 990 км ):

Баъдан исёни полковник Худойбердиев М. дар шаҳри Турсунзода ва хуҷуми ӯ ба вилояти Суғд ҳукуматро водор намуд, ки ба мустаҳкам намудани сарҳади дохилӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Дар ин минтақаҳо соли 2000 ҳафт отрядҳои сарҳадӣ ташкил карда шуд ва бо нерӯ ва лавозимоти зарурии техникӣ таъмин карда шуданд. Моҳи феврали соли 1997 бо фармони Президенти ҷумҳурӣ раиси Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С.К. Камолов таъин гардид.

Аз ҷониби роҳбари давлат барои дар оянда ташаккул додани Қушунҳои сарҳадии ҷумҳурӣ дар назди роҳбарияти Кумита вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд. Ҳалли ин вазифаҳо заҳмати бисёреро талаб мекард. Моҳи майи соли 1997 лоиҳаи сохтори Кумита ва Низомномаи он ба Ҳукумат пешниҳод карда шуд. Сохтори Кумита ва Низомномаи он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурӣ аз 05 августи соли 1997 таҳти рақами 346-9 тасдиқ ва шумораи сарҳадбонон зиёд карда шуд. Теъдоди отрядҳои сарҳадӣ, комендатураҳои сарҳадӣ, кисмҳои ҳарбии таъминотӣ зиёд карда шуд. Мутобиқи ин сохтор дар шаҳри Душанбе бемористони низомӣ ва дар фурудгоҳи пойтахт шӯъбаи назоратии сарҳадӣ таъсис дода шуданд. Ҳамчунин дар фурудгоҳи Хуҷанд шӯъбаи назорати сарҳадии вилояти Суғд таъсис дода шуда, боз якчанд нуктаҳои назорати сарҳадӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Дар марзҳои Узбакистону Қирғизистон бошад, нерӯҳои сарҳадӣ ҳанӯз вуҷуд надоштанд. Баъди воқеаҳои ба ҳама маълуми солҳои 1992-1993 Ҷумҳурии Узбакистон бе гуфтушунид бо Ҳукумати Тоҷикистон дар вилоятҳои Сурхандарё ва Термиз ба сохтмони иншоотҳои сарҳадӣ байни Тоҷикистону Узбекистон сар кард. Хамзамон мо шоҳиди он будем, ки давра ба давра мустаҳкамкунӣ, сохтмони иншоотҳои сарҳадӣ дар марзи Узбакистону Тоҷикистон аз ҷониби давлати ҳамсоя дар авҷ аст ва солҳои 1997-1998 қариб, ки тамоми сарҳади Узбакистон дар маҳалҳо бо ду қатор симхор дар ҳудуди вилоятҳои Сурхандарё ва Термиз мустаҳкам карда шуд. Барои таъмини ҳифзи марз ва ҳалли мушкилоти сарҳади давлатӣ бо талошҳои пайгиронаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли ин солҳо Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод, ки бо неруҳои сарҳадии давлати ҳамсоя гуфтушунидҳо карда, масъалаҳои доғи рӯз ва мушкилоти сарҳадро, ки ба ҳарду ҷониб иртибот доштанд, ҳаллу фасл намоянд.

Дар Тоҷикистони азизу ҷабрдида истиқрори сулҳ ба амал омад. Ҷанги бемаънии бародаркуш хотима ёфт ва мувофиқи Созишномаи Президент Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Кумитаи муросои миллӣ Саид Абдуллои Нурӣ ба хотири сулҳу созиш дар мамлакат дастаҳои мусаллаҳи мухолифини тоҷик ба воҳидҳои Қувваҳои мусаллаҳ шомил гаштанд. Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчубаи сулҳ ва ризоияти миллӣ ва тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 47 аз 16 феврали соли 1999 «Дар бораи таъсиси ҷузъу томҳои муваққатии доимоамалкунандаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва қисмҳои дигари ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби воҳидҳои мусаллаҳи

низомии Иттиҳоди мухолифини тоҷик» фаъолият карда, хеле корҳои назаррасро дар солҳои 1999-2000 ба анҷом расонид. Аз рӯи машваратҳое, ки ҳайати Комиссияи оштии миллӣ доштанд, пешниҳод шуда буд, ки ба Қушунҳои сарҳадӣ 2000 ҷанговарони муҳолифини тоҷик реентегратсия мешавад. Аз ин шумора 1128 нафар баъди санҷиш ба Қушунҳои сарҳадӣ шомил шуданд. Дар натиҷа дар Кумита қисмҳои ҳарбии навтаъсис: Комендатураҳои сарҳадии Ҷиргатолу Тешиктош, Ванҷу Ишкошим, Мурғобу Пролетар ташкил карда шуданд.

Баъди воҳӯриҳои зиёди Сарвари давлат бо намояндагони Хадамоти федералии сарҳадии Русия ба хулосае омаданд, ки муҳофизати сарҳади давлатӣ бо Давлати Исломии Афғонистон ба дӯши сарҳадбонони тоҷик вогузор карда шавад. Бо фармони Сарвари давлат аз 9 декабри соли 1998 тахти рақами УП-1124 оиди гузаштани 82 км хатти марзи ҷумҳурӣ бо Давлати Исломии Афғонистон дар минтақаи Дарвоз ба ихтиёри сарҳадбонони тоҷик гузашт. То соли 2005 тамоми қисмҳои ҳарбии тобеияти гурӯҳи сарҳадии Хадамоти федералии сарҳадии Русия марҳила ба марҳила ба ихтиёри сарҳадбонони Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 9 аз 30 ноябри 2006 «Дар бораи такмили сохтори макомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Чумҳурии Тоҷикистон» Кумитаи давлатии ҳифзи сарҳади давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати сохтори нави - Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда шуданд.

Мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 256 аз 11 июни соли 2001 дар заминаи курсҳои олии кӯтоҳмуддати Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзишгоҳи олии сарҳадии Тоҷикистон бо мавқеи ҷойгиршавӣ дар ноҳияи Хисор ташкил карда шуд, ки афсарони касбии сарҳадӣ тайёр менамояд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 199 аз 3 майи соли 2006 дар асоси моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ» Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ «Донишкадаи сарҳадии Тоҷикистон номида шуд».

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 123-5 аз 19 марти соли 2007 «Дар бораи Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» донишкадаи сарҳадии Тоҷикистон бо номи «Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ» номгузорӣ шуд ва маҳалли ҷойгиршавӣ шаҳри Душанбе муқаррар гардид. Аз рӯзи таъсисёбӣ то имрӯз Омӯзишгоҳи олии сарҳадиро зиеда аз 400 нафар донишомӯзон хатм кардаанд.

Ҳамчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрӣ ва созишномаҳои тарафайн бозомӯзии мутахассисони худро дар макотиби олии Русия ва мамлакатҳои дигар ба роҳ мондааст. Аз рӯи қарордоди дуҷониба баъди ба ихтиёри марзбонони Тоҷикистон гузаштани хатҳои сарҳади давлатӣ, мушовирони рус дар минтақаҳои сарҳадӣ бо сарҳадбонони тоҷик ҳамкорӣ мекунанд. Ҷумҳурии мо бо Русия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва дигар мамолики ҷаҳон муносибатҳои дипломатии хуб дорад ва ин раванд дар оянда ҳам густариш меёбад.

Аз давраи ташкилёбӣ нерӯҳои сарҳадӣ то таъсиси Қушунҳои сарҳадии Сарраёсати Кушунҳои Сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қитъаҳои сарҳади давлатӣ зиёда аз 2000 ҳазор ҳодисаҳои вайронкунии хатти сарҳади давлатӣ ба қайд гирифта шуда, 248 ҳодисаи кӯшиши сарҳадшиканӣ пешгирӣ карда шудааст. 6311 нафар сарҳадшиканон, 236 нафар интиколдиҳандагони маводи мухаддир ва 13157 нафар вайронкунандагони низоми сарҳадӣ дастгир карда шудаанд. Ҳамчунин 224 тоннаю 278 кг маҳсулоти кишоварзӣ, 165 тонна литр сузишворӣ ва маводи молиданӣ, 80 тонна пӯсти чорвои шохдори калону майда, 17 кг симоб, 133 тоннаю 679 литр спирти этилӣ, ба маблағи 1 341 892 асъори хориҷӣ мусодира шуда, ба органҳои дахлдор супорида шуд. Аз сарҳадшиканон, махфигоҳҳо ва ашхоси дигар 807 адад яроқи оташфишон, 286 366 дона тирҳои гуногункутр, зиёда аз 10 тонна маводи мухаддир ва дигар лавозимоту муҳимоти ҷангӣ мусодира гардидааст.

Имрӯзҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағгузории сохторҳои қудратӣ, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз он ҷумла ба ҳифзи сарҳади давлатӣ диққати ҳамаҷониба медиҳад. Бинобар ин, Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тадбирҳои заруриро нисбати

ҷиҳати муҳайё кардани шароитҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва барои таъмини боэътимоди сарҳади давлатӣ, риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиб додани фаъолияти сиёсию иқтисодӣ дар самти амнияти сарҳад, ҳифзи сарҳад, пешгирии амалҳои зидди ҳуқуқӣ ва амнияти шахсии инсон, ҳуқуқҳои конститутсионии озодиро дар амал татбиқ намоянд.

Мавриди қайд аст, ки дар баробари пешрафти истеҳсолот, таъмини бехатарӣ ва амнияти давлат, муҳимияти бештареро касб мекунад. Дар ин маврид Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиш, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон низ дуруст зикр намудааст, ки **«Бехатарии мамлакат аз сарҳад вобастагӣ дорад»**. Ин суханони Сарвари кишвар ҳар як афсару сарбоз, дар маҷмӯъ тамоми хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадиро чун баҳои ҳаққонӣ ба сохтор ва ҳамзамон ба сифати дастур нисбати дарки масъулияти бештар қабул намуда, дар муҳофизати марзу буми кишвар садоқатманд буданашонро нишон медиҳанд.

Марзбонони тоҷик маҳорату малакаи касбии хешро баланд бардошта, фармонҳову супориши Президенти ҷумҳуриро сармашқи фаъолияти хеш қарор дода, дар як муддати начандон тӯлонӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд.


**АДАБИЁТ**

1. Камолов С. Дар ҳифзи марзу буми кишвар. Душанбе, «Эр-граф», 2003. 223 с.
2. Бобошароф М. Марзбонони Ватан. Хуҷанд. 2001.
3. Пянджский рубеж. Документально-литературный сборник о российских пограничниках в Таджикистане (1992-2004). Под. ред. генерал-майор Александр Баранова. Душанбе, 2004.
4. Раджабов Ш.А., Махмадов А.Н. Безопасность как феномен социальной системы. Душанбе, 2007.
5. Махмадов А.Н., Асадуллоев И.К. Национальный интерес Таджикистана. Душанбе, 2009.
6. Марзбон. Маҷаллаи ҳарбию ватанпарастии Сарраёсати қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1 (01), майи соли 2009.


## ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПОГРАНИЧНЫХ ВОЙСК ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПРОЦЕССЕ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА


В процессе независимости Таджикистана были организованы правоохранительные органы, в том числе пограничные войска Республики Таджикистан, которые предназначены для охраны Государственной границы. Первые подразделения пограничных войск были созданы по решению Верховного Совета Таджикистана № 981 от 18 декабря 1992 года. 28 мая празднуется, как день пограничных войск Республики Таджикистан. Приказом Президента Республики Таджикистан за № 9 от 30 ноября 2006 года было создано Главное Управление Пограничных Войск в составе Государственного комитета Национальной Безопасности Республики Таджикистан.



**Ключевые слова:** политическая независимость, безопасность, пограничные войска, правоохранительные структуры, государства, республика, граница, государственная граница, политика.


## HISTORY OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF BOUNDARY ARMIES OF STATE COMMITTEE OF NATIONAL SAFETY OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN


During independence of Tajikistan the law-enforcement bodies were organized, including the boundary armies of Republic of Tajikistan, which are intended for protection of State border.

The first divisions of boundary armies were created under the decision of the Supreme Body of Tajikistan № 981 from December 18, 1992. May 28 is celebrated, as day of boundary armies of Republic of Tajikistan. By the order of the President of Republic of Tajikistan for № 9 from November 30, 2006 were is created senior management of Boundary Armies in structure of State committee of National Safety of Republic of Tajikistan.



**Key words:** political independence, safety, boundary armies, law-enforcement structures, state, republic, border, state border, politics.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Дж.Х.Раджабов*** - начальник кафедры общественно-гуманитарных дисциплин Высшего пограничного училища Государственного Комитета Национальной Безопасности Республики Таджикистан. Телефон: **904 45 70 55.**

# РАВАНДИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ ТАЙИ СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Фарҳоди Розиқ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро таърихан анъанаи бисёрасраи ҳамкории зич ва дӯстии халқҳо, ҳамбастагии қавии фарҳангҳо ба ҳам пайвастааст.

Федератсияи Россия аввалин шуда истиқлол ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф кард. Ҷиҳати муқаррар намудани самти нави ҳамкорӣ байни

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар шароити рушди мустақилона Протокол дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия замина гузошт, ки он 8 апрели соли 1992 дар шаҳри Душанбе ба имзо расид[1].

Аз 4 маи соли 1992 оғоз карда дар Душанбе Сафорати Федератсияи Россия фаъолият дорад. Аз рӯзҳои аввали истиқлолияти худ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти Федератсияи Россия шаҳри Москва намояндагии дипломатӣ дошт, ки он 8 июни соли 1993 ба Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия табдил ёфт, 18 декабри ҳамон сол дар заминаи он Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ба фаъолият шурӯъ кард[1].

Яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои дуҷониба рушди муносибатҳои фарҳангию гуманитарӣ мебошад. Мунтазам чорабиниҳое доир карда мешаванд, ки мақсад аз онҳо тарғиби фарҳанг, забон ва дигар арзишҳои маънавии халқҳои Тоҷикистон ва Россия мебошад.

Соли 1997 дар шаҳри Москва Рӯзҳои фарҳанги шаҳри Душанбе ва моҳи марти соли 1998 дар Тоҷикистон Рӯзҳои адабиёти Россия, соли 1999 бошад дар шаҳри Санкт-Петербург Конференсияи байналмилалии илмӣ бахшида ба 1100-солагии таъсисёбии давлати Сомониён баргузор шуданд. Мисоли дигари ҳамкории ду кишвар дар соҳаи башардӯстӣ фаъолияти бомуваффақияти беш аз понздаҳсолаи Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон (1996) дар Душанбе мебошад.

Яке аз марҳилаи нав дар равобити дуҷониба байни ду кишвар ин баргузории сафари расмии Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин 16-17 октябри соли 2004 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки дар рафти он натиҷаи ҳамкориҳои муштараки Тоҷикистону Россия дар самтҳои гуногун тайи солҳои охир ҷамъбаст гардид. Ҳалли масъалаҳои ҷойдошта дарёфт шуд, ки дар он манфиати ҳарду ҷониб ба ҳисоб гирифта шудаанд. Дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия боздиди расмии мазкур дар сатҳи олӣ ба нофаҳмиҳо нуқта гузошт.

Соли 2004 дар Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳангии Россия муваффақона баргузор шуданд. Дар чорабинии номбурда дастаҳои машҳури эҷодӣ ва овозхонони номии Россия иштирок карданд. Ин далели он аст, ки ду давлат ва халқҳои онҳо барои пойдории муносибатҳои бародарона, дӯстӣ ва такомули маънавиёт азму кӯшиш доранд. Моҳи октябри соли 2005 дар Федератсияи Россия Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон доир гардиданд.

Таъкид кардан зарур аст, ки 21 феврали соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рафти боздиди кории худ аз Федератсияи Россия бо Президенти он кишвар Владимир Путин вохӯрд. Роҳбарони ду давлат роҷеъ ба вазъи ҳозираи робитаҳои дуҷониба, инкишофи минбаъдаи он ва масъалаҳои дигари мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳо табодули назар карданд. Президенти Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки дар шаҳри Душанбе филиалҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов, Донишгоҳи энергетикии Москва ва Донишгоҳи давлатии кӯҳии Санкт-Петербург кушода шаванд[2].

Бо мақсади густариши ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи маориф тайи солҳои охир як қатор созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расиданд, аз ҷумла, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба таъсис ва фаъолияти Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия дар шаҳри Душанбе, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба тартиби фаъолияти мактаби миёнаи умумии Тоҷикистону Россияи Донишгоҳи славянии

Тоҷикистону Россия, Созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи молиявииии назди Ҳукумати Федератсияи Россия, Созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Елетск ба номи И.А.Бунин, Созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов оид ба шартҳои таъсис ва фаъолияти Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе ба имзо расидаанд.

Моҳи июни соли 2008 дар шаҳри Душанбе аввалин Маркази русии Фонди «Ҷаҳони рус» дар заминаи Донишкадаи давлати забонҳои Тоҷикистон бо иштироки роҳбари Фонди «Ҷаҳони рус» В.Никонов ифтитоҳ гардид.

Дар доираи Форуми III-уми зиёиёни эҷодкор ва илмии кишварҳои ИДМ дар Душанбе моҳи сентябри соли 2008 Маркази дуюми русии Фонди «Ҷаҳони рус» дар Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе кушода шуд. Муассисаи мазкур истифодабарандагони Марказро бо маводи электронии Васоити ахбори оммаи Россия ройгон таъмин менамояд, муассисаҳои таълимиро бо китобхонаи интихобшуда, коллексияи нашрияҳои мултимедӣ ва барномаҳои таълимии забони русӣ пурра мегардонад.

Дар марҳилаи муосири инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия муҳимтарин ва боэътимодтарин шарики стратегии он буда, раванди инкишофи муносибатҳои байни ин ду давлати бо ҳам дӯсту бародар дар соҳаҳои гуногун, хусусан дар соҳаи илм ва маориф сол то сол пурқувват мегардад.

Яке аз ҳуҷҷати асосии дар соҳаи рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмию техникӣ Созишнома байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илму техника, маориф, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва сайёҳӣ, ки 19 сентябри соли 1995 имзо шудааст, мебошад.

Созишномаи имзогардида ва Барномаҳои қабулшудаи тарафайн дар бораи ҳамкорӣ пайваста амалӣ мегарданд. Ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, маориф ва илм ба он равона гардидаанд, ки пеш аз ҳама муҳофизати фазои ягонаи илмӣ-фарҳангӣ ва маориф байни Тоҷикистон ва Россия мебошад.

Ҳар сол дар асоси мутобиқи тарафайн, донишҷӯёни тоҷик дар асоси шартномаи доимӣ ба мактабҳои гуногуни олии Федератсияи Россия фиристонида мешаванд. Алоқаи доимии илмӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, муассисаҳои фарҳангии ду кишвар вуҷуд дорад. Пайваста чорабиниҳои гуногуни тарғибгарӣ фарҳанг ва забон, инчунин дигар сарватҳои маъданӣ байни Тоҷикистон ва Россия гузаронида мешаванд.

Таъкид кардан зарур аст, яке аз самтҳои муҳими ҳамкории самаранок дар байни Точикистону Россия дар соҳаи илм ва маориф буда, солҳои охир он зичу судманд ба роҳ монда шудааст. Ҳамкории Точикистон бо Россия дар ин соҳа аз он сабаб муҳиму манфиатнок аст, ки дар ҷаҳони муосир барои ба зинаи нави инкишоф баромадани ҷомеа, иқтисодиёт, беҳтар шудани вазъияти иҷтимоии давлат ва баланд гардидани некӯаҳволии шаҳрвандони он, пеш аз ҳама аз иқтидор ва дараҷаи баланди соҳаи илму маориф вобастагии калон дорад.

Баҳри амалӣ гардидани мақсади мазкур Федератсияи Россия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму маориф як қатор созишномаҳои муҳим ба монанди: *Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, илм, маориф, тиб, ахборот, варзиш ва сайёҳӣ (19.05.95)* [2]*; Созишномаи байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илми Федератсияи Русия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф (18.03.97)*[1]*; Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия оид ба таъсис додан ва ба роҳ мондани фаъолияти Донишгоҳи Славянии Русия-Тоҷикистон дар ш. Душанбе (10.06.97)*[2]*; Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи атестатсияи илмиву тахассусии кадрҳои олии илмӣ–педагогӣ (12.02.97)* [3] баста шудаанд, ки заминаҳои ҳуқуқии ҳамкории дуҷонибаро ба вуҷуд овардаанд.

Ҳуҷҷатҳои мазкур барои инкишоф додани ҳамкории Тоҷикистону Россия дар соҳаи илму маориф шароити хуберо фароҳам овардаанд. Дар марҳилаи алъон ҷараёндоштаи ҳамкории ду давлат дар ин самт раванди татбиқи шартномаву

барномаҳои баимзорасида давом дорад. Ин раванд пеш аз ҳама ба мақсади дар ҳар ду кишвар ба вуҷуд овардани фазои ягонаи илмиву маърифати равона карда шудааст.

Дар асоси шартномаҳои мазкур ҳар сол шумораи муайяни донишҷӯёни тоҷикистонӣ барои таҳсил ба мактабҳои олии Россия мераванд, алоқаву ҳамкориҳои судманд байни муассисаҳои илмӣ ва илмиву тадқиқотии ду кишвар сурат мегиранд.

Аз ҷумла, мутобиқи «Барномаи кумаки Федератсияи Россия ба давлатҳо – иштирокчиёни ИДМ барои равандҳои интегратсионӣ дар соҳаи маориф», аз Русия ба Тоҷикистон: дар ҳаҷми 150 ҳазор нусха адабиёти таълимиву бадеи фиристонида шуданд; қариб 50 мактаби Тоҷикистон ба барномаи «Хонанда – ТВ» пайваст карда шуданд; ба Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон таҷҳизоти зарурӣ барои сохтмони Маркази таълими фосилавӣ ва 23 ҳазор нусха адабиёти илмиву таълимӣ интиқол дода шуданд; ба Вазорати маорифи Тоҷикистон компютерҳо, мошинҳои электронии барномарезиву ҳисобкунӣ ва дигар таҷҳизоти техникии муосир супорида шудааст.[4]

21. Нодиров Ф.М.Договорные отношения по оказанию производственно-технических услуг сельскохозяйственным коммерческим организациям (предприятиям). Монография, Душанбе, 1998. С. 5.
22. Калмыков Ю.Х. К понятию обязательства по оказанию услуг в гражданском праве. С.117.
23. Отдельные виды обязательства. Л.: ЛГУ, 1961.ч.2. С.211-213.
24. Шешенин Е.Д. Предмет обязательства по оказанию услуг // Сборник учёных трудов Свердловского юридического института. Выпуск 3. Свердловск 1964. С. 182-183.
25. Сидикова Л.Б.Договоры на возмездное оказание услуг // Сборник научных трудов Набережночелнинского филиала института экономики, управления и права. Материалы научно-практической конференции. Казань, 2001. С.18.
26. Борисов Б.А. Услуги. Правовой режим реализации. М., 1997. С. 11; Кротов М.В. Обязательство по оказанию услуг в советском гражданском праве: Афтореф. дис… канд. юрид. наук. Л., 1989.С.15., Белозеров А.В. Понятие и содержание обязательства по возмездному оказанию образовательных услуг: Автореф. дис… канд. юрид. наук. М., 2000. С. 15; Тихомиров А.В. Медицинское право: Практ., пособие. М., 1998. С.52.
27. Рахимов М.З. Правовое регулирование достижения конечного результата в предпринимательской деятельности. Душанбе, 1998.С50-100

**СОДЕРЖАНИЕ ДОГОВОРА НА ОКАЗАНИЕ УСЛУГ ПО ТРУДОУСТРОЙСТВУ**

Статья посвящена содержанию договора на оказание услуг по трудоустройству. В ней анализированы различные точки зрения относительно понятию и видов условий, составляющих содержание договора на оказание услуг по трудоустройству.

**Ключевые слова:** содержание договора на оказание услуг, нормативно-правовая основа, трудоустройство, оказание услуг по трудоустройству, деятельность агентств по трудоустройству, граждане, ищущие работу, работодатель, подбор персонала, потребитель.

**CONTENT OF THE CONTRACT ON EMPLOYMENT PROVIDING SERVICE**

The present article is devoted to the problem of the content of the contract on employment providing service. Various opt inions on concerning the nation and kinds of conditions, comprising the content of the contract on employment providing services are analyzed in the article.

**Key words:** Contract content on employment providing services, legal norms basis, employment, employment providing services, agent activity on employment, providing services, citizens searching the job, employer staff personal selection, customer.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Э.Д. Кабутов*** **-** ассистент кафедры «Предпринимательское и коммерческое право » юридического факультета ТНУ

# ТАШАККУЛИ ТАНЗИМСОЗИИ ҲУҚУҚИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

*Ризо Нусуҳиён*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Танзимсозии ҳуқуқии сармоягузории хориҷиро аз лиҳози ташаккули таърихии он дар Эрон метавон ба чаҳор давра тақсим намуд: 1) қабл аз соли 1334 (1956); 2) солҳои 1334 то 1357 (1956-1979); 3) солҳои 1357 (1979) то 1372 (1994) ва 4) аз соли 1372 (1994) то кунун.

*Давраи аввали сармоягузории хориҷӣ* дар Эрон дар соли 1298 ҳиҷрии қамарӣ (1872 мелодӣ) дар сатҳи қарордодӣ миёни давлати Эрон ва Барон Ҷолюси дю Ройтер (давлати Англия) ба риштаи таҳрир даромад ва имзо шуд, аммо иҷро нагардид ва ба ҷои он 16 сол баъд аз имтиёзи таъсиси бонки шоҳаншоҳӣ ба муддати 50 сол ба ҳамон шахс вогузор шуд.

Дар соли 1901 мелодӣ васеътарин имтиёзи нефтии таърих барои муддати 60 сол ба Вилям Фокс Дорсӣ (дар ҳақиқат ба давлати Англия) дода шуд. Дар соли 1932 қарордоди мазкур бекор шуд. Вале чанд моҳ баъд қарордоди 60 солаи дигаре бо ширкати Британиягӣ (давлатӣ) баста шуд.

Қарордодҳои дар боло зикршуда, қарордоди шилоти (садде, ки барои моҳигирӣ сохта мешавад) шимол ва чанд қарордоди дигар, ки натиҷаи онҳо сармоягузории таҳмилӣ тавассути давлатҳои султагар (ғосиб) дар заминаи манобеъ ва маъданҳои стратегӣ дар кишвари мо буд, собиқаи зеҳнии нохушояндеро дар мавриди сармоягузории хориҷӣ дар Эрон ба вуҷуд оварда буд.

Солҳо аз даврони шукуфоии сармоягузории хориҷӣ дар ҷаҳон, пас аз ҷанги ҷаҳонии дуввум гузашт ва дар Эрон ҳанӯз ҳамон равиши сармоягузории истеъморӣ идома дошт. Бо миллӣ шудани санъати нафт дар Эрон ва афзоиши тавони мубодилаи арзии кишвар, сармоягузорони хусусии хориҷӣ мутаваҷҷеҳи даромади рӯ ба афзоиши арзии Эрон аз нефт ва бозори бикри кишвар шуданд. Аммо тарси онҳо аз миллӣ шудани сармоягузории хориҷӣ дар Эрон боис шуд, ки таи солҳои 1330 то 1332 сармоягузории хориҷӣ ҳатто дар қолаби ширкатҳои эронӣ низ дар дохили кишвар ба сабт нарасад. Вале бо миллӣ нашудани сармояҳои хусусӣ дар тайи ин солҳо, сармоягузории хориҷӣ баъд аз соли 1332 афзоиш ёфт, ба гунае, ки тайи солҳои 1332-1335 (1954-1956) теъдоди 167 ширкати эронӣ бо саҳомдорони хусусии хориҷӣ дар кишвар ба сабт расид.

*Давраи дуввуми сармоягугузории хориҷӣ* солҳои 1334-1357 (1956-1979)-ро дар бар мегирад, ки бо тасвиби Қонуни «Ҷалб ва ҳимояти сармояҳои хориҷӣ» дар соли 1334 ва Оинномаи иҷроии он мусавваби 1335 нуқтаи атфе дар таърихи сармоягузории хориҷӣ дар Эрон ба вуҷуд овард. Аз хусусиятҳои ин қонун ин буд, ки оинномаи иҷроии он низ ба тасвиби маҷлис расид. Ба иборати дигар Оинномаи он низ ҷанбаи қонунӣ пайдо кард. Илова бар ин сармоягузорони хориҷӣ ихтиёр доштанд, ки бар асоси ин қонун ва ё бар асоси қонуни тиҷорати Эрон дар кишвар сармоягузорӣ намоянд ва маҳдудияте барои хориҷиён дар сармоягузорӣ танҳо таҳти қонуни «Ҷалб ва ҳимояти сармояҳои хориҷӣ» вуҷуд надошт. Бо тасвиби қонуни зикршуда давлати Эрон сармоягузории хусусии хориҷӣ дар кишварро таъйид кард. Бинобар ин дар ин давра, сармоягузории хориҷӣ дар Эрон ҳаммонанди бисёре аз кишварҳои дигар шакл гирифт ва бар асоси боло бурдани сатҳи зиндагӣ ва ниёзҳои иқтисодии кишвар ба хусус афзоиши даромадҳои арзӣ ва мустаҳкам шудани пайванди бозорҳои дохилӣ ба бозорҳои байналмилалӣ ва доду гирифт пеш рафт. Ба гунае ки дар авохири ин давра кор ба ҷое расид, ки давлати Эрон низ ба фикри сармоягузорӣ дар хориҷ аз кишвар афтод ва амалан сармоягузориҳои нисбатан бузурге дар хориҷ аз кишвар анҷом дод.

Дар ин давра ҳамагӣ теъдоди 1641 ширкати эронӣ бо саҳомдорони хусусии хориҷӣ дар кишвар ба сабт расид, ки болотарин рақами он дар солҳои 1354-1355 бо тартиб бо сабти теъдоди 498 ва теъдоди 338 ширкат ҳосил шуд.

*Давраи саввуми* ташаккули қонунгузории ҶИЭ дар бораи сармоягузории хориҷӣ солҳои 1357-1372-ро (1977-1994) дар бар мегирад, ки он бо ба вуқӯъ пайвастани инқилоби исломӣ дар соли 1357 (1977) оғоз гардид, ки то ба андозае боиси бесуботии сиёсӣ ва амниятӣ шуд ва дар натиҷа сабаби коҳиши фаъолияти

сармоягузорони хориҷӣ дар кишвари Эрон гардид. Ба гунае аз 250 маврид сармоягузории хориҷӣ, ки тайи солҳои қабл таҳти пӯшиши Қонуни «Ҷалб ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ» дар кишвар анҷом шуда буд, ба рақами 60-64 маврид коҳиш ёфт. Дар он солҳо теъдоде аз сармоягузорони хориҷӣ фаъолиятҳои худро дар кишвар таътил намуданд ва теъдоде аз ширкатҳо ҷалби моликият шуданд.

Вуқӯи ҷанги таҳмилӣ (аз берун боркардашуда) дар соли 1359 (1981) бар ин иллат афзуд, то дар ин давра сармоягузории хориҷии ҷадиде дар кишвар сурат нагирад. Дар ин даврон давлат бо вуҷуди мушкилоти иқтисодии бисёре, ки пас аз оғози ҷанг бо он рӯ ба рӯ буд, тавонист бо тамоми тааҳудоти худ нисбат ба сармоягузорони хусусии хориҷӣ амал намояд, ки ин давра дар таърихи сармоягузории хориҷӣ дар ҷаҳон бе назир аст.

*Давраи чаҳоруми* ташаккули қоннунгузории ҶИЭ дар бораи сармоягузории хориҷӣ аз соли 1372 (1994) оғоз ёфта то ба кунун идома дорад.

Пас аз гузашти чанд сол аз поёни ҷанги таҳмилӣ ва эҷоди суботу оромиш, боиси фароҳам шудани заминаҳои фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар кишвар шуд. Ин сармоягузориҳо муҷаддадан баъд аз соли 1372 шурӯъ шуд, аммо ба далели мутобиқ набудани қонунҳои сармоягузории хориҷӣ дар Эрон бо қонунҳои рӯзи дунё ва эҳсоси ниёз ба тағйир дар онҳо аз соли 1372 муқаддамоти эъмоли тағйирот дар қонуни «Ҷалб ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ» дар кищвар оғоз шуд, то ин ки дар моҳи хурдоди 1381 (2003) қонуни нав ба тасвиб расид. Пас аз он дар моҳи хурдоди ҳамон сол Оинномаи он ба тасвиби ҳайати вазирон расид ва дар ин замина созмоне бо номи «Созмони сармоягузории хориҷӣ» дар Эрон таъсис ёфт.

Ба тавре, ки пас аз тағйироте, ки дар қонун ва Оинномаи иҷроии он дар соли 1381 (1994) ба амал омад, дар муддати нимаи дуввуми ҳамон сол беш аз чор миллиард доллар дархости сармоягузории хориҷӣ ба «Созмони сармоягузорӣ ва кумакҳои иқтисодиву фании Эрон» ҷойгиршуда дар вазорати умури иқтисод ва доройӣ расид. Бояд гуфт, ки ин мизон дархости сармоягузорӣ дар нимаи дуввуми соли 1381 (2003) болотар аз ҳамаи дархостҳои сармоягузории хориҷӣ дар 10 соли гузашта будааст. Зимни ин ки рақами зикршуда, ҷудо аз срмоягузориҳои дар робита бо бахши нефту газ ва ё дагар сармоягузориҳои хориҷӣ аст, ки таҳти қонуни тиҷорати Эрон анҷом шудааст.

*Нақши Қонуни ташвиқ ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ.* Аз соли 1334 (1956) чорчӯби қонуни сармоягузории хориҷӣ дар Эрон ба унвони қонуни ҷалб ва ҳимояти сармояҳои хориҷӣ тадвин ёфта буд, ки Маҷлиси Шӯрои Исломӣ барои фароҳам овардани заминаи қонунии муносиб барои ҷалб ва ба хидмат гирифтани сармоя ва фановарии хориҷӣ, амалӣ гардидани тавсеаи иқтисодии кишвар пас аз гузашти бӯҳронҳои ҷанги таҳмилӣ, таҳаввулоти инқилобии кишвар ва суботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, Қонуни «Ташвиқ ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ»-ро дар соли 1381 (2003) тадвин намуд. Ин ҷойгузинӣ боиси тавсеаи чорчӯби қонунӣ ва муҳити фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар Эрон гардид.

Қонуни мазкур ва тасвиби Оинномаи иҷроии он аз сӯи ҳайати давлат боиси густариши ҳавзаи фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ, ба расмият шинохтани равишҳои нави сармоягузорӣ, монанди лоиҳаҳои молиявӣ (Project Financing), равишҳои фурӯши дутарафа (Buy Back) ва анвои равишҳои сохт, баҳрабардорӣ ва вогузорӣ (BOT)[1], эҷоди ташкилоти воҳид бо номи маркази хадамоти сармоягузории хориҷӣ дар созмонҳои сармоягузорӣ ва кумакҳои иқтисодӣ ва фаннии Эрон ва озодсозии бештари созкориҳои арзӣ гардид. Раванди тақозо барои сармоягузории хориҷиро афзоиш дод. Пас аз тадвини Қонуни зикршуда ба Оинномаи иҷроии он ва амалӣ шудани он, сармоягузориҳои зиёде дар Эрон сурат гирифт ва дар раванди иҷрои ин қонун мушкилоте дар амал ба вуҷуд омада буд, ки барои ҳалли мушкилот ва монеаҳои иҷроӣ, Оинномаи иҷроии ин қонун дар солҳои 1387 ва 1388 баррасӣ ва дар бархе маворид ислоҳ гардид. Ба тавре, ки боиси осон шудан дар раванди танзимсозии ҳуқуқӣ дар сармоягузории хориҷиён дар Эрон гардид.

*Хусусиятҳои Қонуни ташвиқ ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ,* ки дар мавриди сармоягузории хориҷӣ имтиёзҳоеро муқаррар намудааст, баррасӣ мекунем.

Инак, дар асоси моддаи 1 Қонуни боло сармоягузорӣ дар сурате сармоягузории хориҷӣ маҳсуб мешавад, ки маншаъ ва решаи сармоя берун аз кишвар бошад.

Бинобар ин, сармоягузории ашхоси ҳақиқӣ (воқеӣ) ва ё ҳуқуқӣ, чӣ эронӣ ва чӣ ғайри эронӣ метавонад бо иҷрои шарти мазкур таҳти пӯшиши «Қонуни ташвиқ ва ҳимояи сармоягузории хориҷӣ» сурат пазирад. Сармояи хориҷӣ метавонад ба сурати нақд ва ё ғайри нақд дар қолаби мошинолот ва таҷҳизот, маводи аввалия, хадамоти тахассусӣ ва ҳуқуқ, дониши фанниву маънавӣ бошад.

Қонуни мазкур ҳамаи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузоронро ба расмият шинохта, дар муқобили рискҳои ғайритиҷорӣ эмин намудааст. Таваккалиҳои марбут ба нақлу интиқолоти сармоя ва ҷалби моликият, аслитарин таваккалиҳое ҳастанд, ки ба сармоягузорӣ дар як кишвари пазирандаи сармоя ба шумор меравaнд. Дар ҳақиқат қонуни «Ташвиқ ва ҳимояи сармоягузории хориҷӣ» барҳақ, нақлу интиқолро ба унвони асоситарин ҳуқуқи сармоягузории хориҷӣ таъкид намудааст. Ҳамчунин пардохти хисорат дар мавриди сармоягузориҳои хориҷиро дар сурати ҷалби моликият ва миллӣ шудан тавассути давлат барои манофеи умумӣ танзим кардааст. Зимни ин ки таъкид намудааст ҷалби моликият сурат намегирад, магар барои манофеи умумӣ, бо тай намудани мувофиқатсозии қонунӣ ва ба равиши ғайри табъизомез ба ин маъно, ки байни шаҳрвандони хориҷӣ ва эронӣ дар эъмоли ин қонун фарқе вуҷуд надорад.

Қонуни зикршуда имтиёзҳои зиёдеро барои таъмини манофеи сармоягузорони хориҷӣ қарор додааст, ки аз ҷумлаи ин осонихо «маркази хадамоти сармоягузориҳои хориҷӣ» дар созмони сармоягузорӣ ва кумакҳои иқтисодиву фаннии Эрон ҷойгир буда, барои зуд ва осон анҷом ёфтани умури марбут ба сармоягузориҳои хориҷӣ дар марҳилаҳои пеш ва баъди аз содир намудани иҷозатнома имкони дастрасии мустақим ба созмонҳо ва муассисоти давлатии дахлдор аз тариқи намояндагони муқими он созмонҳо, муаррифии равишҳо, роҳкорҳои қонунии нав дар робита бо қабул намудани сармоягузориҳои давлатӣ, яксонии ҳуқуқ, имтиёзҳо ва манфиатҳои миёни сармоягузори дохилӣ ва хориҷӣ, ҳимояти қонун аз сармоягузор барои дарёфти хисороте, ки аз дахолати давлат сар задааст, имтиёз дар содир намудани визаи вуруду хуруҷ, парвонаи иқомат ва иштиғол барои сармоягузорон, мудирон, коршиносон ва бастагони дараҷаи аввали онҳо ва монанди инҳо метавон ишора кард.

Қонуни ташвиқ ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ имкони сармоягузорӣ дар ҳамаи ҳавзаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар Эронро фароҳам месозад. Дар воқеъ, ҳеҷ арсае ба ҷуз ҳавзаҳои марбут ба таслиҳот (аслиҳаҳо), муҳимот ва он чӣ марбут ба амнияти миллӣ мешавад, мисли баъзе аз саноати ҳавоӣ, бар рӯи сармоягузориҳои хориҷӣ баста намебошад.

*Тарзҳои қонунии сармоягузории хориҷиро* қонуни мазкур дар Эрон танзим намудааст. Инак, мутобиқи он сармоягузории хориҷӣ ба ду тариқи зер нишондодашуда анҷом дода мешавад [2]:

А) *Сармоягузории мустақими хориҷӣ* дар заминаҳое, ки фаъолияти бахши хусусӣ дар он муҷоз мебошад. Дар сармоягузории мустақими хориҷӣ (FDI)[3], ширкат ё фарди сармоягузори хориҷӣ ба таври мустақим дар дороиҳо ва манофеи кишвари сармояпазир, сармоягузорӣ мекунад. Ин ҳолати сармоягузории хориҷӣ дар ду шакл мумкин аст зоҳир шавад:

1) сармоягузории мустақими хориҷии мустақил, ки аз назари ҳуқуқӣ ба ширкатҳои фаръӣ бо моликияти 100% хориҷӣ гуфта мешавад ва сармоягузори хориҷӣ дар шӯъбаҳои худ дар кишвари мизбон аз ҳар назар истиқлол дорад;

2) сармоягузории мустақими хориҷии муштарак. Дар ин ҳолат манофеъ, ҳазинаҳо ва мудирияти воҳид мутобиқ бо саҳми сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ (саҳомӣ) ва ё бар асоси тавофуқи аввалия (қарордодӣ) тақсим мешавад. Маъмулан қисмате аз сармоягузориҳои муштарак ба давлат ё афроди шаҳрванди мизбон тааллуқ дорад. Имтиёзи ин навъ сармоягузорӣ он аст, ки нигаронии сармоягузори хориҷӣ бар асоси эъмоли иқдомот ё қонунҳои шадид бар зидди ин тарҳҳои муштарак дар он кишвар бартараф мешавад. Аз ин дидгоҳ ин равиш шароити итминонбахштаре нисбат ба сармоягузориҳои мустақил фароҳам мекунад.

*Б). Сармоягузории ғайримустақими хориҷӣ* ба шарти тартиботи қарордоде, ки имкони анҷоми ҳар навъ сармоягузории таърифшуда дар Қонуни ташвиқи сармоягузории хориҷӣ ба ҷуз сармоягузории мустақимро фароҳам месозад. Тартиботи қарордоде, ки дар қонуни мазкур аз онҳо ном бурда шудааст, иборатанд

аз «мушорикати маданӣ» «хариди мутақобил» «сохт, баҳрабардорӣ ва вогузорӣ», ки ҳар як аз онҳо анвои гуногуне дорад, ки хусусияти мухтасари онҳо чунин аст:

*1) BOT (Build Operate Teransfer)*[4]. Дар ин ҳолат сармоягузори хориҷӣ вазифадор аст тарҳи мавзӯи қарордодро дар давраи мушахасе эҷод карда, бо баҳрабардорӣ аз он ҳазинаҳои аввалияро ҷуброн ва фоидае низ касб кунад ва дар поёни ин давра, моликият ва идораи он воҳидҳоро ба давлати кишвари мизбон вогузор кунад. Пас аз сохт ва баҳрабардорӣ баробари қарордоди сармоягузор дар муддати муайяне аз манофеи ба даст омада аз тарҳ баҳрабардорӣ мекунад ва сипас моликияти онро ба давлати мизбон вогузор мекунад. Ин равишро метавон яке аз равишҳои нав ва самараноки хусусисозӣ ном бурд, ки ширкат намудани фаъоли бахши хусусӣ дар эҳдос (ташаккул) ва тавсеаи (рушд) тарҳҳои зербиноӣ ба ҳамроҳ дорад.

Аз ҷумлаи имтиёзҳои ин равиш коҳиши мушкилоти зиёди давлат дар заминаи қарзҳои хориҷӣ, пазириши риск тарҳҳо, поён будани короии тарҳҳо ва таъмину тазмини асл ва суди сармоя дар муддати баҳрабардорӣ ва ғайра мебошад. Интиқоли технология ба кишвар ва тавсеаи зербиноӣ аз хусусиятҳои аслии шакли BOT ба ҳисоб меравад, ки дар навъҳои ҷудогонаи он ба амсоли зер ифода мегарданд:

- қарордодҳои сохт, моликият ва баҳрабардорӣ (BOO) [5];
- қарордодҳои сохт, моликият, баҳрабардорӣ ва вогузорӣ (BOOT)[6].

Дар навъи BOO воҳиди дахлдор пас аз эҷод барои муддати номаҳдуди таҳти моликият ва баҳрабардории сармоягузори хориҷӣ қарор мегирад. Дар ин равиш, моликияти тарҳи сармоягузоришуда ба кишвари мизбон интиқол намеёбад ва аз даромади ҳосилшуда сармоягузор дар дарозмуддат суд мебарад.

Дар навъи BOOT бошад пас аз эҷоди воҳид, моликият дар ихтиёри ширкати хориҷӣ буда, муддате баҳрабардорӣ анҷом мешавад ва сипас он воҳид ба давлати кишвари мизбон интиқол меёбад.

*2) BTO (Build Transfer Operate)*[7] шакли дигари сармоягузории хориҷӣ мебошад, ки тибқи он моликияти воҳиди санъатӣ пас аз сохта шудан ба давлати мизбон вогузор шуда ва сармоягузори хориҷӣ дар баҳрабардорӣ ва даромадҳои он бо давлати саҳмдор аст.

Илова бар мавридҳои дар боло овардашуда шеваҳои дигаре низ аз қабили сохт, иҷора ва интиқол (BLT)[8], сохт, иҷора ва баҳрабардорӣ (BLO)[9], тарроҳӣ, сохт, баҳрабардорӣ ва нигаҳдорӣ (DBOM)[10], эҳё, баҳрабардорӣ ва интиқол (ROT)[11], эҳё, баҳрабардорӣ ва моликият (ROO)[12] истифода мегарданд.

Дар ҳоли ҳозир равишҳои BOO ва BOT дар Эрон бо ҷиддияти бештаре дунбол карда мешавад. Ин равишҳо патенсиали (тавоноии) бисёре дар бахши зерсохтҳои кишвар ба хусус таъмини нерӯ доранд. Дар ҳоли ҳозир тарҳҳои дар ҳоли иҷро монанди бузургроҳҳо НБОҳо, фурӯдгоҳҳо, ва дигар шаклҳои тавсеаи аслӣ дар кишвар ба ин сурат анҷом мешаванд. Ба ҳар ҳол шакли BOT дар заминаи тавлиди нерӯ васеъ истифодашаванда мебошад. Давлат шаклҳои муфассале барои тавсеаи нақши нерӯ дошта, барои сармоягузорӣ ба дунболи сармояи хориҷӣ мегардад. Ширкати миллии нефти Эрон ва санъатҳои мавҷуд дар минтақаҳои озоди тиҷоратӣ низ муштариҳои тавоное барои қарордодҳои BOT нерӯ ҳастанд. Аввалин тарҳи нерӯ аз ин даст корхонаи тавлиди барқ пурасар дар шимоли кишвар буд. Як конвенсияи Эронӣ, Италиявӣ ва Олмонӣ муваффақ ба ақди ин қарордод шуд.

Шакли дигари танзимсозии ҳуқуқии сармоягузории хориҷӣ дар ҶИЭ *BUY BACK* [13] *ин қарордоди фурӯши дутарафа* мебошад. Тибқи он барои эҷоди воҳиди санъатӣ ё тарҳи иқтисодӣ маводи аввалия ва мошинолоти лозим бидуни пардохти нақдии кишвари мизбон интиқол меёбад ва пас аз роҳандозии воҳид ба ҷои ҳазинаҳои аввалия, то давраҳои мушаххас маҳсулоти тавлиди ин воҳид дар ихтиёри сармоягузории хориҷӣ қарор мегирад. Дар аввалҳои даҳаи 1370, ки давлати Эрон сармоя ва техналогияи лозим барои афзоиши тавлиди нефти хом надошт, теъдоде аз тарҳҳо ба ҳадафи ҷазби мушорикати хориҷӣ дар шакли қарордодҳои BUY BACK – муомилаҳои дуҷониба (харидуфурӯш) ва хариди дутарафа (Counter Purchase Contracts) таъриф шуд.

*А) Муомилаҳои дуҷониба* навъи шакли таъмини моли ғайриқарзӣ аст, ки дар он фурӯшанда ё таъминкунандаи манобеи молӣ муттаҳид мешавад ба ҷои фурӯши ашё ё хадамот ба харидор, муодили арзиши мубодила сурат гирифта, ашё ё хадамот

харидорӣ кунад. Дар қарордодҳои муомилаҳои дуҷониба, мошинолот ва таҷҳизот бо тавлидоти ҳамон воҳид баргирифта аз ҳамон мошинолот ва таҷҳизоти пайваста мебошанд ва бозпардохт фақат аз маҳалли тавлид сурат мегирад. Ба ҳар ҳол дар қарордодҳои BUY BACK лозим аст судури колоҳои тавлид мутобиқи шароити қарордод тавассути ширкатҳои хориҷии дахлдори тазмин ва тааҳудшуда бошад.

Дар таъмини молӣ дар шакли муомилаҳои дуҷониба, таъминкунандаи молӣ ҳаммонанди равиши сармоягузории мустақими хориҷӣ бояд фақат ба боздиҳии худи тарҳ вобаста бошад ва интизор надорад, ки шахси севвуме монанди низоми бонкӣ ва ё давлате баргашти асл ва суди сармояи вайро тазмин намояд. Бо ин тафовут, ки дар ин шакл, бар хилофи сармоягузории мустақим, ки муддати он номаҳдуд аст, сармоягузор манобеи молии худро барои муддати муайян дар ихтиёри тарҳ қарор медиҳад ва фоидае, ки гирфта хоҳад шуд, аз сармоягузории байни соҳибони тарҳҳо ва таъминкунандагони манобеи молӣ аз қабл мавриди тавофуқ қарор мегирад. Маъмулан аз ин равиш барои иҷрои бархе аз тарҳҳо тавассути дастгоҳҳои иҷроӣ, мисли иҷрои тарҳҳои нефту газ тавассути вазорати нефт истифода мешавад.

Дар ин радиф бояд тазаккур дод, ки барои танзимсозии муомилаҳои дуҷониба дар бахши сармоягузорӣ миёни ҶИЭ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Эрон санади махсус дар сатҳҳои Шӯрои исломӣ - Қонуни мувофиқатномаи ташвиқ ва ҳимояи муттақобил байни давлати Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвибшуда, (бо таҳрир) дар таърихи 1382,2, 23 қабул намудааст, ки аз ҷониби Шӯрои нигаҳбон ба тасдиқ расидааст. Ин қонун бо назардошти умимиятҳои забонӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ғайра реҷаҳои имтиёзноки сармоягузории мутақобиларо муқаррар намудааст, ки он қонуни ягонаи муяйянкунандаи сармоягузорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҶИЭ мебошад.

Б) Қарордоди дутарафа (CPC)[14] ин созише мебошад, ки тибқи он таъминканандаи манбаи молӣ ва ё фурӯшанда ва харидори аслӣ созиш менамоянд, ки фурӯшанда аз хиридор тавлидоти худро худаш бояд бихарад ё ба шахси сеюм фурӯшад. Бинобар ин, танҳо фарқе, ки байни ин равиш ва хариду фурӯши дутарафа вуҷуд дорад, вобаста набудани манобеи молӣ бо тавлидоти қобили фурӯш мебошад.

## ТАВЗЕҲОТ

1. BOT - Bild Operate Transfer, яъне шарти сармоягузорие мебошад, ки маънии сохт, баҳрабардорӣ ва вогузориро дорад.
2. Ниг. ба моддаи 3 Қонуни ташвиқ ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ, мусавваби 1381.
3. FDI - Forgen Direct Investment, яъне сармоягузории мустақими хориҷӣ.
4. Шакли сармоягузорие мебошад, ки қарордод, баҳрабардорӣ ва вогузориро тақозо мекунад.
5. Build Operate Owen.
6. Build Operate Owen Transfer.
7. Build Transfer Operate - яъне маънии қарордодҳои сохт, вогузорӣ ва баҳрабардориро дар назар дорад.
8. Build Lease Transfer - сохт, иҷора ва интиқол.
9. Build Lease Operate - сохт, иҷора ва баҳрабардорӣ.
10. Design Build Operate Maintain - тарроҳӣ, сохт, баҳрабардорӣ ва нигаҳдорӣ.
11. Rehabilitate Operate Transfer - эҳё, баҳрабардорӣ ва интиқол.
12. Own Rehabilitate Operate - эҳё, баҳрабардорӣ ва моликият.
13. BUY BACK - қарордоди фурӯши дутарафа.
14. Counter Purchase Contracts – хариди дутарафа (хариду-фурӯш).

## АДАБИЁТ


1. Қонуни молиётҳои мустақим, мусавваби 13.12.1366 /03-03-1988 ва ислоҳоти баъдӣ.
2. Тасвибномаи шуғли нерӯи инсонӣ, бима ва таъмини иҷтимоӣ дар минтақаҳои озоди тиҷорӣ – санъатии ҶИЭ рақами 33433-т 25 мусавваби 16.03.1373. /06-06-1994.
3. Қонуни иҷозаи сабти шӯъба ё намояндагии ширкатҳои хориҷӣ мусавваби 21-08-1376./1998.
4. Оинномаи иҷроии қонуни сабти шӯъба ё намояндагии ширкатҳои хориҷӣ (тасвибномаи 13-02-1378) т. 78,930 ҳайати вазирон. 03-05-1999.
5. Оинномаи соҳибмулк шудани шаҳрвандони хориҷӣ мусавваби 1328./1940.
6. Қонун дар бораи амволи ғайриманқули шаҳрвандони хориҷӣ мусавваби 16.03.1310./1932.
7. Моддаи 9 Қонуни ташвиқ ва ҳимояти сармоягузории хориҷӣ, мусавваби 1381./2003.

**РАЗВИТИЕ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ИНОСТРАННОЙ ИНВЕСТИЦИИ В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН**

В статье проанализированы периоды правового регулирования иностранной инвестиции в Исламской Республики Иран и должное внимание отведено содержанию основных правовых форм иностранной инвестиции.

**Ключевые слова:** закон, устав, закон привлечения и защиты иностранной инвестиции, частные инвесторы, соглашение о строительстве, найм и перевозка, собственность и доходы, прямые и косвенные иностранные инвестиции, рыск инвестиции, защита права инвесторов.

**DEVELOPMENT OF LEGAL REGULATION THE FOREIGN INVESTMENT INTO ISLAMIC REPUBLICS IRAN**

In article the periods of development of legal regulation of the foreign investment into Islamic Republics Iran and proper attention are analyzed is taken away to the maintenance of the basic legal forms of the foreign investment.

**Key words:** The law, the charter, the law of attraction and protection of the foreign investment, private investors, the agreement on building, hiring and transportation, the property and incomes, direct and indirect foreign investments, investment roaming, protection of the right of investors.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ризо Носухиён*** **-** соискатель кафедры конституционного права Таджикского национального университета.

# МУШКИЛОТИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ КӮМАКҲОИ СИҲӢ ДАР АРСАИ ХАДАМОТИ ТИББӢ

***Муҳаммад Юсуфи Муҳаммад Яъқуб***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳқиқот дар мавриди кумакҳои сиҳӣ дар арсаи хадамоти тиббӣ, натанҳо мардумро аз амроз наҷот медиҳад, балки аз инкишоф ва тавсеаи амроз низ ҷилавгирӣ ба амал меоварад. Кӯмакҳои сиҳӣ дар арсаи хадамоти тиббӣ мумкин аст сӯиқасди ҳуқуқиро низ бо худ дошта бошад. Хадамоти тиббӣ мӯҳтавои кӯмакҳои сиҳиро ташкил медиҳад.

Лозим аст, васоили хидматрасонӣ бояд бо қоидаҳои қонунӣ ба манзури дифоъ аз ҳуқуқи истифодакунандагони ин гуна хадамот танзим гардад. Дар айни ҳол нишон додани хадамоти тиббӣ ва тадовӣ ба ӯҳда гирифтани ҳуқуқи маданӣ дар мутародифи ҳам қарор дорад. То ҷое, ки мулоҳиза мегардад, дар қонунгузориҳои теъдоди зиёде аз кишварҳо қоидаҳои мушаххаси қонунӣ, ҳимоят аз сиҳатии мардум ва назмдиҳандаи муносибот дар хусуси саломатии афроди ҷомеа вуҷуд надорад. Албатта, набудани чунин қоидаҳо метавонад таъсироти манфии болои сиҳати афроди ҷомеа дошта бошад.

Мавриди эътирофи зарурати ҳалли масоили баҳсталаби сиҳӣ боиси баланд бардоштани манфиати ҷомеа ба танзими ҳуқуқии мушкилоти хизматрасонии тиббӣ ва зиёд шудани корҳои илмӣ дар ин мавзӯъ гардидааст[1]. Аввалан омили ҳуқуқӣ ва баъдат омили воқеӣ боиси мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ аст.

Асоси хадамоти тиббӣ ба воситаи қарордод иҷро мегардад, зеро қарордод нуқоти заифе, ки дар ин замина дар қоидаҳои қонунӣ вуҷуд дорад мӯҳри таъйид мегузорад, яъне қарордод роли умда ва асосӣ дар иҷро кардани ӯҳдадориҳоро дорад. Агар мавзӯоти фавқ дар назар гирифта нашавад, кӯмакҳои сиҳӣ дар арсаи хадамоти тиббӣ ба сурати дуруст амалӣ шуда наметавонад[2]. Ин ба он маъно аст, ки ӯҳдадориҳо ба сурати дуруст иҷро намегардад. Чи тавре ки маълум аст, дар анҷоми ҳар амали инсонҳо қоидаҳои ҳуқуқӣ дохил мебошад.

Мавзӯи дигар ва муҳимтар ин аст, ки дар улуми муосир таҳқиқот дар мавриди расонидани зарар дар арсаи хадамоти тиббӣ камтар мавриди таваҷҷӯҳ мебошад. Он чи ки дар ин маврид сурат гирифтааст, ҷавобгӯи ниёзмандиҳои ҷомеаи имрӯзӣ намебошад. Рӯи ҳамин мавзӯъ аст, ки кумакҳои сиҳӣ дар арсаи хадамоти тиббӣ бар асоси қарордод амалӣ мегардад, ки дорои мушкилоти зиёд дар ин соҳа мебошад. Аз

ҷониби дигар таҳқиқоти илмии то ҳанӯз сурат гирифта чандон натоиҷе самарабахшро надоштааст.

Анҷоми кумакҳои сиҳӣ дар арсаи хадамоти тиббӣ, ки бар асоси қарордод ба вуҷуд меояд ва дорои мушкилот ва норасоиҳои зиёд мебошад, эъҷоби таҳқиқоти бештарро менамояд. Умедворам қонунгузорони ҷомеа, хусусан арсаи ҳуқуқ дар тадвини қоидаҳои ҳуқуқӣ таваҷҷӯҳи лозим ва ҷиддиро дошта бошанд.

Аз он ҷо, ки асоси теории ҳуқуқи маданӣ танзим ва ҳимоят аз ҳуқуқи шахсии атбоъ мебошад, лозим аст дар ин замина таҳқиқоти бештар сурат гирад. Таҳқиқоти илмӣ ва мутааддиде, ки то ҳол дар ин замина сурат гирифта, теъдоди зиёди саволоти марбути ин соҳаро ба сурати нисбӣ ҳал намуда, аммо таносуб байни шакли хадамоти қарордодӣ ва ғайри -қарордодиро дар арсаи расонидани хадамоти тиббӣ муайян насохтааст.

Дар таҷоруби илмии арсаи хадамоти тиббӣ дар солҳои зиёд ихтилофоти зиёде вуҷуд дошта ва кадом назарияе судманд ва мантиқӣ ба вуҷуд наомадааст, ба ҳамин сабаб аст дар ҳаллу фасли муазиллоти марбут дар таҷоруби ҳуқуқӣ низ ихтилофоти назариявӣ вуҷуд дорад.

Таҳқиқот дар арсаи хадамоти тиббии қарордодӣ ва ғайриқарордодӣ дар арзаи кӯмакҳои сиҳӣ ба вуҷуд омада, эъҷоби таҳқиқоти ҳуқуқӣ ва тиббии бештарро менамояд, ки ин мавзӯъ бояд ҳар чи оҷил роҳҳои ҳалли худро дарёбад ва қоидаҳои ҳуқуқӣ нақши арзандаи худро дар ин соҳа дошта бошад.

Аз ин рӯ, коркарди низоми ҳуқуқии мукаммали хизматрасонии тиббӣ кафолати муҳими амалигардонии пурмасъули фаъолияти тиббӣ хоҳад шуд. Соҳаи хизматрасонии тиббӣ ба мукаммалгардонии ҳуқуқи маданӣ зарурат дорад ва вобаста аст, ки аз як тараф ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои бемор ва аз тарафи дигар кафолати фаъолияти касбии иҷрокунандагони хизматрасонии тиббӣ оварда мерасонад. Яъне вақти коркарди механизми махсуси асосноккардашудаи ҳуқуқии бозори хизматрасонии тиббӣ расидааст, ки ба мӯттъадилгардонии фаъолияти тиббии мақсадноки иқтисодӣ ва ба пурра ва ҳаматарафа қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ба хизматрасонии тиббӣ оварда мерасонад. То он лаҳзае, ки қонунгузории амалкунада дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ мукаммал гардонида нашавад, ин хизматрасонӣ дар сатҳи баланд ва сифати хуб ба амал бароварда намешавад.

Дар айни ҳол илми ҳуқуқӣ ва амалияи қонунгузорӣ дар самти танзими ҳуқуқии истифодабарии усулҳои пешрафтаи табобат аз илми тиб ва инжинерии ирсӣ қафо мондааст, ки аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос ва тиб борҳо таъкид гардидааст[3]. Таҳқиқоти илмии то ба ҳол ба вуҷудомада, натавонистааст мавқеъ ва ҷойгоҳи кумакҳои сиҳиро дар сохтори хидматрасонии тиббӣ, таҳлил ва таҷзия намудани хусусият ва мафҳуми муносибати ҳуқуқӣ, ба қайдгирии қарордод, ахз намудани музд дар мавриди арзаи хадамот, марзбандии воҷоби қарордод ва ғайриқарордод дар арсаи кӯмакрасонии сиҳӣ ба вуҷуд омада, муайян намудани азрори сиҳӣ дар соҳаи расонидани хадамоти тиббиро муайян намояд.

Аз ин ки сиҳат ба масобаи неъмати ғайримоддӣ бо мавзуоти (ҷисмонӣ) дар организми инсон иртибот дорад ва ҳаққи доштани сиҳат ҳуқуқи шахсии инсонҳо мебошад. Аз ин ҷост, ки ҳеҷ кас ҳаққи мудохиларо ба сиҳати инсонҳо надорад. Таҷовуз ба сиҳат як амали ғайриқонунӣ ба организми инсон мебошад ва аз ҷонибе ҳам хадамоти сиҳӣ як мавзӯи печида дар ҳуқуқи маданӣ ва танзими ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Хадамоти сиҳӣ монанди соири хадамоти моддӣ аст, ки болои сиҳати инсонҳо таъсиргузор мебошад. Хадамоти тиббӣ як бахши ғайримоддии кӯмакҳои сиҳӣ, ки тобеи қоидаҳои сиҳӣ буда, бояд амнияти сиҳиро дар бар дошта бошад.

Тавре ки мушоҳида мегардад гоҳе авқот, кӯмакҳои сиҳӣ мухолифи қавонини сиҳӣ иҷро мешавад ва хатароти ҷиддии сиҳиро бор меоварад. Лозим аст, кӯмакҳои сиҳӣ ҷудо аз қавонин ва меъёрҳои сиҳӣ амалӣ нагардад. Адами дастрасӣ ва норасоӣ ба кӯмакҳои сиҳӣ ба кайфияти амнияти сиҳӣ иртибот мегирад. Норасоии кӯмакҳои сиҳӣ гоҳе метавонад моддӣ ва гоҳе ҳам ғайримоддӣ буда бошад. Бояд гуфт, ки тамоми хатароти ҷисмонӣ дар ҷараёни расонидани кӯмакҳои сиҳӣ дар миқёси расонидани хидмати тиббӣ азрори сиҳиро метавонад дар бар дошта бошад[4], ки дар баъзе маворид дар назариёти ҳуқуқӣ дар синфбандии кайфияти зарарасонии ҷисмониро, ки бо ризоияти тарафайн дар арсаи хадамоти тиббӣ ба вуҷуд меояд,

наметавон фаромӯш кард. Дар айни ҳол мавзӯи фавқ, ки ба вуҷудоварандаи зарари сиҳӣ мебошад ва иртиботи мустақим ба зарари ҷисмонӣ дорад, дар ҳол, ки агар қарордод ба ризоият ва мувофиқаи шахси мариз ақд гардида бошад.

Тамоми амалиётҳо дар соҳаи сиҳат мумкин аст хатароти ҷонибиро низ дар бар дошта бошад, зеро барои ҳар навъи фаъолият, ки дар қисмати арзаи хадамоти сиҳӣ сурат мегирад, авоқиби он на ҳама вақт сабаби ҷилавгирӣ аз зарар ва ё қобили пешгӯӣ мебошанд. Ин мавзӯъ болои муассисоте, ки вазифаи расонидани хадамоти тиббиро доранд, таъсири амиқ мегузорад.

Истифода накардан ва адами дастрасӣ ба технологияи муосири тиббӣ дар арсаи расонидани хадамоти тиббӣ дақиқан болои сиҳати мардум таъсироти манфӣ аз худ ба ҷо мегузорад[5]. Дар арсаи хадамоти тиббӣ муҳимтарин хатарро адами дастрасӣ ва норасоии амнияти сиҳӣ ва ё камбуди маълумотҳои лозим дар ин арса ташкил медиҳад. Тамоми зарари ҷисмонии ғайри мутароқиба (ғайричашмдошт) аз назари ҳуқуқӣ бояд зарари ҷисмонӣ маҳсуб карда шавад. Ироаи маълумотҳои дақиқ ва ҳамаҷониба ба мариз, яке аз аркони асосии қарордод дар соҳаи расонидани хадамоти тиббӣ маҳсуб мегардад. Чунки дар хизматрасонии тиббӣ объекте, ки ба он таъсир расонида мешавад ин бадани инсон аст ва вобаста ба ин хусусияти хоси ин муносибатҳо дар он ифода меёбад. Расонидани хизмати тиббӣ дорои натиҷаи муайян мебошад, ки ҳангоми ноил шудан ба он иҷроиши ба таври дахлдори шартномаи хизматрасонии тиббӣ ба анҷом хоҳад расид.

Умед аст, бо таваҷҷӯҳ ба мавзӯоти фавқ қонунгузорони соҳаи ҳуқуқи маданӣ, бар ғанӣ сохтани ин соҳаи ҳуқуқ аҳамият дода, ба баҳс ва мунокишоте, ки дар заминаи фавқ вуҷуд дорад, ихтитом бахшанд.

**АДАБИЁТ**


1. Материалы конференции "Медицина и право". М., 1999. С.42 - 43.
2. Тихомиров А.В. Проблемы правовой квалификации вреда здоровью при оказании медицинских услуг. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук. М., 2008. С. 10.
3. Шевченко Ю.Л. Правовые основы здравоохранения в России. М., 2000. С.35.
4. Тихомиров А.В. Проблемы правовой квалификации вреда здоровью при оказании медицинских услуг. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук. М., 2008. С. 10.
5. Шевченко Ю.Л. Правовые основы здравоохранения в России. М., 2000. С.35.



**ПРОБЛЕМЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ОКАЗАНИЯ МЕДИЦИНСКИХ УСЛУГ**

В данной статье анализируются нормы действующего законодательства в области оказания медицинских услуг, и перечисляются проблемы правового регулирования медицинской деятельности, в общем, и оказание медицинских услуг в частности. Указывается, что оказание медицинских платных услуг оказывается на основе договора возмездного оказания услуг предусмотренного гражданским законодательством. Разработка совершенной правовой системы оказания медицинских услуг является основанием и преимущественным путем качественного оказания медицинских услуг. В заключении предлагаются пути совершенствования законодательства в области оказания медицинских услуг.



**Ключевые слова:** медицинские услуги, проблемы, медицинская деятельность, правовое регулирование, разработка, правовые основы, исследование, законодательства, современная медицинская технология, медицинская помощь.



**PROBLEMS OF LEGAL REGULATION OF MEDICAL SERVICES**

This article analyzes the current legislation in the field of health services, and identifying problems of legal regulation of medical practice in general, and medical services in particular. Indicates that the provision of medical services is paid on the basis of the contract of compensated rendering of services provided by civil law. Develop a perfect legal system, provision of medical services is the basis and primarily by the quality of medical services. In conclusion, the proposed ways to improve the legislation in the field of medical services.



**Key words:** health services, problems, medical activity, regulation, development, legal framework, research, legislation, modern medical technology, medical aid.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммад Юсуф Мухаммад Яъкуб*** **-** аспирант юридического факультета Таджикского национального университета

# К ВОПРОСУ О МЕТОДАХ РЕАЛИЗАЦИИ ФУНКЦИИ ГОСУДАРСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Ф.И. Шириндженов***
**Таджикский государственный университет коммерции**

Переход к рыночным отношениям, проведение реформ и утверждение демократической государственности привело к развитию, как функций государства, так и методов их осуществления.

В юридической литературе под методами реализации функций государства традиционно понимают способы и приемы, посредством которых органы государственной власти осуществляют его функции [1]. Методы показывают, как, каким образом государство решает свои задачи, т.е. методы являются средством достижения цели.

В месте с тем, несмотря на то, что методы, используемые в реализации задач государства, разнообразны. В их основе лежат два традиционных универсальных метода – убеждение и принуждение [2].

При осуществлении своих функций Республика Таджикистан как правовое государство использует эти основные методы в различных сочетаниях для воздействия на общественные отношения.

Значение каждого из методов в отдельности неодинаково, а установление их оптимального соотношения для обеспечения наибольшей эффективности государственной деятельности представляет сложную научную и практическую задачу.

В современных условиях метод убеждения используется достаточно широко в деятельности органов государственной власти и управления. Проявляется оно в использовании средств воспитания, разъяснения, пропаганды лучших примеров, поощрения за добросовестную работу, материальное стимулирование и.т.д. В Конституции Республики Таджикистан права и свободы человека и гражданина признаются наивысшими ценностями и защищаются государством. Естественно, что при таких условиях более эффективным является убеждение, нежели чем использование метода принуждения, который в реализации государственных функций является нецелесообразным. Так, в Республике Таджикистан в целях реализации идей правового государства и построения гражданского общества, государство во многих сферах своей деятельности отказалось от первоочередного применения методов принуждения.

Республика Таджикистан, будучи по своей природе демократическим государством, не может строить отношения с населением на каких-либо иных основах, кроме как убеждения граждан в правильности своей политики. В качестве основного метода своей деятельности государственные органы Республики Таджикистан используют убеждение граждан в необходимости сознательного и добровольного соблюдения Конституции, законов и иных правовых актов Республики Таджикистан.

Вопрос об убеждении как о методе осуществления функций государства является малоизученным. Несмотря на то, что приоритетность применения метода убеждения многими учеными признается, тем не менее, на практике, применению данного метода уделяется меньше внимания. Это, прежде всего, связанно с недостаточным развитием многих социально ценных общественных отношений в Республике Таджикистан, которые, непосредственно связаны с недостаточным использованием мер убеждения.

В юридической литературе неоднозначно подходят к определению метода убеждения как средства государственного управления. По мнению некоторых исследователей убеждение – это воздействии на сознание людей с целью добровольного соблюдения гражданами и должностными лицами норм права и предупреждения правонарушений [3].

Согласно позиции Д.Н. Бахраха, убеждение – это процесс последовательно осуществляемых действий, который включает в себя такие элементы, как овладение вниманием, внушение, воздействие на сознание, эмоции, разжигание интереса, возбуждение желания [4]. Следовательно, убеждение-это метод воздействия государства на сознание и поведение людей, представляющий собой комплекс воспитательных, разъяснительных и поощрительных мероприятий, осуществляемых в целях повышения сознательности и правовой дисциплинированности, добросовестного соблюдения всеми гражданами правовых норм. Поэтому процесс последовательно осуществляемых

действий, который включает в себя такие элементы, как правильно отметил профессор Д.Н Бахрах это овладение вниманием, внушение, разжигание интереса, возбуждение желаний, стимулирование действий, к выполнению правил поведения закрепленных в нормах права.

Сущность убеждения заключается в том, что это вид социальной целенаправленной деятельности, в результате которой идеи, ценности и установки, формулируемые обществом в целом или отдельными группами, и первоначально внешние по отношению к конкретному индивиду, становятся его внутренними личными идеями, установками и ценностями. т.е. становятся его убеждениями, определяющими всю его жизнедеятельность в условиях свободного выбора[5].

Содержание метода убеждения выражается в деятельности государства в использовании различных разъяснительных, воспитательных, организационных, поощрительных мер для формирования воли властвующего или ее преобразования в волю подвластных.

Применение мер убеждения - это часть большой идеологической работы, осуществляемой государственными органами. Убеждение как метод реализации функций государства представляет собой активное и систематическое воздействие на сознание и поведение людей. Убеждение часто выступает как средство профилактики правонарушений и укрепления законности. Среди мер убеждения — разъяснение, обоснование, обсуждение, внушение, поощрение обучение, пропаганда, агитация, обмен опытом, показ положительных объектов управления, также инструктажи, митинги, собрания, реклама, своевременное реагирование на обращения, выставки, конкурсы, смотры, лозунги, призывы, программы, публичные слушания, диспуты и многое другое находятся в арсенале средств убеждения.

Метод убеждения должен быть основным методом деятельности государства по реализации своих функции, что предполагает систематическую работу по убеждению масс, формированию общественного сознания в необходимости должного поведения участников управленческих общественных отношений, строгого соблюдения ими установленных государством правил. Разъяснение целей государства, проектов законов, правительственных программ, проводимых властью мероприятий и т.п. необходимо потому, что они затрагивают интересы большинства граждан и должны быть им понятны.

Так, например, в целях повышения правовой грамотности населения сотрудники правоохранительных органов знакомятся с населением и с учетом особенности отдельных его групп - профессии, занятия, возраст и т.п. строят воспитательную работу. Они выступают с докладами, лекциями на предприятиях, в учреждениях, в учебных заведениях, жилищных конторах; организуют в школах, домах культуры и пр. Также используются пресса, радио, телевидение, разъясняют характер, и содержание установленных государством правил поведения и тем самым популяризируют законы, указы и другие нормативные акты, регламентирующие общественный порядок.

Главное в убеждении - это добровольность совершения действий субъектом обязанным совершить эти действия. При этом, подвластный всегда обладает определенной свободой выбора. Задача государства в этом случае заинтересовать, стимулировать правомерную активность участников общественных отношений. Также благодаря убеждению достигается единство воли законодателя и граждан, руководителя и коллектива, которое является необходимым условием единства действий.

Для формирования правомерного поведения необходимо воспитание правовой дисциплины, привычки подчиняться и соблюдать закон. Иногда знание прав и обязанностей уже оказывается достаточным для того, чтобы конкретные субъекты были дисциплинированными и неукоснительно подчинялись предписаниям.

Государство в лице своих органов должно убеждать общественность в том, что «убеждение», а не «принуждение» характеризует демократическое общество. Будет непросто – это потребует долгого и кропотливого труда, но дело того стоит. Главное – убедительно раскрыть преимущества добровольного выполнения обязанностей, представлять людям факты таким образом, чтобы они осознали обоснованность аргументов.

Важным средством убеждения является поощрение. Поощрение - это форма и мера юридического одобрения добровольного заслуженного поведения, в результате чего субъект вознаграждается, для него наступают благоприятные последствия[6].

Некоторые исследователи считают, поощрение самостоятельным методом реализации функций государства[7]. Но в юридической литературе широко распространено мнение, что существуют два способа воздействия на сознание и волю людей: убеждение и принуждение»[8]. «Поощрение, создавая в сознании отдельных граждан и их коллективов убеждение в правильности и полезности определенного варианта поведения, служит в известном смысле средством убеждения»[9]. Такая позиция представляется нам более правильной, так как основной целью поощрений - убедить субъекта в том, что за определенные достижения в осуществлении предлагаемой модели поведения, за особый вклад, за мужество и отвагу, за перевыполнение требуемых стандартов, параметров, показателей он будет вознаграждаться или для него наступают благоприятные последствия. Так, в ст. 38 закона Республики Таджикистан «О государственной службе», прямо сказано, что «за служебные достижения, продолжительную и безупречную службу, выполнение особо важных государственных заданий государственный служащий поощряется»[10]. Мы также склоны к тому, что поощрением можно достигнуть многих целей, вместе с тем представляется целесообразным комплексное использование таких мер как поощрение, обоснование, объяснение, обсуждение, внушение являющимися мерами убеждения.

В условиях демократии и укрепления законности в Республике Таджикистан роль убеждения постепенно начинает возрастать.

Несмотря на все достоинства и значимость метода убеждения, только одним убеждением невозможно реализовать все функции государства и выполнить поставленные перед государством задачи. Когда средства убеждения оказываются, недостаточными и нерезультативными, например: когда нарушаются требования правил, норм и законов, действующих в сфере государственного управления, применяется принуждение. Принуждение традиционно характеризуется как вспомогательный метод и должно применятся, только, после того, когда убеждение исчерпает все свои ресурсы. Следовательно, принуждение является вспомогательным методом осуществления функции власти, сочетается с убеждением и применяется в тех случаях, когда убеждения оказывается недостаточно для достижения поставленной цели.

Принуждение необходимо для охраны правопорядка, собственности, прав и интересов граждан и организаций, создания нормальных условий для деятельности аппарата публичной власти. Это хотя и не главный, но важный и необходимый метод властвования.

В юридической науке имеются различные подходы к определению понятия государственного принуждения. В самом общем виде, государственное принуждение определяется как физическое, психическое или иное воздействие, осуществляемое на основе закона уполномоченными органами в отношении определенных субъектов вопреки их воле и независимо от нее в целях защиты личных, общественных или государственных интересов[11].

Цель принуждения - заставить конкретные субъекты права соблюдать определенные предписания или воздержаться от тех или иных действий, т.е. принудить действовать по воле властвующего субъекта, в интересах государства. Принуждение является методом, формирующим состояние подчиненности субъектов, и представляет собой властное веление или прямое действие. Достижение желаемого результата при использовании метода принуждения осуществляется вопреки воли субъекта. Принуждение в той или иной мере ограничивает свободу человека, ставит его в такое положение, когда у него нет выбора, кроме варианта, предложенного государством. Посредством принуждения стимулируется общественно полезное поведение.

Ценность принуждения заключается в том, что посредством мер принуждения предотвращаются нежелательные последствия, а также восстанавливаются прежние фактические и юридические положения субъектов права.

В реалии, принуждение, применяемое правоохранительными органами в рамках и в соответствии с законом, является необходимым для предотвращения или прекращения негативных последствий правонарушения, а также наказания виновных в его развязывании. Значимым является то, что государство в лице его органов осуществляли не карательную, а творческую, созидательную деятельность, т.е сущность и назначения методов убеждения и принуждения в современном обществе раскрываются в их сочетании в процессе применения.

Вопрос по определению вида (формы) принуждения также является спорным. Однако, как верно на наш взгляд указывает В. В. Серегина под формой государственного принуждения, следует понимать объединенные общностью целей, оснований, правовых последствий и процедуры применения специфически обособленные группы мер принуждения, которые можно отграничивать друг от друга, классифицировать[12].

В Республике Таджикистан используются следующие основные виды принуждения: а) предупредительные (превентивные) меры; б) меры пресечения; в) право-восстановительные меры; г) юридическую ответственность. Именно в рамках названных основных видов государственного принуждения реализуются возможные правовые способы обеспечения правопорядка:

а) предупреждение правонарушений и иных нежелательных последствий (проверка документов с целью предотвращения правонарушений, прекращение или ограничение движения транспорта, пешеходов при авариях и стихийных бедствиях и др).

б) пресечение правонарушений например (административное задержание, привод, обыск и т. д ).

в) восстановление нарушенных правовых состояний (восстановление чести и доброго имени и другие виды восстановления нарушенных прав).

Г) наказание правонарушителей.

Метод принуждения всегда был и остается важным средством реализации стоящих перед государством задач и его роль в реализации государственных функции нельзя не дооценивать, так как любое государство опирается на метод принуждения, когда идет речь об установлении правопорядка.

Следует отметить, что виды и мера принуждения, как правило определяются в нормативно правовых актах, которые применяются в процессуальных формах (четких процедурах). Важным элементом принуждения является ее подконтрольность, т.е. возможность ее обжалования в независимый суд. Иначе оно может обернуться произволом государственных органов либо должностных лиц, ставящих граждан в не защищенное положение. Принуждение применятся, прежде всего для исполнения требований норм права. Характерная особенность применения принуждения заключается в том, что сама эта деятельность строго регламентирована законом.

Таким образом, обобщая вышесказанное, необходимо отметить, что принуждение предполагает насилие, сопровождается подавлением воли подвластного. Поэтому государство, защищая права и свободы граждан, интересы общества, принуждает лиц, не поддающихся мерам убеждения и общественного воздействия, к соблюдению порядка, устанавливает различные виды ответственности за совершение правонарушений. Следовательно, суть соотношения убеждения и принуждения состоит в том, что они взаимно дополняют друг друга, способствуя достижению одних и тех же целей.

Правовое государство предполагает сужение и ограничение сферы применения принуждения. Так как широкое использование метода принуждения свойствен недемократическим режимам, при демократии государство использует метод принуждения в тех сферах, где это необходимо и где без принуждения невозможно будет достижение поставленной цели. (Например: борьба с преступностью и.т.д.). Принуждение является крайним вариантом юридического воздействия на регулируемые общественные отношения и поведение его участников.

Имрӯза ҳар ҳаракате барои ҳалли мушкилоти билфеъл ё билқувва дар сатҳи Халиҷи Форс бо наздикии дипломатияи Эрон ва Арабистони Саудӣ осон хоҳад шуд. Ба ҳамин далел то кунун ҳар чараёне, ки моил ба вуҷуди таниш дар минтақаи Халиҷи Форс буд, аз фосилаҳои падидомадаи Эрону Арабистони Саудӣ суд ҷустааст.

Талош барои таҳким бахшидани равобити Теҳрону Риёз, хусусан аз соли 2002, ки Амрико Усома бин Лодани саудиаслро муттаҳам ба роҳбарии ҳодисаи 11 сентябр кард ва давлати Риёз мавриди бадгумонӣ ва тааррузи сиёсии амрикоиҳо қарор гирифт, аҳамияти босазое ёфт. Дар пайи ин ҳодиса ва рафтори таҳқиромези Амрико бо Арабистони Саудӣ ва шаҳрвандони он, мақомоти Риёз дарёфтанд, ки худ бояд бо бухронҳои минтақавӣ ба муқобила бархезад. Бумигароӣ ё минтақагароӣ (регионализм), ки тайи беш аз ду даҳаи охир шиори ормонии ҶИЭ барои дастболо шудан бар мушкилоти минтақа ба шумор меравад, батадриҷ назди давлатмардони Арабистон маъно ва мафҳуми ҳақиқии худро ёфт.

Арабистони Саудӣ бо ҷойгир шудан дар минтақаи стратегии Ховари Миёна ва Халиҷи Форс ҳамчунин хусусиятҳои фарҳангӣ ва иқтисодии вижае дорад. Ин кишвар то пирӯзии инқилоби исломии Эрон ҳамвора ба унвони яке аз ду сутуни стратегии ИМА дар давраи Никсон дар минтақа буд. Пас аз суқути Шоҳ Ризохон Паҳлавӣ Арабистони Саудӣ тавонист нуқтаи қобили такя кардан дар ҷиҳати ҷонишинии Эрон дарояд ва ба ҳамроҳи панҷ кишвари дигари ҳавзаи Халиҷи Форс ва кӯмаки ИМА содироти нафтро тазмин кунад. Ба ҳамин минвол, мавридҳои аҳамияти стратегии Арабистони Саудиро метавон ба сурати зер хулоса кард: вуҷуди Ҳарамайни шарифайн (ду масҷиди муқаддаси мусулмонон дар Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара); соҳибии 26% захираҳои нафтии ҷаҳон ва нақши қотеонаи ин кишвар дар ОПЭК; нақшофаринӣ дар Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ (дабирхонаи Созмон дар Ҷидда мебошад ва бештари буҷаи онро ин кишвар таъмин мекунад); нуфуз дар кишварҳои исломӣ; узвият дар Лигаи кишварҳои араб; мавқеияти геополитикӣ; узвият дар Шӯрои Ҳамкории Халиҷи Форс ба иловаи бозигари нақши аслии ин Шӯро будан; равобити стратегӣ бо Ғарб, хусусан бо ИМА, ки аввалин шарики тиҷоратии он аст ва ҳамҷаворӣ бо Эрону Ироқ.

Ба иловаи ин, Арабистони Саудӣ вобаста ба имконоти иқтисодӣ ба кишварҳои суннимазҳаб кӯмакҳои молӣ менамояд. Барои мисол дар байни солҳои 1984 то 1986 мардуми саудӣ ба муқовиматгарони афғон дар мубориза бар зидди нерӯҳои шӯравӣ 525 миллион доллари амрикоӣ кӯмак намудаанд. Соли 1989 бошад, 61%-и кӯмак (436 миллион аз маҷмӯи 715 миллион доллари амрикоӣ) ба муқовиматгарони афғон аз ҷониби Арабистони Саудӣ расидааст. Соли 1993 ин кишвар ба Ҳукумати Афғонистон 193 миллион доллари амрикоӣ пешкаш намуд (5,247).

Дар шароити кунунӣ равобити Эрону Арабистони Саудӣ тарҳи наве ба худ гирифтааст. Бо вуҷуди ин ки зоҳиран равобити дипломатӣ дар қолаби сафарҳои мақомоти ду тараф ба кишварҳои якдигар ва ҳамфикриву ҳамкорӣ барои умури минтақавӣ барқарор аст, аммо дар амал нигоҳи Арабистон ба фаъолиятҳо ва танишофариниҳои Эрон дар минтақа нигоҳе манфӣ ва ҳамроҳ бо нигаронӣ аст. Гарчӣ мақомоти расмии Эрон ва Арабистони Саудӣ алоқае ба фош кардани

ихтилофоти худ надоранд, аммо изҳори назарҳои ғайрирасмии ду тараф доғи ихтилофоти сиёсии пушти пардаро тақвият мекунад.

Арабистони Саудӣ дар навбати аввали нигарониҳои худ фаъолиятҳои ҳастаии Эронро мавриди назар дорад. Дар воқеъ ин кишвар барномаи ҳастаии Эронро аломати дигаре аз баландпарвозиҳои минтақавии давлати Теҳрон арзёбӣ мекунад ва бо чунин тасвире саудиҳо ва муттаҳидони онҳо тасаввур мекунанд, ки Эрон ба кӯмаки Сурия дар пайи нуфузи бештар ёфтан бар давлатҳои Ироқ, Лубнон ва Фаластин аст, то бо ин васила мавқеияти бартариро дар минтақа ба даст оварад. Дар ростои ҳамин дидгоҳ аст, ки Арабистон ҳар гуна ҳаракати Ҳизбуллоҳ дар Лубнонро бахше аз стратегияи давлати Эрон барои густариши нуфузи худ дар Ховари Миёна медонад.

Аз сӯйи дигар, Арабистони Саудӣ ба воситаи иттиҳоди стратегие, ки бо Иёлоти Муттаҳида дар минтақа дорад, аз эҳтимоли ҳамлаи низомии ИМА ба Эрон низ бим дорад, зеро дар сурати вуқӯи ин ҳамла Ховари Миёна вориди буҳроне тоза шуда, дар ин миён ба Арабистони Саудӣ ҳам хисорати зиёде мерасад.

Ба таври куллӣ метавон дарёфт, ки акнун авомиле чун ҳаводиси мавҷуд дар Ироқ ва вуҷуди эҳтимоли ҳимояти Эрон аз гурӯҳҳои ниманизомии дохили ин кишвар, авзои ноороми Лубнон ва мавзӯи ҳамеша матраҳи сарзаминҳои фаластинӣ, равобити Эрону Арабистони Саудиро дучори заволу тирагӣ кардааст. Ин дар ҳолест, ки асоси авҷгирии тирагии равобити Теҳрону Риёз дар шароити кунунӣ авзои буҳронии Лубнону Сурия қаламдод кунем, Эрон худро аз иттиҳомоти ворида дар ин хусус барӣ дониста, ҳар гуна нақшофаринӣ дар ин буҳронро нодуруст мешуморад.

Президенти ҶИЭ Маҳмуди Аҳмадинажод дар нишасти матбуотии худ моҳи апрели 2009 бо хабарнигорон изҳор дошта буд, ки «Ҷумҳурии исломӣ танҳо кишваре аст, ки дар Лубнон дахолат намекунад». Дар посух ба иттиҳомоти ИМА ба Эрон дар хусуси дахолат дар авзои Лубнон ёдовар шуд, ки «Амрико ба насиҳатҳои мо гӯш намекунад ва ҳар ҷо кам меоварад, дигаронро муттаҳам мекунад. Ин равиши давлати Амрико аст, ки дигаронро муттаҳам мекунад» (12).

Раванди муносибатҳои Эрону Арабистони Саудӣ бо оғози таҳаввулоти мардумӣ дар Баҳрайн вориди марҳалаи нав гардид. Арабистон, ки бо оғози таҳаввулоти сиёсӣ дар кишварҳои шимоли Африқо ва Ховари Миёна подшоҳон ва сарварони ҳампаймони худро дар маърази сукут медид, дигар наметавонист сукути режимҳои истибдодӣ дар марзҳои наздики худро бардошт намояд ва аз ҳамин ҷиҳат бо василаҷӯӣ ва бастани қарордоди низомӣ байни кишварҳои узви Шӯрои Ҳамкории Халиҷи Форс бо номи «Сипари Ҷазира» (1981), ки бо ҳадафи эҷоди амният барои аъзои Шӯрои мазкур дар баробари нерӯҳои хориҷӣ имзо шуда буд, неруҳои низомӣ ва амниятии худро дар моҳи марти соли 2011 ба Баҳрайни дучори нооромӣ гусел дошт. Шиаҳои Баҳрайн, ки хостори адолати иҷтимоӣ шуда буданд, тавассути нерӯҳои Оли Халифа ва ба назари мақомоти эронӣ, бо ширкати низомиёни саудӣ саркӯб шуданд. Агарчанде саркӯби эътирозгарон бо кушторҳои васеъ наанҷомид, бо ин ҳол боиси пахш намудани изҳорот ва мавзеъгириҳои мутақобили ғайридӯстонае байни мақомоти Эрон ва Арабистони Саудӣ шуд (4,8).

Дар ин марҳила риторикаи сиёсати хориҷии Эрон дар муқоиса бо мақомоти саудӣ мулоимтар ба назар мерасад. Тундтарин вокуниши Эрон аз ҷониби Алиакбар Солиҳӣ, вазири корҳои хориҷии он кишвар садо дод, ки «дар сурати дахолати Арабистон дар Баҳрайн барои куштори шиаҳо, Эрон даст ба сина нахоҳад истод, балки вориди амал хоҳад шуд». Аммо ин навъи вокуниш билофосила тағйир ёфт ва мақомоти эронӣ эълон намуданд, ки «мо интизор дорем, ки Ҳукумати Баҳрайн ба сурати мантиқӣ ва бо дироят бо миллати худ бархӯрд кунад ва ба равиши мусолиматомези эътирозгарон эҳтиром бигзорад» ва «мо дар иртибот бо равобити дуҷониба мушкили хосе бо Арабистон надорем ва онро ба унвони як кишвари муҳими минтақа ва асрагузор дар арсаи байналмилал дониста, нофаҳмиҳои байни Теҳрону Риёз, ки ба сабаби таҳаввулоти минтақавӣ буд, қобили рафъ аст».

Аксуламал ё вокунишҳои мақомоти саудӣ ва ҳампаймонони онон дар Шӯрои Ҳамкории Халиҷи Форс дар баробари Эрон, аз тундии бештаре бархурдор буд. Сафири Арабистони Саудӣ дар Миср, дар вокуниш ба суханони як намояндаи порлумони Эрон, ки табиатан назари шахсии вай маҳсуб мешуд, изҳор дошт: «беҳтар аст Эрон нахоҳад қудрати низомии моро озмоиш кунад». Валиаҳди Арабистони

Саудӣ низ Эронро ишғолгар хонд ва ба навиштаи коршиносони эронӣ, подшоҳи он кишвар дар дидоре бо меҳмонони фаронсавии худ гуфт, ки Эрон лаёқати мавҷудиятро надорад. Вазири корҳои хориҷии Арабистон шоҳзода Сауд ал-Файсал изҳороти Алиакбар Солиҳиро муҷиби фитнаангезӣ дар минтақа маънидод кард (10). Ӯ ҳамчунин Эронро бо дахолат дар умури кишварҳои арабӣ, минҷумла Лубнону Ироқ ва дигар кишварҳо гунаҳгор донист (8). Ҳамин тавр, ҳарду ҷониб рақобати нуҳуфтаро ахиран ошкор намудан гирифтанд, ки усулан ба зарари ҷонибайн ва тамоман тира шудани муносибатҳо анҷом мегирад.

Дар ҳоле ки муносибатҳои байналмилалӣ дар як шакли оддӣ ва ба назар дӯстона боқӣ мемонанд, ҳамкорӣ байни ҷомеаҳо, давлатҳо ва сиёсатҳои байналмилалӣ як навъ низоъ ё адами тавофуқро ба бор меоранд. Он ҳамчунин боиси «дилемма ё вартаи амниятӣ» дар байни кишварҳои мустақили мусаллаҳ мешавад (6,115). Рақобатҳо, бухронҳо ва низоъҳо аз ҷумлаи шароити меъёрии сиёсатҳои байналмилалӣ мебошанд. Навобаста ба ин, бухронҳо боиси рақобатпазирии бештари сиёсатҳои байналмилалӣ ҳамчун омезиш ва суръатбахшии намунаҳои низоъҳо дар муносибати бозигарон дар низоми сиёсати байналмилалӣ  мебошанд (7,16). Аз ин нуқтаи назар, ҳар гуна таҳаввулоти ғайринизомӣ дар минтақа ҷанбаҳои мусбатро низ ба ҳамроҳ дорад.

Таҳаввулоти чанд соли охир дар минтақаи Ховари Миёна, бахусус ҷанги охирони Лубнону Исроил, сабабҳои нигаронии Арабистони Саудиро дар мавриди коҳиши нақшу нуфузи худ дар минтақа фароҳам овард. Аслан беш аз аз се даҳа пеш, Эрон ба яке аз муҳимтарин масъалаҳо дар сиёсати хориҷии Арабистон табдил шуда, ҳамвора дар madди назар мебошад.

Аз назари стратегӣ, тибқи дарсҳои таърихӣ як асли равобити байналмилалӣ, ки аз натиҷаҳои инқилоби Фаронса, конгресси Вена ва сипас таҳаввулоти марбут ба инқилобҳои 1830 ва 1848-и Аврупо бармехезад, он аст ки ҳарчи режимҳои подшоҳӣ дар як минтақа дар маъразi хатар қарор гиранд ё суқут кунанд, режими марказии подшоҳӣ дар он минтақа ба атрофи худ ва хусусан ба давлатҳои давру гирди худ ҳассостар шуда, вобастагиҳои мутақобилаи шадидтареро эҳсос мекунад. Ин рамз таваҷҷуҳи хоси Арабистон ба Подшоҳии Баҳрайн буда, нигаронии Риёзро нишон медиҳад.

Аммо ба ҳар ҳол ва дар ҳар шароити минтақавӣ, Арабистони Саудӣ ҳамчунон дорои аҳамияти стратегӣ боқӣ мемонад. Хусусан, нақши он дар ҷаҳони аҳли суннат дорои аҳамият аст. Ин нақш аз мавқеияти геополитикӣ, вуҷуд доштани Макка ва Мадина, ду ҷойгоҳи муқаддаси мусулмонон дар ин кишвар ва ҳимоятҳои давомдори он аз сунниҳо сарчашма мегирад. Бо таваҷҷуҳ ба нақши мазкур, дар сурате ки саудиҳо эҳсос кунанд, ки Эрон хостори бартарӣ ва дастёбии мутлақ дар минтақа ва нодидаангории нақши Арабистон аст, эҳтимоли қавӣ вуҷуд дорад, ки бо танишҳои шиа-суннӣ аз ин масъала барои маҳдуд кардани нуфузи Эрон дар минтақа, бахусус дар миёни миллатҳои араб истифода кунанд. Илова бар ин, ба осонӣ тасаввур мешавад, ки Риёз ба далели эҳтимоли дастёбии Эрон ба технологияи ҳастаӣ, бо василаҷӯӣ ба таҳияи силоҳҳои атомӣ ба ҳар шевае, давронi фарққунандае аз ҷанги сард байни Эрону Арабистонро оғоз мекунад (4,8).

Мушкили дигаре, ки фазои тираи равобити ду кишварро боз ҳам ториктар намуд, ин иттиҳомоти охири давлати ИМА алайҳи Эрон дар бораи даст доштанаш дар сӯиқасд ба ҷони сафири Арабистон дар Вашингтон бо ҳадафи талош барои ҷилавгирӣ аз ҳар гуна робитаи наздик миёни Теҳрону Риёз мебошад. Ба назари коршиносон, эҳтимолан ин иқдоми ИМА барои танг кардани арса бар Эрон бошад. Зеро он бояд далелу баҳонаҳоеро назди ҳампаймонони худ барои чунин иқдом биоварад ва мумкин аст сохтани иттиҳомот дар ин чорчӯб бошад (11).

Равобити тираи Эрон ва Арабистони Саудӣ, ду қудрати рақиб дар минтақа, ҳамчунин дар ҳоле сарду тиратар мешавад, ки ҳазорон низомии америкоӣ Ироқро тарк карда, қудрату нуфузи Эрон дар ин кишвари умдатан шианишин метавонад бори дигар нигаронии Риёзро ҷиддитар намояд. Эҳтимол ин боиси мувозинати нав дар минтақа шавад: мувозинати ду қутби қудратманди шиа ва суннӣ дар Халиҷе, ки Эрону ғайриарабҳо онро ҳамеша Халиҷи Форс мегӯянд ва арабҳо имрӯз Халиҷи Арабаш мехонанд.

Хулоса, муносибатҳои Эрон ва Арабистони Саудӣ ба унвони ду қудрати минтақа фақат замоне самту сӯйи мушаххас меёбад, ки яке аз ду кишвар ба шакли қобили дарк дасти болотаре дар муайян кардани самту сӯйи сиёсатҳои минтақавӣ биёбад. Дар ғайри ин ҳолат, яъне дар шароити тавозун, таҳаввулоти хосе рӯй намедиҳад. Афзоиши нуфузи яке ва коҳиши нуфузи дигаре дар мавқее амалӣ мешавад, ки равобити Эрон ва ИМА ба суботи қобили дарк, ба манфиат ё зарари яке аз ду кишвар, бирасад. Ҳар қадар нуфуз ё қудрати минтақавии яке аз ин ду кишвар дар Ховари Миёна бештар шавад, аҳамияти дигарӣ барои иштирок дар тарҳҳои суботи минтақавӣ бисёртар мешавад. Ҳар гуна ноором ӣ ва халалдор шудани суботу амният дар минтақа бар зиёни кишварҳои атрофи Халиҷи Форс мегардад ва бо дарназардошти нақши муҳими он дар таъмини сӯзишвории бештари кишварҳои олам, иқтисоди ҷаҳонӣ низ аз пайомади он беосеб нахоҳад монд.

## АДАБИЁТ


1. Амреев Б. Аравийские монархии и их место во внешнеполитичес-ких приоритетах Казахстана. Астана, 2004, 408 с.
2. Ди Нолфо, Э. История международных отношений 1918-1999, Москва, 1306 с.
3. Иззатӣ, И. Жеупулитик. Теҳрон, «САМТ», 1371ш. 204 с.
4. Теҳрон-Риёз: зарурати таомул (Гузориши роҳбурдӣ, Муовинати пажӯҳишҳои сиёсати хориҷӣ, шумораи 385), Теҳрон, 2010.
5. Huntington P. Samuel. The Clash of Civilizations and the remarking of World Order.New York, 1996, 386 p.
6. International Security in the Modern World, (Editted by Roger Carey & Trevor C. Salmon), St. Martin`s Press, New York, 2005.
7. Young, O. Politics of Force, Princeton, Princeton University Press, 1968.
8.www.aawsat.com/details.asp?section=4&article=644966&issueno=12008
9. www.albainah.net/index.aspx?function=Item&id=1487&lang=
10. www.aljazeera.net/NR/exeres/6F56665B-46FC-49FD-A762-146645D005D7.htm
11. www.fa.alalam.ir/news/240314
12.www.irdiplomacy.ir/index.php?Lang=fa&page=24&TypeId=1930&Action=ArticleBodyView
13.www.irpsri.com/Show.php?Page=ViewArticle&ArticleID=62&SP=Farsi
14. www.mellatonline.net index.php plitics 35-yaddasht 10484-1390-07-25-10-46-55
15. www.taseel.com display pub default.aspx?id=711&mot=1


### НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТИ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ МЕЖДУ ИРАНА И САУДОВСКОЙ АРАВИИ В ПРОЦЕССЕ ИЗМЕНЯЮЩЕГОСЯ СОВРЕМЕННОГО МИРА


В упомянутой статье авторами рассмотрены некоторые аспекты взаимоотношений между Ираном и Саудовской Аравией в процессе изменяющегося современного мира, а также, обсуждены проблемы между этими странами, являющиеся необходимо важным для экспертов по проблемам Ближнего Востока.



**Ключевые слова:** Персидский Залив, взаимоотношение, шииты, сунниты, стратегия, взаимодействие, нефть, ислам, регионализм.


### SOME ASPECTS OF THE IRAN–SAUDI ARABIA BILATERAL RELATIONS IN CHANGING PROCESS OF THE MODERN WORLD


This article is a study on Iran – Saudi Arabia bilateral relations in changing process of the modern world and discussion of problems between two countries which is very important for Middle East issue`s experts.



**Keywords:** Persian Gulf, relations, Shi`a, Sunni, strategy, collaboration, petroleum, Islam, regionalism.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***А. Н.Махмадов*** – доктор политических наук, профессор ТНУ
***З. К.Давлатов*** – соискатель Таджикского национального университета. Телефон: **+992 935296042**

# ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ РЕСУРСОВ – ЗАЛОГ УСПЕХА ГОСУДАРСТВЕННОЙ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ

***Фариза Эргашева***
**Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни**

С первых дней принятия независимости Правительство Республики Таджикистан пришло к пониманию того, что «система органов государственного управления и ее человеческие ресурсы не отвечают требованиям рыночной экономики…» [3].

Это привело к осознанию необходимости разработки особой системы управления людьми, основанной на понимании того, что персонал является основным потенциалом любого государственного органа, и что правильное использование имеющегося человеческого потенциала является залогом достижения целей и задач государственного органа. В связи с этим, появилась необходимость разработать комплекс мер по закреплению сотрудников в государственном секторе, мотивации и стимулированию персонала.

С первых шагов создания нового подхода государственного управления, усилия Правительства РТ в сфере кадровой политики были направлены на совершенствование процедур по управлению человеческими ресурсами. Было определено, что «одним из основных механизмов реализации кадровой политики в органах государственной власти и управления, органах местного самоуправления и хозяйствующих субъектах является управление человеческими ресурсами» [1, 159].

Понимая при этом, что управление человеческими ресурсами (УЧР) в системе кадровой политики – «это система управленческого воздействия на работников органов государственной власти и управления, органов местного самоуправления и хозяйствующих субъектов в целях наиболее эффективного использования их профессиональных и личностных способностей и возможностей. Это система организационных, социально-экономических, психологических, нравственных и правовых отношений, обеспечивающих эффективную реализацию возможностей человека в интересах, как самого человека, так и организации»[1, 159].

Решая эти задачи, Правительство РТ и Управление государственной службы при Президенте Республики Таджикистана последовательно создавали новую модель государственной службы Таджикистана, основанную на «формировании более эффективной, надежной, прозрачной, подотчетной, этической и профессиональной государственной службы»[8].

В рамках этой работы была создана нормативная правовая база государственной службы, разработаны процедуры управления человеческими ресурсами в сфере государственной службы.

Эти мероприятия соответствуют стратегии и политики государства в отношении УЧР. Так, в «Концепции реформирования государственной службы Таджикистана» вопросу совершенствования процедур управления человеческими ресурсами посвящен целый раздел: Политика управления человеческими ресурсами в системе государственной службы. В этом документе, в частности, отмечается: «Реформирование государственной службы как приоритетное направление в области государственного строительства, как одну из основных задач предполагает разработку *единого механизма управления человеческими ресурсами* в системе государственного управления, ее финансовое, организационное и правовое обеспечение»[2].

Закономерно, что утвержденная Правительством РТ «Программа реформирования государственной службы Таджикистана» одной из основных своих задач видит в «разработке *единой политики управления человеческими ресурсами* в системе государственного управления»[5]. В свою очередь, «Концепция государственной кадровой политики Республики Таджикистан» свое основное направление видит в «…создании и усилении роли и задач управления человеческими ресурсами в государственных органах, органах местного самоуправления и хозяйствующих субъектах…»[1, 244].

Закон Республики Таджикистан «О государственной службе»[7, 155-187] обеспечивает равный доступ граждан к государственной службе[7,158]. Это стало основанием для детальной разработки Управлением государственной службы при

Президенте Республики Таджикистан процедур по приему граждан на госслужбу, их обучению нормам и стандартам осуществления своих функций по предоставлению услуг населению и достижения задач государственных структур.

Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» и на его основе принятые нормативные правовые акты, регулирующие вопросы УЧР, стали основанием для устранения недостатков в вопросах воспитания, подбора и расстановки кадров, и в целом управления человеческими ресурсами в государственных органах и в негосударственном секторе[1, 243].

На данный момент разработаны и уже действуют нормативные правовые акты сферы государственной службы, регулирующие основные этапы и механизмы деятельности государственных органов по работе с кадрами.

Основным моментом, при этом, является понимание того, что в центре внимания УЧР стоит личность, конкретный человек, с его профессиональными и личностными характеристиками, с его субъективным отношением к выполняемому объему работ и личным отношением к тому, как выполнять и на каком уровне выполнять свои функциональные обязанности. В этом отношении в государственной службе Таджикистана разрабатывается единая система управления человеческими ресурсами, которая предполагает использование человеческого потенциала в интересах государственного органа, в интересах выполнения стратегии, достижения целей и задач, поставленных перед государственным органом.

Ни один государственный орган не может существовать без персонала, без людей, которые призваны исполнять функции по достижению целей и задач данного государственного органа. Поэтому многое в успешном развитии государственного органа зависит от целенаправленной работы с персоналом, от эффективного использования методов и механизмов УЧР в пользу, как госслужащего, так и самого госоргана.

Только тот руководитель может считаться успешным, который эффективно сочетает в своей работе передовые методы по достижению целей госоргана с постоянной работой по привлечению и закреплению у себя в структуре высококвалифицированных специалистов.

Именно поэтому управление человеческими ресурсами в сфере государственного управления и госслужбы в наши дни приобретает особенно значимый смысл. Высокий уровень конкуренции с частным сектором поставил перед государством задачу лучшего использования имеющихся ресурсов, в том числе человеческих, эффективного управления процессами отбора, расстановки, сохранения, мотивации, стимулирования, обучения, переобучения и повышения квалификации персонала. Для того чтобы выполнить все эти задачи необходимо эффективно реализовывать предусмотренные нормативной базой сферы государственной службы процедуры по УЧР. Также необходимо, чтобы кадровые службы государственных органов и сами руководители госорганов четко исполняли поставленные перед ними задачи по правильному и единообразному применению процедур УЧР, понимали важность и значимость их деятельности по работе с персоналом. А главное, непосредственно связывали стратегию развития, цели и задачи государственного органа с интересами каждого в отдельности взятого сотрудника.

В последнее время в системе госслужбы Таджикистана все актуальней видится подход перехода от управления кадрами к управлению человеческими ресурсами. Разница заключается в отношении к роли персонала (от «винтика» к партнерству) и вытекающей из этого необходимости пристального внимания работодателей ко всем сторонам обеспечения эффективности деятельности персонала, к тому, как этот основной ресурс участвует в создании продуктивности и стоимости конкретного бизнеса».

«Для эффективного использования человеческих ресурсов строится система управления, которая отвечает на вопросы: кем и чем нужно управлять, через что оказывать воздействие на персонал и трудовые действия, для чего. Из этого следует, что система управления должна содержать субъекты, объекты, профили действий для получения результатов бизнес деятельности»[4].

К сожалению, некоторые руководители государственных органов Таджикистана по сей день акцент в работе с персоналом делают только на его отборе и расстановке. В этом отношении такая процедура УЧР, как конкурсный отбор на вакантные административные должности государственной службы, прочно вошла в систему государственного управления Таджикистана. Однако, вопросам трудовых отношений, повышению

квалификации госслужащих, вопросам мотивации и стимулирования сотрудников не уделяется должного внимания. Между тем, как показывает мировая практика, даже самый отличный персонал неэффективен без организации и управления его трудом и взаимоотношениями. Работодателю надо иметь в виду, что привлечение персонала — это начало кадровой работы, и главное в ней не только нанять качественный персонал, но и построить его эффективную работу, обеспечив системность (связь по целям, задачам, средствам и методам) и комплексность (координацию с другими направлениями и службами) кадровой работы.

В процессе управления человеческими ресурсами, в основном, участвуют: (а) сотрудники кадровой службы госоргана, (б) непосредственный руководитель структурного подразделения, и (в) руководитель государственного органа. Говоря о госслужбе Таджикистана, мы можем сказать, что сам госслужащий тоже вовлечен в процесс управления человеческими ресурсами:

- Он оценивает результаты своей деятельности за истекший год (процедура оценки деятельности госслужащего),
- Представляет предложения и рекомендации по улучшению трудовой среды (процедура оценки деятельности госслужащего);
- Предоставляет информацию о своих потребностях в обучении (Правила разработки и реализации Госзаказа по обучение, переобучение, повышение квалификации госслужащих);
- Разрабатывает, вносит предложения по изменению, дополнению в свои должностные инструкции (процедура оценки деятельности госслужащего).

Исследователи в сфере совершенствования процедур УЧР указывают на то, что научно-технический и социально-экономический прогресс, четкое регламентирование деловых и межличностных отношений, связанное с резким повышением роли человеческого фактора, оказали воздействие на изменение роли кадровой подсистемы в госоргане и выдвинули управление персоналом на высшую ступень управленческой деятельности.

Потребность в создании такой системы оказалась очевидной и в условиях государственного управления Таджикистана. В своем ежегодном Послании к депутатам Маджлиси Оли Республики Таджикистан Президент Республики Таджикистан Э. Рахмон отметил, что «одним из важнейших вопросов дня является упорядочение отношений, связанных с государственной службой. Государственные служащие являются передовой и цементирующей силой государства и государственности. В этой связи они должны являть собой образец высокой дисциплины и самоотверженного преданного труда»[6].

Претворяя в жизнь пожелания главы государства, в разделе VI. «Механизмы реализации государственной кадровой политики» Концепции государственной кадровой политики РТ для организационно-методического обеспечения государственной кадровой политики в числе запланированных мероприятий предусмотрено «формирование современной системы управления персоналом на всех уровнях и обеспечение единой государственной кадровой политики».

В системе государственной службы Таджикистана, находящейся на этапе перехода от стадии реформирования к стадии своего развития, наметился приоритет в создании единой системы управления человеческими ресурсами. Именно это является актуальной темой сегодняшнего дня госслужбы Таджикистана в отношении работы с человеческими ресурсами и именно на решение этого вопроса направлены усилия государственной службы республики.

Для достижения этих целей уполномоченному органу в сфере государственной службы необходимо определить приоритеты в отношении создания единого механизма управления человеческими ресурсами государственной службы Таджикистана и целенаправленно вести работу по достижению намеченных мероприятий. Исходя из анализа ситуации по управлению человеческими ресурсами в сфере государственной службы и имеющегося потенциала кадров, автор предлагает в первую очередь осуществить следующие шаги:

1. Разработать Концепцию развития государственной службы Таджикистана на период с 2012 по 2020 годы, основной раздел которой посвятить совершенствованию и внедрению единой системы управления человеческими ресурсами сферы государственной

службы Таджикистана и развитию кадрового потенциала государственного управления страны.

2. На базе утвержденной Президентом Республики Таджикистан Концепции развития государственной службы Таджикистана разработать Программу мероприятий по реализации Концепции развития государственной службы Таджикистана. Ключевыми мероприятиями Программы должны быть вопросы усовершенствования единой системы управления человеческими ресурсами, разработка новых и совершенствование действующих процедур по управлению человеческими ресурсами.

3. Обратить особое внимание на мероприятия, способствующие совершенствованию процесса оценки деятельности государственного служащего, определению результативности деятельности госслужащего, процессу формирования системы мотивации и стимулирования государственных служащих, деловой этики, привлечению и удержанию на государственной службе талантливых молодых людей, организационной культуры и т.д.;

4. Содействовать постепенному переходу государственных органов страны от системы работы с персоналом к системе управления человеческими ресурсами; от системы простого административного исполнения мероприятий по работе с кадрами к системе стратегического планирования человеческих ресурсов и соответствия этих мероприятий стратегии, целям и задачам государственного органа.

5. Провести детальный анализ только что введенных в единую систему управления человеческими ресурсами государственной службы процедур оценки деятельности государственных служащих и ротации руководящих кадров государственной службы. Разработать практические рекомендации по правильному и единообразному применению этих процедур всеми государственными структурами Таджикистана.

6. Провести тщательный анализ внедрения Единой тарифной сетки оплаты труда государственных служащих; представить научно обоснованные и практические рекомендации по «привязыванию» результатов ежегодной оценки деятельности с Единой тарифной сеткой.

7. Разработать Методическое Руководство для кадровых служб государственных органов по применению Правил разработки и реализации Государственного заказа на профессиональную подготовку, переподготовку и повышение квалификации государственных служащих Республики Таджикистан в Институте повышения квалификации государственных служащих Республики Таджикистан. Как часть Методического Руководства предусмотреть практические рекомендации по заполнению формы заявки определения потребностей госорганов в обучении, созданию и ведению базы данных по потребностям в обучении госслужащих, а также механизму мониторинга исполнения Государственного заказа на профессиональную подготовку, переподготовку и повышение квалификации государственных служащих Республики Таджикистан.

8. Особое внимание уделить разработке должностных инструкций государственного служащего с акцентом на взаимосвязь должностных инструкций с процедурами конкурсного отбора, оценки деятельности, аттестации, ротации руководящих кадров и т.д. Сделать должностные инструкции показателем и индикатором исполнения функциональных обязанностей, а также измеряемости результатов деятельности, инструментом повышения эффективности и результативности деятельности государственных служащих.

Решение этих задач приведет к эффективному использованию человеческих ресурсов в сфере государственной службы Таджикистана и окажет содействие в достижении целей и задач государственного органа.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Концепция государственной кадровой политики РТ, Раздел IV. Управление персоналом (человеческими ресурсами) в системе кадровой политики, утверждена Указом Президента РТ, 31.12.2008, №582// Настольная книга государственного служащего. Нормативные правовые акты государственной службы, 1-ое изд., -Душанбе, изд-во «Эчод», 2009, -247 с.

2. Концепция реформирования государственной службы Таджикистана, Раздел VI: Политика управления человеческими ресурсами в системе государственной службы, 01.06.2007, № 289, www. rhd.tj

3. Национальная Стратегия Развития Республики Таджикистан на период до 2015 года, Раздел 3. НСР в системе государственного управления, утверждена постановлением Правительства РТ, 03.04.2007, № 166, www.carecprogram.org/.../TAJ-National-Development-Strategy-ru
4. Некоторые аспекты разработки стратегии управления человеческими ресурсами, vivakadry.com, 2011, Источник: Кадры предприятия №6, 2006, http://www.menpoper.ru/index/sovet/tech/10891,0.html
5. Программа реформирования государственной службы Таджикистана, утверждена постановлением Правительства РТ, 31.08.2007, 448, www. rhd.tj
6. Рахмон Э. Ответственность перед временем.Послание к Маджлиси Оли, 22.04.2002, http://www.president.tj/rus/payomho.htm
7. Совершенствование системы оплаты труда государственных служащих административных должностей государственной службы на основе Единой тарифной сетки, Закон РТ «О государственной службе», - Душанбе, 2010, -248 с.
8. Support to Civil Service Reform and Good Governance, Project Completion Report, funded by European Union, implemented by a Consortium led by Nicolas Witten Foundation, Dushanbe, Tajikistan, 26 November 2008 – 31 December 2009.

**ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ РЕСУРСОВ – ЗАЛОГ УСПЕХА ГОСУДАРСТВЕННОЙ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ**

В статье рассматриваются вопросы важности роли личности в системе управления человеческими ресурсами госслужбы Таджикистана. Автор предлагает механизм единой системы управления человеческими ресурсами, который предполагает использование человеческого потенциала в интересах госоргана для выполнения стратегии, достижения целей и задач, поставленных перед государственным органом и госслужбы, в целом.

**Ключевые слова***:* управление человеческими ресурсами, реформа государственной службы, государственная кадровая политика, государственный служащий.

**EFFECTIVE USE OF HUMAN RESOURCES – THE SUCCESS OF THE STATE PERSONNEL POLICY**

The article examines the importance of the role of personality in the Human Resource Management system in the Civil Service of Tajikistan. The author offers a mechanism for unified of the Human Resources Management, which involves the use of human potential in the interest of the state body for the implementation of the strategy, goals and tasks of the state body and Civil Service, in the generally.

**Key words:** Human Resource Management, Civil Service Reform, State personnel policy, civil servant.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*: Фариза Эргашева*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ОМИЛИ ИСЛОМӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТИИ КИШВАРҲОИ ФОРСИЗАБОН

***Ш. Ш. Саидов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Солҳои охир масъалаи омили исломӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ дар сатҳи байналмилалӣ қарор ёфтааст, ки сабаби асосии он пеш аз ҳама хусусияти динӣ пайдо кардани воқеаҳою ҳодисаҳои сиёсии минтақавию байналмилалӣ ва дохили давлатии баъзе аз кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Дин дар таърихи инсоният нақши калон бозидааст. Бо баробари рушди илму техника ва технологияи муосир мавқеи он дар ҳаёти мардуми олам коста нагардида ва баръакс имрӯзҳо яке аз мавзӯъҳои баҳсии тадқиқотгарону олимон мебошад. Аз ҷумла, дини Ислом яке аз динҳои ҷавонтарин аз замони бавуҷуд омадани худ ба як тамаддуну фарҳанги том табдил ёфта, дар зиндагии мардумони гуногуни кишварҳои ҷаҳон ҷойгоҳи махсусеро касб намудааст. Дар ин бобат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои қаблии худ дар ҷаласаи Созмони Конфронси Исломӣ чунин ибрози ақида намудаанд: «Тамаддуни исломӣ дар рушди тамаддуни умумибашарӣ бо фарҳанг, илму маърифат ва фалсафаи олии худ нақши дурахшон дорад! Баъд аз зуҳури ислом мусулмонон дар муддати ҳамагӣ чанд даҳсола ба қудрати бузургтарин ва нерӯмандтарини ҷаҳон табдил ёфтанд, ки муддати тақрибан 300- сол амалан сарнавишти минтақаҳои пешрафта ва стратегии ҷаҳонро муайян

карданд ва минбаъд низ нерӯи бонуфузи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷаҳон буданд» [1].

Кишварҳои ҷаҳон бо доштани мадели давлати дунявӣ дар сиёсати хориҷии худ ҷой доштани омили диниро инкор намекунанд ва баръакс онро ба хотири манфиатҳои миллии худ амалӣ менамоянд, ки дар ин маврид сиёсатмадори машҳури амрикоӣ М. Олбрайт дар китоби худ оид ба дин ва таъсири он дар сиёсати хориҷии давлат чунин таъкид менамояд: «Барои бомуваффақият бозӣ кардан дар нақши лидери ҷаҳонӣ, сиёсатшиносони Амрико на танҳо бояд бештар динро дониста бошанд, балки дар вақти тартиб додани стратегияи сиёсати хориҷӣ динро бояд ба назар гиранд»[2].

Барои Тоҷикистон ки зиёда аз 90% - и аҳолии он мусалмон аст, ҷой доштани омили исломӣ ин як амри табиист, ки муҳим мо тавонем ин омилро дуруст шиносем ва барои манфиати миллату давлати хеш истифода намоем. Мафҳуми омили исломиро олимон ба таври гуногун шарҳ додаанд ва ба андешаи яке аз муҳаққиқи аврупоӣ Арне К.Зайферт омили исломӣ ин – ислом, исломи сиёсӣ, аҳолии мусалмон, созмонҳои исломӣ, ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва ғайра мебошад[3]. Ҳамчунин яке аз сиёсатшиносони кишвар Усмон Давлат дар китоби хеш нисбати масъалаи омили исломӣ дар минтақаи Осиёи Мраказӣ чунин қайд кардааст: «Омили исломӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ воқеияти иҷтимоӣ-сиёсӣ дорад, ки онро нашояд инкор кард. Ва дар ҳар кишварҳо маънии ин омил ба таври гуногун мебошад»[4]. Аз дигар ҷиҳат худи аъзо будани кишварамон дар Созмони Конфронси Исломӣ далели он аст, ки Тоҷикистон чун ҷузъе аз ҷаҳони ислом буда ва дар умум ин як воситаи татбиқ намудани сиёсати хориҷии кишвар мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро сиёсати «Дарҳои кушод» эълон намуд, ки мувофиқи он кишварамон ҳамкории дӯстона ва мутақобилан судмандро бо ҳама гуна мамолики ҷаҳон пиёда менамояд. Дар ин қатор муносибати дипломатии Тоҷикистон бо мамоликҳои мусалмонӣ, Созмони Конфронси Исломӣ ва махсусан бо кишварҳои форсизабон Ирон ва Афғонистон яке аз самтҳои стратегии сиёсати хориҷии давлат мебошад. Зеро Тоҷикистон бо кишвари Ирон ва Афғонисон ҳамзабону ҳамфарҳанг, дорои дини ягона ва дар таърихи ҳазорсолаҳои қабл намояндагони як тамаддуни бузурги ҷаҳонӣ буданд.

Се кишвари таърихан ҳамзабону ҳамфарҳанг дар вақти кӯтоҳ ҳамдигарро дуруст дарк намуда, дар мушкилиҳои рӯзҳои аввали истиқлолият, Тоҷикистонро дастгирӣ намуданд. Нақши беназири Ирону Афғонистон дар сулҳи тоҷикон аз муваффақияти муносибатҳои марҳилаи аввалини ин се кишвар ҳисоб мешавад, ки чунин муносибат минбаъд заминаи хуби ҳамкориҳоро фароҳам оварданд.

Ҷой доштани омили исломӣ дар ҳамкориҳои кишварҳои форсизабон як чизи воқеист, зеро ҳар сеи ин давлатҳо дар як вақт аъзои комилҳуқуқи Созмони конфронси Исломӣ буда, ҳангоми баамалбарории ҳамкориҳои дипломатӣ таъсири омили исломӣ рад- шаванда нест. Вале бо баробари ин муносибати мо бо кишварҳои форсизабон новобаста аз мазҳаб хеле ҷиддӣ ва метавон гуфт, ки он табиатан стратегӣ мебошад.

Мавқеи Тоҷикистон дар масъалаи сулҳу суботи кишвари ҳамсоя ҳамасола аз баромадҳову пешниҳодҳои сарвари давлат дар созмонҳои байналхалқӣ, ба кишварҳои манфиатдор садо медиҳад. Масалан, соли 2008 пешниҳоди Сарвари давлати тоҷикон баҳри субот ва рушди иқтисодиёти Афғонистон дар ҷаласаи Созмони Конфронси Исломӣ баён гардид. Ё ахиран дар паёми хеш дар таърихи 24 апрели соли 2010 дар масъалаи мазкур чунин изҳори андеша намудаанд: «… Тоҷикистон амиқан эътиқодманд аст, ки роҳу василаи сирф низомии барпо кардани сулҳ дар Афғонистон вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, дастгириву пуштибонии ҷустуҷӯи тариқаву василаҳои фарогири побарҷо намудани сулҳи комил ва пойдор дар ин кишвари азияткашида бояд мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирад. Тоҷикистон омода аст дар ин роҳ ҳамаи имконоти хешро ба миён гузорад ва агар ҳатто қисмате аз таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон дар ин ҷода муфид бошад, мо истифодаи онро дар ин кори хайр дареғ нахоҳем дошт»[5].

Аз назари Тоҷикистон бо бунёди нерӯгоҳҳои барқию обӣ ва интиқоли қувваи барқ ба Афғонистон вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ин кишвар ва сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба рӯ ба беҳбуди меоваранд. Масъалаи калидӣ дар муносибати

Тоҷикистон – Афғонистон ин мавҷуд ва ҳукмфармо будани фазои сулҳу субот мебошад. Ва вобаста ба масъалаи мазкур сиёсатшиносони шинохтаи кишвар Т. Назаров ва А. Сатторзода дар китоби хеш чунин ибрози андеша намудаанд: «…Афғонистон барои мо на танҳо кишварест, ки бо он сарҳади тӯлонӣ дорем ва аз ин ҷиҳат зарурати таъмини амнияти миллиамон тақозо мекунад, ки бо он робитаи ҳасанаи ҳамсоягӣ дошта бошем, балки дар он ҷо дар ҳудуди 10 млн. ҳаммиллатони мо – тоҷикон ва чандин милёни дигар халқҳои ҳамзабону ҳамфарҳанги мо зиндагӣ мекунанд ва мо ба тақдири ояндаи онҳо бетараф буда наметавонем»[6].

Дар солҳои аввали истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муносибати дипломатӣ байни Тоҷикистону Эрон чандон ҷиҳати амалӣ касб накарда буданд. «Агар ҷониби тоҷикӣ бо сабаби мушкилоти зиёди дохилӣ имконияти бо пешниҳодҳои мушаххас дар масоили иқтисодӣ баромад карданро надошт, Эрон ҳам танҳо бо барномаҳои фарҳангию маърифатӣ маҳдуд шуда, ин корро анҷом надод»[7]. Баъдан бо ба даст овардани сулҳ дар кишвар ҳамкориҳои иқтисодӣ дар сатҳи назаррас пиёда гардид. Солҳои охир ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Эрон ба як марҳилаҳои сифатан нав гузашта истодаанд, ки он дар амалишавии лоиҳаҳои иқтисодӣ, барномаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дарак медиҳад. Аз рӯи маълумотҳои охир маҷмӯи ҳамкориҳои иктисодӣ ин ду кишвар солона 250 млн. доллари амрикоиро ташкил дода, нишондиҳандаи мазкур дар ҳамкориҳои ин ду кишвар дар ҳолати кунунӣ нуқтаи муҳими пайдо намудани ҳамгироии амалии иқтисодиро талаб менамояд.

Дар арафаи 20 солагии истиқлолияти давлатӣ ба истифода додани НОБ Сангтӯда – 2 дар кишвар, далели ҳамкории мутақобилан судманд доштани ин ду кишвари дӯсту бародар мебошад. Ҳамзамон баъди гуфтушуниди Раисони ҷумҳурии Тоҷикистону Эрон маълум гардид, ки тадбиқи лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи "Айнӣ" рӯи рудхонаи Зарафшон ва масъалаи бунёди хатти барқи Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Он рӯз Маҳмуди Аҳмадинажод, раиси ҷумҳури Эрон, ки ду кишварро «ду пора аз як пайкар» ва равобиташонро «вижа ва истисноӣ» унвон кард ва дар мавриди ҳамкориҳои минбаъдаи байни ду кишварро чунин баён дошт: «Интиқоли обу барқ аз Тоҷикистон ба Эрон, хатти оҳан ва ҷода ва ҳамин тур, мутолиаи интиқоли энержӣ, яъне нафт ва газ аз Эрон ба Тоҷикистон сурат хоҳад гирифт. Куҷо беҳтар аз Тоҷикистон аст, ки мо ба ӯ нафт ё газ мунтакил бикунем? Қарор шуд баррасӣ кунанд, ки агар аз лиҳози иқтисодӣ басарфа буд, аз масири лӯла, агар набуд, аз равишҳои дигаре интиқоли энержӣ анҷом бишавад»[8].

Дар ояндаи наздик бо пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадани Тоҷикистон, яъне ба итмом расонидани сохтмони роҳҳои фаромарзии Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон сатҳи ҳамкориҳо тағйир хоҳанд ёфт. Дар ин ҷо мақом ва нақши Тоҷикистон ҳамчун кишвари миёнрав бояд назаррас бошад ва дарёфти манфиатҳои муштараки ҳамдигар аз ҳама масъалаи муҳим мебошанд. Инчунин бунёд намудани нерӯгоҳҳои навбати дар Тоҷикистон ба манфиатҳои ин кишварҳои форсизабонон мебошад ва ин бевосита ба онҳо барои дар оянда доштани ҳамсояҳои пуриқтидор ва аз лиҳози иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қавӣ хеле зарур аст. Амалӣ гардидани лоиҳаи CASA 1000, яъне хатти интиқоли барқ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Афғонистон ва қисмати Осиёи Ҷанубӣ, ки аз он Эрон низ метавонад истифода намояд дар равобити ин кишварҳо такон ҷиддие медиҳад.

Кишварҳои форсизабон Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофиашон ба минтақаи бозиҳои кишварҳои абарқудрат рост меояд. Муддати тӯлонӣ бозигарон ин манотикро ҳамчун нуқтаи манфиатҳои худ қарор дода, дар чаҳорчӯбаи амалисозии нақшаҳои худ барои расидан ба назорати кулл истифода мебаранд. Ҷумҳури Исломии Эрон низ чун як кишвари дорои захираҳои бузурги нафт ва гази ҷаҳон бо масъалаи тарҳи барномаи ҳастаиаш дар маркази таваҷҷӯҳи кишварҳои бузург қарор дорад ва ба як масъалаи печидаи муносибатҳои байналхалқии муосир табдил ёфтааст.

Дар масъалаҳои печидаи имрӯзаи минтақа, аз қабили мубориза бо терроризм, гардиши ғайри қонунии маводи мухаддир, фақр ва масоили барномаи ҳастии Эрон ҳамкорӣ намудан дар ҳамҷоягӣ бо Созмони Конфронси Исломӣ ба манфиатҳои ин кишварҳо хоҳад буд. Зеро минтақа худ як ҳавзаи тамаддуни исломӣ ҳисоб меёбад ва

ба фаъолияту масъулияти ин созмон дуруст меояд, ки ҳалли саривақтии масъалаҳои ҷой дошта, ба манфиати ин созмон ва ба куллӣ кишварҳои ҷаҳон равона гардад.

Кишварҳои форсизабон дар муддати кӯтоҳ бо доштани мушкилоти зиёди дохилидавлатӣ ва минтақавӣ ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардиданд, ки он аз аз маҷмӯи ҳамкориҳои байни ҳамдигарӣ ва аз нақшаҳои стратегӣ доштани онҳо дарак медиҳад. Ҳамчунин соле қабл иди байналхалқӣ эълон шудани иди Наврӯз низ аз дастёбшавии фарҳангии ин кишварҳо маҳсуб меёбад. Аммо бо баробари ин муваффақиятҳо ҳар як ин кишвар масоили сиёсии дохилидавлатӣ доранд, ки ҳалли онҳо тақдири ояндаро муайян хоҳад намуд. Имрӯз ҳарчи саривақт пайгириву пуштибонӣ намудани ҳамдигар дар ҳалли масоилҳо дар як шароити душвор зарурати таърихии ин кишварҳо баҳри пойдории суботи минтақавӣ ва баҳри барқарор мондани тамаддуни форсизабон мебошад. Махсусан дар раванди ҷаҳонишавӣ ва шаклгирии системаи нави муносибатҳои байналхалқӣ ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, суннатҳои миллӣ ва забону урфу одатҳо пешин хеле аз масоилҳои аввалиндараҷаи соҳибони ҳар тамаддун ва кишварҳои алоҳида мебошад. Дар ҳолати дуруст дарк намудани чунин масъала ва дастаҷамъона корбарӣ намудан дар ин самт аз ҷониби ҳар сеи кишвари форсизабон, аз ояндаи нек умед кардан мантиқан дуруст меояд. Мақом ва нақши Тоҷикистон дар байни кишварҳои форсизабон баҳри минбаъд ба як қудрати бузург табдил ёфтани онҳо хеле калон аст, ки он сарчашма мегирад аз ҷойгиршавӣ ва доштани иқтидори азими қувваи барқ дар минтақа.

Ба андешаи мо, масъалаи омили исломӣ дар солҳои наздик низ яке аз масъалаҳои муҳим дар минтақа ва ҷаҳон боқӣ хоҳад монд ва чи тавре ки яке аз олимони тоҷик Раҳматулло Зоиров қайд мекунад: «…яке аз вазифаҳои муҳимми ғоявӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки бояд омили исломиро аз тасаввури манфии ҳозира ба ҳайси сарчашмаи мушкилот ва ҳомили низоъҳо (тамғаи терроризм) раҳоӣ дод… Барои чунин тағйири стратегия тайёрии ҷиддӣ, пуртоқатӣ ва хушбинӣ зарур аст»[9].

Ҳар се кишварҳои форсизабон дар худ масъалаи омили исломӣ доранд, ки ин масъала дар Тоҷикистон солҳои наздик як андоза ҳалли худро ёфтааст. Ва дар оянда низ ин нуқтаи мазкур аз масъалаҳои ҷавҳаридоштаи ин кишварҳо мегардад, ки онро баҳри рушду нумӯи муносибатҳо ва ҳамкории дӯстона байни ҳамдигар истифода кардан бомаврид аст. Дар ояндаи наздик ҳалли масъалаи омили исломӣ, аз баланд бардоштани фарҳанги динӣ ва аз беҳтар гардидани шароити иқтисодиву иҷтимоии мардумони ин кишварҳо вобастагии калон хоҳад дошт.

**АДАБИЁТ**


1. Иҷлосияи сеюми фавқулоддаи Созмони Конфронси Исломӣ», 7 декабри соли 2005, http://www.president.tj/baromadho071205.htm.
2. Мадлен Олбрайт. Религия и мировая политика; пер. с анг. М, 2007, с. 95.
3. Построение доверия между исламистами и секуляристами – таджикский эксперимент. Душанбе, «Деваштич», 2004 г. с.15.
4. Усмон Давлат. Исламский фактор в политических процессах России и стран Центральной Азии. М., Воробьев, 2009, с. 168.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи электронӣ. Суроғаи дастрасӣ: http://www.president.tj/rus/payomho2010.htm.
6. Т.Назаров, А.Сатторзода. Дипломатияи муосири тоҷик. Душанбе, «Ирфон», -2006, с.115.
7. З.Саидов. Внешняя политика Таджикистана на современном этапе (1992 – 2005 гг.), Душанбе.2006, саҳ.11.
8. Маводи электронӣ. www.ozodi.tj.
9. А.К. Зайферт, А. Крайкемайер. Дар бораи мувофиқати ислoми сиёсӣ ва амният дар қаламрави САҲА. Душанбе, «Деваштич», 2004, с. 270.


## ИСЛАМСКИЙ ФАКТОР И ДИПЛОМАТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ ПЕРСОЯЗЫЧНЫХ СТРАН


Статья посвящена роли исламского фактора во внешней политике и её воздействие на политику отдельных государств. Также в статье отражается многостороннее сотрудничество персоязычных стран в период государственной независимости Республики Таджикистан и реализации совместных проектов в ближайшем будущем.

**Ключевые слова:** внешняя политика, религия, исламский фактор персоязычных стран, дипломатические отношения, сотрудничество, Организация Исламской конференции.

**ISLAM FACTOR AND DIPLOMATIC RELATION OF PERSIAN LANGUAGE COUNTRIES**

The article is devoted at the roles of Islam factor in a foreign policy and its influence on the policy of the separate states. And also, the many - sides cooperation of countries is reflected in the period of state independence Republic of Tajikistan and realization joint projects in the nearest future.

**Key words:** foreign policy, religion, Islamic factors, Persian language countries, diplomatic relation, cooperation, Organization of the Islamic Conference.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ш. Ш.Саидов*** **-** аспирант кафедры политического процесса Таджикистана, Таджикского национального университета. Телефон**: (+992) 985 402 434** , e-mail**: shuhratst@mail.ru.**

## ЗАМИНАҲОИ СИЁСИИ ТАҲАВВУЛОТИ ХОВАРИ МИЁНА

***Абусаид Ахмедов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯзҳо тарҳи Ховари Миёнаро ба унвони яке аз ҷиддитарин мабоҳиси сиёсӣ, дар маҳофили илмӣ ва ғайриилмӣ матраҳ мекунанд. Камтар изҳори назар аз сӯи мақомоти сиёсии кишварҳоро метавон ёфт, ки дар он аз Ховари Миёна сухан набошад.

Ховари Миёна ҳамакнун бӯҳронитарин минтақаи ҷаҳон хонда мешавад. Фароянди демократисозӣ ва озодисозии сиёсии мушкилот шакл намегирад, балки ин фароянд таҳти таъсири бистарҳо ва амовиле ҳамчун бӯҳронҳои дохилӣ-хориҷӣ, ҷомеаи маданӣ, роҳбарон ва нерӯҳои иҷтимоӣ, созмонҳои байналлмилалии ғайридавлатӣ, хости афкори умумӣ барои ислоҳоти сиёсӣ ва шикоф дар нухбагони ҳоким оғоз мегардад. Эҳтимолан бо вуҷуди шароити матлуб, ин фароянд бо муваффақияти тайшуда ба суббот ва таҳким мерасад.

Аз нимаи дуюми даҳаи соли 1980 ба баъд бештар кишварҳои арабии Ховари Миёна таҳти таъсири авомиле ҳамчун рушди афкори умумӣ, густариши огоҳиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, шикофи наслӣ ва рушди шитобони ҷамъияти ҷавон, рушди бекорӣ ва таваррум, пайдоиш ва густариши нисбии нерӯҳои иҷтимоии мӯътариз ва норозиятҳои густурдаи сиёсӣ ва иқтисодӣ бо чолишҳои муҳиме мувоҷҷеҳ шудаанд.

Ин минтақа дар тӯли таърих дарбаргирандаи мунокишоти байналмилалӣ мебошад ва алалхусус пас аз ҳаводиси 11 сентябри соли 2001 дар Амрико таваҷҷӯҳ ба Ховари Миёна бештар шудааст.[1]

Ховари Миёна, ки замоне тамаддуни мустақиле буд, акнун иддао мешавад, ки ба бахше аз перомуни низоми ҷаҳонӣ таҳти султаи Ғарб табдил шудааст. Ба гуфтаи Карл Бровн (Carl Brown) Ховари Миёна як низоми нуфузпазир аст, ки ба сурати истисноӣ дар маърази дахолат ва контроли хориҷӣ қарор дорад, аммо ба далели доштани вижагиҳои мутамоизи фарҳангӣ, сарсахтона дар баробари мутеъ шудан муқовимат мекунанд. Нуфузи Ғарб ҳатто дар даврони пасоистеъморӣ низ идома ёфта ва ҳамҷаворӣ ва тамаркузи фавқулоддаи манофеи қудратҳои бузург дар минтақа-нефт, роҳҳои иртиботӣ, ки Исроил-муҳаррики он будааст, барои бисёре аз аъроб ва мусалмонон, империализм на танҳо намурда балки дар шаклҳои ҷадиде ба ҳаёти худ идома медиҳад. Ба гуфтаи Бори Бузон ҷаҳони Ислом танҳо тамаддуни классик аст, ки пас аз ақибнишинии императорияҳои ғарбӣ натавониста мавқеияти худро ба унвони як бозингари муҳими ҷаҳонӣ дубора тасбит кунад. [2]

Ин масал авомилеро, ки кишварҳои Ховари Миёна бояд дар маҳдудаи онҳо амал кунад, таъриф мекунад ва ин сиёсати минтақа, масъалаи муҳиме маҳсуб мешавад. Пажӯҳишгарони Ховари Миёна барои дарки ин воқеият, аз сохторгароӣ, назарияи равобити байналмилалӣ, ки беш аз ҳар чиз ба тавзеҳи равобити ҷаҳонии марказ –перомун мепардозад, суд ҷустаанд.

14. Османов Гаджимамед. Исламский фактор в мировой политике. – Дагестанская правда. 07.09.2009.
15. Прозоров С.М. Ислам как идеологическая система. М., 2002.
16. Банов В. К власти в исламском мире приходит пополнение «Аль-джазиры» и интернета (04.июль, 2008).
17. Сайидзода Зафари Шерали. Таджикистан в рамках исламского мира (на тадж.яз.). Душанбе, 2008.
18. Султанов Т.Б. Роль ислама в мировой политике и международных отношениях. Махачкала, 2007.


## ИСЛАМСКИЙ ФАКТОР И ЕГО СОДЕРЖАНИЕ


Статья, раскрывая сущность «Исламского фактора» во внешней и внутренней политике стран, а также его проявления в сегодняшнем мире, анализирует мнения различных исследователей по этому вопросу.Автор старался на основе религиозных и научных источников аргументировать возникновение, роль и содержание этого фактора в современном мире. В статье рассматриваются различные точки зрения по данному вопросу, а также излагается мнение самого автора.



**Ключевые слова:** исламский фактор, внешняя и внутренняя политика стран, роль и содержание исламского фактора

**THE ISLAMIC FACTOR AND ITS SUBSTANCE**

The article, discovering an essence of the "Islamic factor" in foreign and domestic policy of countries, and its manifestation in the todays world, analyzes the views of various scholars and researchers on this issue. The author tried to substantiate emergence, role and content of this factor in the modern world on the basis of religious and scientific sources. The article deals with different points of view on the subject, and presents opinion of the author.

**Key words:** Islamic factor, in foreign and domestic policy of countries, role and content Islamic factors

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***И. Неъматов*** **–** соискатель Института предпринимательства и сервиса

# РОЛЬ И МЕСТО ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА

***Парвиз Назарзода***
**Институт философии АН РТ**

При всем, что идея необходимости формирования гражданского общества в Таджикистане является далеко не новой, процесс представления этой идеи на уровне социологического и социально-правового дискурса остается неоднозначным и встречается с рядом сложностей. Сложности обусловлены тем, что как единое социальное образование со своими собственными структурами гражданское общество не имеет фиксированных институциональных форм и подобно коммунистическому обществу и идеологии прошлого не существует в завершенном состоянии. Больше того, как справедливо подчеркивает российский ученый В.С. Нерсесянц[1], сам семантический строй понятия «гражданское общество» содержит некое внутреннее несоответствие. Действительно, «гражданин», «гражданство» - все это скорее политические понятия, находящиеся в определенной связи скорее с понятием «государство», сферой отношений власти-подчинения и областью публичного права. В то время как сфера социального существования и область права, оседавшая в нашем сознании с понятием гражданского общества, - как раз таки сфера частных отношений, регулируемая частным правом, сфера, основным субъектом которой является не гражданин как политическая фигура, а частное лицо, приватный, непубличный человек, интересующий нас именно в этом качестве. Это несходство разносится и на понятие «гражданского права», которое, как известно, регламентирует не отношения государства и граждан как политических лиц, а отношения, складывающиеся между частными лицами в процессе их частных - внеполитических взаимоотношений. Перспективы защиты и охраны прав частного лица от посягательств неправового государства, разумеется, находятся в тесной связи с политической реальностью общества, сутью данного конкретного государства, но в целом, речь идет о частном праве и частных отношениях.

Более глубокий анализ дает возможность разъяснить обособленные особо значимые смысловые грани понятия «гражданское общество». Так, например, согласно Г.Г. Дилигенскому гражданское общество представляет собой совокупность отношений и институтов, функционирующих независимо от политической власти и способных на нее воздействовать.[2] Вместе с тем понятие гражданское общество имеет и нормативное измерение. Он имеет в себе некую нормативную концепцию, стимулирующую формирование специфических мотиваций к социально-политической активности определенного содержания. На наш взгляд нормативное измерение понятия «гражданское общество» именно в силу того, что оно обладает прямым выходом в сферу мотиваций социального действия, имеет особую значимость для исследований в области социального поведения, в частности, поведения в области права. Нас будет интересовать, прежде всего связь гражданского общества с определенным типом правовой культуры, с личностно-мотивационной составляющей правового поведения.

Поскольку гражданское общество на той или иной стадии своего развития существует в качестве вписанной структуры в любом обществе, где действует частное право и охраняется правовая автономность личности, его можно, по-видимому, определить как особое социальное пространство, конституируемое взаимодействиями независимых друг от друга и от государства индивидов. Как утверждает Мамут Л.С.,

«гражданское общество есть действительно сообщество частных (неполитических) лиц, носителей частных целей и интересов»[3]. Таким образом, основой и смысловым центром, субъектом отношений гражданского общества является индивид во всей полноте своих прав, как носитель определенной социально-правовой инициативы. Атрибутами такого индивида должны быть социальная и правовая активность, наличие осознанной позиции по отношению к обществу и праву, развитое правосознание и соответствующая ему личная правовая культура. Формирование гражданского общества находится в прямой зависимости от развития в обществе идеи индивидуальной свободы идеи человеческой личности вне зависимости от ее национальности, расы, пола, возраста, вероисповедания, как высшей социальной ценности. Еще В.Ф.Гегель показал[4], что главную характеристику гражданского общества составляет отдельная личность, которая сама является целью себя самой. И в настоящее время исследователи подчеркивают, что основными задачами гражданского общества являются соблюдение безопасности индивидов, защита частной собственности и личной свободы[5].

Ныне формирование гражданского общества в Таджикистане можно рассматривать как официальную цель проводимых реформ. Необходимо подчеркнуть, что принятые в западном цивилизованном мире принципы социальной организации правового государства, гражданского общества подкреплялись соответствующим наличествующим там типом правовой культуры, основой которой были закрепленные в сознании граждан ценности свободы личности, прав человека. В Таджикистане правопонимание и этнокультурные основания системы ценностей имеют коренную ломку в традиционном смысле, что усложняет ситуацию. Поскольку такое явление как гражданское общество-это социально-политическое, имеющее романо-германский корень продукт, двигающийся по иной логике.

Эклектизм современного законодательства, также серьезное препятствие на пути реформирования гражданского общества, изображающий собой конгломерат законов, который относится к разным социальным системам (советский, рыночный, и переходного периода). Здесь есть нормы, присущие советской системе с ее пренебрежением к правам и свободам личности, и в то же время - контуры формирующейся правовой системы, свойственной гражданскому обществу. Следовательно, можно с достаточным основанием полагать, что современное таджикское общество переживает противоречивый и болезненный период радикальной трансформации сложившейся правовой культуры, пересматривая сам алгоритм взаимоотношений государства и личности.

Невозможно на наш взгляд, просто и однозначно объяснить преобразование правовой культуры, которая является многомерным процессом. Большая часть населения ярко иллюстрирует настойчивость процессов трансформации общественного сознания, медленную смену стереотипов мышления и поведения людей. С другой стороны, они свидетельствуют о здравом смысле таджиков, понимающих, что существует пропасть между декларированными в законодательных актах принципами и теми нормами, которые реализуются в повседневной действительности. Подтверждением этому является злокачественный характер конвертации экономического капитала, определивший кризис социально-политических, правовых и культурных отношений в обществе. Влияние денег распространилось на все сферы и пласты общества, в том числе и на законодательную функцию. Вызывает серьезную озабоченность *денежная* ангажированность законотворческого процесса, что ставит под вопрос всестороннее обсуждение о правовой культуре. Общество начало использовать деньги как основной рычаг в отстаивании и защите своих прав и оттеснило личные «связи» на второй план. Это приводит нас к мнению, что соблюдение прав (достижение своих целей) легче купить, чем например, пробивать через неформальные каналы влияния.

Формирующаяся на современном этапе правовая культура в Таджикистане квалифицируется эклектизмом, внутренней противоречивостью, одновременным сосуществованием в ней разнонаправленных тенденций. Это приводит к тому, что в сознании масс создаются две нормативные системы, т.е. «закон для чужих и закон для своих». На наш взгляд, такие отклонения правосознания можно истолковывать, во-первых, как результат социальной анемии переходного периода, направившего изменение социально-классовой структуры общества в направлении углубления имущественной поляризации, обусловившей "многослойность" социальных и правовых норм и, во-вторых, как выражение правового нигилизма на всех социальных уровнях, от

представителей власти до маргиналов. Зарождением правового нигилизма является лишенная порядка и достаточного обоснования жесткая политика государства, злоупотребление идеей законности. Такие процессы накладываясь друг на друга задают деформацию правового сознания общественной массы. Отсутствие в Таджикистане здорового мышления о формировании гражданского общества, просто инстинктивная ориентация людей на физическое выживание завязывает узлы в развитии правовой культуры. Право возможно и имеет смысл лишь при существовании свободных субъектов. Не может быть субъектом права обездоленное материально население.

Здоровые общественные отношения определяются такими качествами, как развитая правовая культура, гражданская активность и нравственность, которая в свою очередь является институциональной структурой правового государства. Гражданский сектор не должен выступать как орудие власти для его легитимации, он не должен выступать как элемент управления социумом со стороны власти. Те сферы, которые принадлежат гражданскому обществу, должны на практике быть работоспособными и вольными от давления властей. Только в этом случае выявится истинная сила государства, не в тоталитарной бюрократии и силовых структур, а в поддержке народа, как гражданского общества. Нынешнее состояние гражданского общества в Таджикистане напоминает уродливую феодально-корпоративную структуру. Вследствие этого вместо гражданского общества мы имеем доминирование в социально-политической сфере сросшихся с властью олигархических кланов. Иначе говоря, население оказалось еще не готовым к формированию гражданского общества.

Посттоталитарное состояние таджикского общества можно охарактеризовать как неофеодализм, т.е. соединение власти и собственности, в котором аппарат власти превратился в коллективного собственника, а доступ к власти стал возможным всецело имущественным положением. Черты феодализма встречаются также в судебной системе, которая специализируется не по содержанию рассматриваемых дел, а именно по субъектному принципу. Суды общей юрисдикции - для физических и гражданских лиц, военные – для военных и экономический суд - для юридических. Также нужно обратить внимание на привилегию должностных лиц, которая подменяет правовые нормы и закон неукоснительно распространяющиеся на всех!? Едва ли могут сложиться гарантии прав человека в таких сложных и противоречивых социальных условиях, когда право ограничивается перед абсолютной привилегией государственной власти.

Развитие гражданского общества и его институтов как показатель и фактор общественного прогресса представляет собой составляющую часть исторического и социального процесса. Справедливое утверждение некоторых западных исследователей о переходе гражданского общества к наднациональным, в частности общеевропейским, политическим структурам, считая, что национальное государство уже не в состоянии к новым глобалистским - общественным реалиям.[6]

Учитывая приведенные выше, сформировавшие этнонациональные и социокультурные особенности таджикского правового менталитета можно сделать вывод, что Таджикское гражданское общество может сложиться лишь в том случае, если будут реализованы на практике основные параметры соответсвующего ему типа правосознания и правовой культуры. Гомогенизация условий в сфере политики, культуры, информации и экономики независимо от государственных пределов является важной функцией гражданского общества. Реальное существование этой функции постепенно строит однородное социальное пространство демократических прав и обязанностей, свободы любых форм деятельности (если она не наносит вред интересам других граждан и всему обществу). Такой тип социального пространства, в котором люди взаимодействуют между собой в качестве независимых друг от друга, так и от государства цивилизованных, полноправных индивидов приобретает универсальность, всеобщность и общеконтинентальные масштабы. В силу этого развитие гражданского общества неразрывно связано с развитием идеи индивидуальной свободы, т.е. личность имеющая реальные правовые представления выступает субъектом правовой культуры.

Общество в своей деятельности должно ориентироваться на права, свободы и интересы человека и гражданина, провозглашая их приоритет по отношению к другим материальным ценностям, такой приоритет также интересов человека, гражданина над интересами государства. На наш взгляд, именно такой подход должен препятствовать

поглощению государством общества, должен служить барьером на пути всевластия государства, как это происходило в условиях тоталитарных режимов.

Более того, когда общество переживает процесс институциональной трансформации происходит актуализация правосознания, т.е. в этом процессе встречается сопровождение особого состояния психологического сознания общества, тоской о прошлой правовой системе у одних и надежды на новые более справедливые правовые системы у других. В этом процессе объективное возникновение институционального вакуума неизбежно, когда старая система не в состоянии регулировать новые формы взаимоотношения, а новые еще не сформировались полностью. "Известно, что кризисные периоды в жизни общества чреваты переоценкой прежних и бурным расцветом новых идей, порой недолговечных, но увлекающих слушателей. Кризисы особенно болезненны для тех областей знаний, которые изучают стабильные, устойчивые явления и процессы. К ним относится и юриспруденция. Ведь нормы права -островки стабильности в меняющемся мире; правовые системы в принципе малоподвижны; они меняются «скачками», порой опережая события, но большей частью отставая от текущей жизни. Меняются и представления о праве, причем именно кризисные ситуации способны выявить, подчас в неожиданном ракурсе, все позитивное и негативное в теоретических построениях и постулатах, которые казались до этого бесспорными"[7].

Соответственно, правовое сознание, включающее в себя правопонимание выступает в процессе трансформации как важная форма общественного сознания, создает программы совершенствования сложившихся правовых систем, способные как ускорить, так и отторгнуть внедрение юридических нововведений. Поэтому для Таджикистана проблема формирования правового поведения и правосознания, которые могли бы отвечать современным условиям жизни общества, дающие возможность сохранять самобытность, но в то же время отвечать основанным на законах принципам демократии является первостепенной.

Исходя из вышесказанного развитие правовой культуры в Таджикистане имеет большую значимость. Новые законы, образующие основу будущей системы права как обновленного социального института придают прагматичную определенность новым социальным (политическим, экономическим и духовным) связям и взаимодействиям. Но все вышесказанное может быть безнадежным при отсутствии таких элементов как: - механизм их реализации и; адекватной правовой культуры и правосознания.

Требования к новой правовой культуре состоят в формировании правового поведения, заведомо ориентированного на сознательное и ответственное выполнение норм права, поддержке принципов гуманизма, демократизма и законопослушания в реальном правовом поведении; а также в постоянном повышении правового сознания их носителями, то есть в стремлении к более обширным и точным знаниям принципов и содержания законодательства со стороны самих граждан. Конечно, добиться такого результата сразу не возможно, применением жестких санкций. Правовая культура, как и культура вообще подобна природе, которая живет по своим естественным законам, поэтому в происходящих в стране переменах применительно к правовой культуре можно говорить только о его развитии, которая, безусловно, подразумевает и сохранение чего-то прежнего, что вовсе не подготовлено для рационалистического правового "культивирования", но никак не о создании нового. Поэтому и исследователям, и практикам-юристам необходимо сознавать, что правовая культура не просто требует совершенствования, она нуждается в постоянной и неусыпной заботе, в больших осмысленных программах, планомерных действиях правовых учреждений, государственной власти, воспитательной и образовательно-просветительной системы.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Нерсесянц В.С. Философия права. М., 1999. С. 110.
2. Дилигенский Г.Г. Что мы знаем о демократии и гражданском обществе? // Pro et Contra. Гражданское общество. М., Осень. 1997. С. 5.
3. Мамут Л.С. Гражданское общество и государство: проблема соотношения// Общественные науки и современность. 2002, №5. С.94.
4. Hegel F. Grundlinien der Philosophie des Rechts. Berlin, 1833.
5. Кола Д. Политическая социология / Пер. с фр. Предисл. А.Б. Гофмана. М., 2001.

6. Cohen, J.L., Arato A, Civil Society and Political theory. London, 1992; Nida-Ruemelin J. Was ist Staatsbuergerschaft? // Politik und Ethik. Stuttgart, 1996
7. Кудрявцев В.Н. О правопонимании и законности//Государство и право. 1994. №3. С.3.

**РОЛЬ И МЕСТО ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА**

Ныне формирование гражданского общества в Таджикистане можно рассматривать как официальную цель проводимых реформ. Необходимо подчеркнуть, что принятые в западном цивилизованном мире принципы социальной организации правового государства, гражданского общества подкреплялись соответствующим наличествующим там типом правовой культуры, основной которой были закрепленные в сознании граждан ценности свободы личности, прав человека. В Таджикистане ситуация обстоит сложнее, здесь правопонимание и этнокультурные основания системы ценностей имеют коренную ломку в традиционном смысле. Поскольку такое явление как гражданское общество-это социально - политический, имеющий романо-германский корень продукт, двигающийся по иной логике.

**THE ROLE OF LEGAL CULTURE IN FORMATION OF CIVIL SOCIETY**

Nowadays the forming of civil society in Tajikistan may be considered as an official goal of the going on reform. It is necessary to underline, that accepted in west civilization the principals of social organization of legal state, civil society is supported with compliant presented their legal culture, the basis of what, was a fixed in the mind of citizens the values of independents of personality, human rights. In Tajikistan the situation is somewhat complicated; here the understanding of law and ethno cultural basis of the system of values in traditional sense has an indigenous break. As far as such phenomena as civil society - is a social-political, what has ramano-germanic background product, what is moving with different logic.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Парвиз Назарзода*** - аспирант Институт философии АН РТ

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Ҷомӣ Маҳмадов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маълум аст, ки дар бист соли охир таҳдидҳои норасогии об барои рушду инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Бинобарин, омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкур дар айни ҳол, на танҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки дар қисми зиёди кураи замин хусусияти рӯзмарра гирифтааст. Дар ҷаҳон чуноне ки медонем талабот на танҳо барои нафту газ, балки барои об ҳам рӯз то рӯз меафзояд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба тақсимоти минтақавии об дар ду даҳсолаи охир ба масъалаҳои гуногуни иқтисодию сиёсӣ рӯ ба рӯ гашта истодаанд, ки ин ба амнияти минтақавии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Масъалаи асосӣ дар он аст, ки захираҳои обӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нобаробар тақсим шудаанд. Баъзе ҷумҳуриҳои ин минтақа захираҳои бузурги обӣ доранд ва метавонанд, ки ду дарёи бузурги ин сарзаминро таҳти назорати худ қарор диҳанд. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон Омударёро ва Ҷумҳурии Қирғизистон бошад, Сирдарёро зери тасаруфи худ қарор дода метавонанд.

Масъалаи об ин натанҳо масъалаи иқтисодию - иҷтимоӣ ва сиёсӣ балки яке аз масъалаҳои муҳими амнияту манфиатҳои ҳаётан муҳими миллӣ ба шумор меравад. Мувофиқи нишондоди коршиносону ҷомеашиносон таҳдидҳои бештари асри XXI ба проблемаҳои об вобастагӣ доранд. Яъне проблемаҳои оби нушокӣ сабаби асосии сар задании низоъ шуда метавонад. Албатта, ин проблема новобаста ба дигар паҳлуҳои иқтисодию сиёсӣ боз ба масъалаи камбизоатӣ низ вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, таҳдидҳои ғайрианъанавие низ вучуд доранд, ки метавонанд амнияти миллию арзиро бо дигар усулҳои ғайрирасмӣ ба воситаи обҳои ошомиданӣ ва дарёҳои назди сарҳадӣ халалдор намоянд.

Мутаасифона, то ҳол бад шудани вазъи экологӣ ҳамчун анъана бо сифати таҳдид барои амнияти миллӣ таҳлилу тадқиқи пурра наёфтааст. Ҳатто дар баъзе

минтақаҳои ҷаҳон, ки нарасидани оби нушокӣ пурра ҳис карда мешавад ин масъала ба доираи саволҳои таҳдид ба амнияти миллӣ дохил карда намешавад. Баъзан кам шудан ва ё ба итмом расидани захираҳои табии ҳам яке аз сабабҳои сар задании низоъ ва таҳдид ба амнияти миллӣ мегардад. Аммо, ҳаст кишварҳое, ки инро масъалаи дуюминдараҷа ҳисобида манфиатҳои ҳаётан муҳими худро дар дигар минтақаҳои дунё ҷустуҷӯй менамоянд. Имрӯз, масъалаи оби нушокӣ, ва истифодаи самараноки он, водор менамояд, ки проблемаи об ва ҳифзи муҳити атрофро дар маҷмӯъ ба сифати манфиатҳои ҳаётан муҳими кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таҳлил қарор дода, арзиш ва хусусиятҳои ҷудогонаашро баррасӣ намуда тавонем.[1]

Дарёи Сир аз ҷиҳати дарозӣ дар Осиёи Марказӣ дар мақоми аввал ва аз ҷиҳати серобӣ мақоми дуюмро ишғол менамояд. Дарозии ин дарё 3019 км. буда, сарчашмаҳои асосии он 75,2% дар минтақаи Қирғизистон, 15,2% дар қаламрави Ӯзбекистон, 6,9% дар Қазоқистон ва 2,7% дар Тоҷикистон ташаккул меёбад. Дарозии Омударё бошад, 2540 км буда, сарчашмаи асосии он (Омударё) 74% дар қаламрави Тоҷикистон, 13,9% дар қаламрави Афғонистон ва Эрон ва 8,5% дар Ӯзбакистон ташаккул меёбад.

Аз рӯи таъмини захираҳои обӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷои сеюмро ишғол намуда, дар кишварҳои муштаракулманофеъ баъди Руссия дар ҷои дуюм мебошад. Инчунин, Тоҷикистон дорои захираҳои бузургӣ оби ошомиданӣ дар пиряххо мебошад, ки зиёда аз 60%-и захираҳои обии Осиёи Марказиро ташкил медиҳад.

Дар масъалаҳои асосии истифодаи захираҳои обӣ дар Тоҷикистон истифодаи об дар 10-15 соли наздик ва дурнамои минбаъдаи он дастовардҳои тараққиёти иқтисодии усувори ҳолати демографӣ, ташаккул ва амалӣ намудани низоми стандартҳои ҳаётӣ ва пай дар пай дуруст намудани ҳолати зисти аҳолӣ ба тараққиёти тамоми соҳаҳои иқтисодиёт вобастагӣ дорад... Дурнамои иқтисодии захираҳои обӣ бояд на камтар аз 19-22 км 2 дар программаи тараққиёти соҳаи иқтисодии Тоҷикистон ва дар қабули принсипҳои тақсимоти об дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб гирифта шавад.[2]

Дар масъалаҳои мубрами об дар минтақа Афғонистон низ саҳми калон дорад. Аммо имрӯз ин кишвар танҳо ду милиард метри мукааб обро барои системаҳои иригатсионӣ аз дарёи Аму истифода мебарад. Дар амал Афғонистон метавонад то даҳ милиард метри мукааб обро мавриди истифода қарор диҳад, ки ин метавонад барои Туркманистон ва Ӯзбакистон натиҷаи манфӣ дошта бошад. Дар баробари ин, Тоҷикистон ва Қирғизистон дорои истифодаи захираҳои обӣ ва истифодаи энергияи электрикӣ дар дохили кишварҳояшон ва барои содирот ба кишварҳои сеюм кӯшиш менамоянд. Аммо Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбакистон муқобилият нишон дода, кӯшиш менамоянд, ки истифодаи об бештар хусусияти иригатсионӣ дошта бошад. Мақсади асосии Душанбе ва Бишкек аз он иборат аст, ки онҳо бояд бо тарзи ҳақонӣ ва компенсатсияи бозоргонӣ барои таъмини об ба ин кишварҳо маблағи муайяне аз худ намоянд. Новобаста ба муносибатҳои тезу тунди ин кишварҳо барои мақсаднок истифода бурдани об ҳар яке аз онҳо барои ба даст овардани манфиатҳои ҳаётан муҳими худ ва баланд бардоштани иқтисодиёташон чораҳои гуногун андешида, мавқеи мухталиф доранд. Масалан, Тоҷикистон соҳиби нақшаест, ки дар қад-қади Амударё тахминан 14- неругоҳ бо иқтидори аз 300 то 4000 МВт бо истеҳсоли қувваи энергетикӣ то 86,3 милиард КВт соат дар як сол истеҳсол намояд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ аз ҳама диққатҷалбкунандааш ин сохтмони неругоҳи “Даштиҷум” дар дарёи Панҷ мебошад, ки иқтидори он ба 4000 МВт ва истеҳсоли солонаи энергияи электрикӣ 15,6% милиард КВт соат бояд бошад. Чин, ШМА ва Покистон барои сохтмони чунин иншоотҳои бузург таваҷҷуҳ зоҳир намуда истодаанд. Чунин нақшаҳои бузурги иҷтимоию иқтисодии кишвари мо барои сохтмони неругоҳҳои хурду бузург кишвари ҳамсояи Ӯзбекистонро безобита месозанд.

Дар баҳсҳои энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ доимо масъалаи истифода намудани об мавҷуд аст, ки баъзан онро ба баҳси газу нефт баробар намуда, чуноне ки Ӯзбекистон зуд-зуд қубурҳои гази худро маҳкам намуда, бартарии хешро ба ҳамсоягони болооби худ нишон медиҳад. Тоҷикистон ва Қирғизистон дар ҷавоб ба ин метавонанд, истифодаи обро таҳти назорати худ гирфта, худхоҳии роҳбарони Ӯзбекистонро водор намояд, ки дар ин минтақа онҳо танҳо нестанд ва асрҳои аср

масъалаи тақсимоти об ва истифодаи он ба низои бузург мубаддал намегашт. Маълум аст, ки норасойии об дар водии сераҳолии Фарғонаи Ӯзбекистон ин яке аз проблемаҳои калонтарин барои пайдо шудани таркиши иҷтимоӣ мебошад, ки инро Ӯзбекистон бояд донад. Аз ин рӯ, ин кишвари ҳамсоя ҳамеша сиёсати ҳамсояҳои худро оид ба тақсимоти об зери назорат қарор дода аст. Масалан, байни Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар гирду атрофи неругоҳи сохташуда ва банақша гирифташудаи ин кишварҳо баҳсҳои хеле тӯлонӣ давом доранд. Махсусан, зимистони соли 2000-ум оид ба ин масъала байни ин ду кишвар муносибатҳои ҳамсоягӣ хеле тезу тунд гардид. Ӯзбекистон газро қатъ намуда, мехост, ки бо чунин фишор ба Бишкек таъсири манфӣ расонад. Аммо Қирғизистон обро ба обанбори "Токтагул" сар дод, ки аксари заминҳои пахтакории Ӯзбекистон ба ботлоқ мубаддал гардиданд.

Тошкант инро дида, дар наздикии сарҳади Қирғизистон машқҳои ҳарбӣ барои гирифтани неругоҳи "Токтогул" бо истифода аз техникаи вазнин ва чархболҳоро шурӯъ намуд. Қирғизистон инро дида бо роҳҳои итилоотӣ ба Тошкант фаҳмонид, ки дар ҳолати вайрон шудани дамбаи неругоҳ ҷараёни тези об водии Зарафшону Фарғонаи Ӯзбакистонро аз рӯи замин шуста мебарад. Ҳамин тавр, ин баҳсҳо дар байни кишварҳои болообу поёноби Осиёи Марказӣ давом доранд. Инчунин байни Туркманистону Ӯзбакистон низ баҳсҳои мухталиф вуҷуд доранд. Аммо кишвари Ӯзбакистон назар ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ кушиш ба харҷ медиҳад, ки аз ҳама зиёдтар обро барои заминҳои лабташна истифода намуда, истеҳсоли пахтаву дигар зироатҳоро зиёдтар намояд. Мувофиқи иттилооти бадастомада, дар Ӯзбакистон аз замони Шӯравӣ то имрӯз обанборҳои зиёде сохта шудааст, ки онҳо барои захира намудани об қисми зиёди оби дарёи "Аму" ва "Сир"-ро захира менамоянд.

Яке аз сабабҳои асосии хушк шудани баҳри "Арал" ҳам обанборҳои Ӯзбакистон ва истифодаи ғайримақсадноки об дар ин кишвар аст. Ҳамин тавр, имрӯз дар ин минтақа як ҳолати нохубе барои танзими истифодабарии об ба миён омадааст, ки ба муносибатҳои ҳамсоягии ин кишварҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Бояд гуфт, ки сарони ин кишварҳо дар муддати понздаҳ соли охир нақшаҳои гуногун ва лоиҳаҳои байнидавлатӣ барои сарфакорона истифода бурдани обро мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода, конфронс ва нишастҳои минтақавӣ баргузор намудаанд. Мутаассифона, чунин вазъият низ ҳалли мусбии масъаларо ба вуҷуд оварда натавонист. Ҳатто ташкилот ва экспертҳои байналмилалӣ низ фикру андешаҳои худро барои батанзим даровардани муносибатҳои истифодаи самараноки об пешниҳодҳои гуногуне ирсол намудаанд, ки хусусияти тавсиявӣ доштанд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, як қатор кишварҳои ҷаҳон барои амалӣ намудани манфиятҳои хеш ва ба даст овардани мавқеъ ва нуфуз дар Осиёи Марказӣ кӯшиш менамоянд. Онҳо бештар ба сохтмони неругоҳҳо даст задаанд, ё барои сохтани ин иншоотҳои бузург маблағгузорӣ намудаанд. Дар баробари ин, кушиш ба харҷ додаанд, ки барои сохтмонҳои иншоотҳои бузург ба монанди неругоҳи "Роғун" монеаҳо эҷод намуда, мақсадҳои худро амалӣ намоянд. Ҳамин тавр, дар айни замон истифодаи оқилонаи обро на танҳо масъалаи сирф иқтисодӣ, балки масъалаҳои сиёсию геополитикӣ низ маҳсуб медонанд. Дар баробари ин, таъсири техногенӣ ба табиат ба он оварда расонидааст, ки обшавии пиряххо зиёд гашта, рӯз то рӯз захираи обҳои ошомиданӣ кам гардида истодаанд. Масъалаи ҳимояи пиряххо ва захираҳои обҳои ошомиданӣ низ барои бисёр кишварҳои ҷаҳон аз ҷумла, барои Тоҷикистону Қирғизистон масъалаи хеле ҷиддӣ ва ҳаётӣ мебошанд. Аз ин рӯ, барои ба танзим даровардани вазъияти баамаломада дар истифодаи захираҳои обӣ наздикшавии мавқеи давлатҳои Осиёи Марказӣ хеле муҳим мебошад. Хусусан, барои кишварҳои поёноб, ки ҳама гуна муносибатҳои иқтисодии худро ба таъмини об вобаста менамоянд, бояд стратегияи миллии худро дар асоси ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмии ҳамсоягони худ барқарор намоянд. Об неъматест, ки самаранок истифода бурдани он ба минтақаи Осиёи Марказӣ сулҳу салоҳ ва боигарӣ эҳдо менамояд. Хулоса, асри XX1 ин замонест, ки афзоиши эҳтиёҷот ба захираҳои об новобаста ба ҳаҷми маҳдудашон хеле афзун мегардад. Масъалаҳои таъмини оби нушокӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳими баъзе кишварҳои ҷаҳон таъсири куллӣ расонида арзиши аслӣ, истеъмол ва истифодаи он муносибати нави иқтисодиро тақозо менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Махмадов А.Н. Об манфиати ҳаётан муҳим.//Ҷумҳурият .1993.
2. Концепция по рациональному использованию и охране водных ресурсов в Республике Таджикистан. Душанбе.2001 г .№551.С.7.


**РАЦИОНАЛЬНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОДНЫХ РЕССУРСОВ В ОТНОШЕНИЯХ ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКИХ РЕСПУБЛИК**


Автор в данной статье анализирует рациональное использование водных рессурсов и определяет ее специфические особенности на примере отношения Центральноазиатских республик. Также, в статье рассматривается рациональное использование воды со стороны отдельных стран Центральноазиатского региона.



**Ключевые слова:** рациональное использование воды, отношения Центральноазиатских республик, угроза дефицита воды, потребность воды, региональной разделения воды, различные экономические проблемы, региональная безопасность, водные ресурсы, неравномерные разделения воды.


**EFFICIENT USE OF WATER IN THE RELATIONSHIP RESOURCES CENTRAL ASIAN REPUBLICS**


The author in this article analyzes the rational use of water Resource and determines its specific features on the example of the relationship of the Central Asian republics. Also, in the article the efficient use of water by some of the Central Asian region.



**Key words:** management of water relations of the Central Asian republics, the threat of water shortages, the need of water, the regional division of water, various economic issues, regional security, water resources, the uneven division of water.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Джоми Махмадов*** – аспирант Таджикского национального университета


# МАБОНӢ ВА НИШОНАҲОИ ДЕМОКРАТИЯ


***Нуралӣ Раисӣ Ху***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Дар як ду соли охир ҷунбишҳои демкоратияхоҳӣ дар ҷаҳон ҷони тозае гирифтаанд. Ба унвони мисол дар Ховармиёна метавон ба баҳори арабӣ ишора кард, ки ҳукуматҳои Тунис, Либия, Миср ва Яман тағйир ёфтанд. Ва мардуми ин кишварҳо хоҳони доштани режимҳои демкоратӣ ва ғайри диктотурӣ шудаанд. Кишварҳои дигаре мисли Сурия, Баҳрайн, Урдун, Арабистон …. интизори ингуна иттифоқот ҳастанд. Аз ин рӯ, ошноӣ бо демократия, мабонӣ ва нишонаҳои он аҳамият меёбад. Ба назари нигорандаи мақола ҳеҷ амре дар ҳаёти инсонӣ ҳамчун амри сиёсат ва ҳукмат дар зиндагии вай таъсиргузор нест, аз ин рӯ ин мақола ба сурати мухтасар сайъ дар мутолиа демократия, мабонӣ ва нишонаҳои он дорад.

Демкоратия бо доштани анбӯҳе аз мафҳумҳо зиддияти он бо ҳукуматҳои фардсолор (Monarchy), аристократӣ (Aristocrasy), ба маънии ҳукумати ашроф ва олигархӣ (Oligarchy) ба маънии ҳукумати гурӯҳи андак бехтарин муаррифии он аст. Дар садаи панҷуми қабл аз мелод тағйире дар маънои демос ба вуҷуд омад ва ин вожа бар иҷтимоии ҳамаи мардуми Отин итлоқ гардид, ки барои иҷрои корҳои ҳукуматӣ гирди ҳам меомаданд. Дар натиҷаи ислоҳоти Клистен қонунгузори Отин дар соли 509 қабл аз мелод идораи ҷомеа ба дасти рустоиҳо афтод ва аз он пас ҳокимияти Отинро demokrati ё ҳукумати рустоиён номиданд. Бо таҳаввули мафҳуми зикршуда дар маънои demos дар гузари замон демократия исми умумӣ барои ҳукуматҳое шуд, ки ба дасти ҳамаи мардум идора мешаванд.[1]

Мафҳуми демократия аз андак мафоҳими сиёсӣ аст, ки таърихи бисёр тӯлонӣ дорад. Ин мафҳум аз нимаи дувуми қарни панҷуми қабл аз мелод дар Юнони Бостон матраҳ шудааст. Ва то кунун аз муҳимтарин баҳсҳои илми сиёсат ба шумор меравад. Гарчи бар асоси решаи калимаи «демократия», ин мафҳум ба маънии «ҳокимияти мардум» таъриф мешавад. Ва дар ҳамаи назарияҳои демократия низ ба гунае ба он ишора шудааст, аммо воқеияти амр он аст, ки мафҳуми демократия дар гузари замон

дастхуши тағийрот ва дигаргуниҳои мафҳумӣ ва ниҳодии бисёре шудааст. Имрӯза заминаҳое набудани мувофиқат дар мавриди демократия бисёр густарда аст ва ба ҳамин далел назарияҳои мухталифе перомуни он изҳор гардидааст.

Назарияҳои демократия. Метавон гуфт аз замоне, ки дар канори шакли ҳукуматҳо, демократия шакле аз ҳукумат матраҳ шудааст, то ба имрӯз маонии мутафовутеро ба худ гирифтааст. Ба таъбири Коҳен, навъе ошуфтагии лафзӣ ва фикри дар мавриди демократия падид омадааст.[2] Демократия дар оғози шаклгирии худ дар Юнони Бостон ба сурати мушорикати мустақими мардум дар умури умумӣ буд, аммо дар даврони ҷадид ва бо густардатар шудани ҷомеаҳо мушорикати ғайримустақим мардум матраҳ гардид ва бадин тартиб демократияи мустиқими юнонӣ ҷои худро ба демократияи намояндагӣ дод. Дар ин навъ аз демократия мардум бо интихоби намояндагон барои гирифтани тасмимоти умумӣ ва иҷрои онҳо ҳокимияти худро эъмол мекунанд. Бино бар ин аз лиҳози шакли ҳукумат, бархе аз демократияҳо бар асоси дахолати мустақими мардум дар фароянди тасмимгирии сиёсӣ ҳастанд. Ҳамчун демкоратияи Юнонӣ Бостон ва демократияи Руссоӣ. Бархе аз демократияҳо бар асоси интихоби намояндагони тавассути мардум мебошад, ки ба он демократияи намояндагӣ мегӯянд. Аз назари ҳадафҳое, ки демократияҳо дунбол мекунанд низ назариёти гуногуне вуҷуд дорад. Демократияи Руссоӣ ба дунболи таъмини ирода ва маслиҳати умумӣ ҳастанд, демократияи либерал ба дунболи таъмини ҳуқуқ ва озодии фардии афроди ҷомеа ҳастанд. Ва баъзе аз назарияпардозон низ нигоҳе реалистӣ ба демкоратия доранд ва онро бар асоси он чи ҳаст, таъриф мекунанд. Метавон ба ин навъ демократия деморкатияи нухбагаро ва плюаризм гуфт. Бар ин асос андешамандони мухталиф барои баёни назарияҳои мутафовут моделҳое ироа кардаанд. Дуктур Ҳусейни Баширия панҷ навъ аз демократияро ном мебарад.[3] Сӣ Бӣ Макферсон дар як тақсимбандии сегона демократия либерали ғарбӣ, ғайри либерали комунистӣ ва ғайри либерали кишварҳои тавсиа наёфтаро аз якдигар ҷудо кардааст. Ва мегӯяд ҷаҳони воқеӣ аз ин се навъ демократия ташкил ёфтааст.[4] Гудман 6 навъ демократияро баршумурдааст: демократияи Шомпитерӣ, мардумӣ, либерал, мушорикатӣ, сотсиолистӣ ва тадбирӣ.[5] Девид Ҳелд низ бо баррасии сайри таърихии таҳаввулоти мафҳумии демократия, ду гуна модели демократии классикӣ ва модернро аз ҳам ҷудо кардааст ва анвоъи демократияро дар ҳар як ҷой додааст.[6] Ҳантингтун низ таърифҳои мухталифе аз демкоратияро дар се гурӯҳи аслӣ муаррифӣ мекунад: Таърифҳои демократия бар ҳасби манбаъҳои қудрат барои ҳукумат бар пояи ҳадафҳои ҳукумат ва демократия ба унвони шева ва раванди хосе аз ҳуқумат.[7]

Шояд тарҳи ҳар як аз ин моделҳо барои демократия сабаби тағйир дар мафҳуми яксони демократия ва муаллифаҳои зотии он нашавад, зеро ба ғайр аз модели демократии мустақим ва намояндагӣ, дигар моделҳои ироашуда дар садади баёни масоили дигаре ғайр аз моҳият ва зоти демократия аст, монанди ҳадафҳои демократия ва ё нақди демократияҳои мавҷуд. Бино бар ин набояд дар таърифи демократия байни моҳият ва аҳдофи он омезиш намуд. Ҳамчунин набояд байни демократия ва идеолгияҳое, ки бо он таркиб мешаванд, монанди либерализм ва сотсиолизм ҳамгунӣ барқарор кард. Ҳеҷ як аз ин умур сабаб намешавад, ки демократияро дорои анвоъи ғайр аз демократияи мустақим ва демократияи намояндагӣ бидонем. Бино бар ин бар хилофи назари баъзе аз донишмандон, ки бар ин боварнад, ки демократияи мафҳумӣ дорои зот нест ва наметавон меъёр ва андозаи мушаххасеро барои он баён намуд.[8] Аммо ҳамонгуна, ки бисёре аз андешамандон ба дурустӣ баён кардаанд, алорағми тафовутҳои зиёд дар фаҳмиш аз демократия мабонии муҳиммеро ба унвони муаллифаҳои зотии демократия метавон баршумурд, ки ҳамаи назариёти демократия дар онҳо иштироки назар доранд.[9]

**Мабонии демократия**

1. **Ҳокимияти мардум**. Ҷавҳараи демократия ва асли асоии он «али ҳокимият»-и мардум аст. Ҳокимияти мардум бо ду муаллифаи «Ҷамъӣ будани иқтидор» ва «мушорикати сиёсӣ» намуд меёбад.[10] Бадин маъно, ки қудрат ва иқтидор дар демократия  аз моҳияти ҷамъӣ бархӯрдор аст, на фардӣ ё гурӯҳӣ. Ҳамчунин дар ин навъ аз ҳукумат мардум низоми сиёсиро шакл дода ва бо мушорикати худ онро идора мекунанд. Бино бар ин ҳамаи назариёти демократия намунаи мавриди назари худ барои идораи ҷомеаро бар раъй ва мушорикати мардум

дар сиёсат мубтанӣ кардаанд ва мудохилаи мардумро ба унвони пояи шаклгирӣ ва машрӯъияии ҳукумат дар назар гирифтаанд; Ҳарчанд ки густараи ихтиёроти мардум дар назарияҳои мухталифи демократӣ гуногун аст. Ҳамчунин ҳамаи назарҳои демократӣ ин идеяро рад мекунанд, ки як ё чанд нафар дорои ҳаққи пешинӣ барои фармонравоӣ бар дигарон бошанд. Ҳамаи умур дар ҳукумати демократӣ бояд бар тибқи ризоят ва тавофуқи марудм бошад ва лизо ҳар гуна манбае ғайр аз иродаи мардум ва ризояти онон наметавонад ҷудогона навъи ҳукумат, шароити ҳокимони он ва шеваи тасмимгирӣ дар онро муайян кунад. Бино бар ин бо қудрат будани демкратия ба сли ҳокимияти мардум аст. Ва ҳар ҷо ин асл инкор шавад, аслитарин пояи демократия ки нуқтаи муштаркаи ҳамаи демократияҳо аст, аз миён рафта. Ва дигар демократия вуҷуд нахоҳад дошт. Аз ҳамин рӯй демократияро ба «ҳукумати мардум» таъриф намудаанд. Ҳокимияти мардум яке аз муҳимтарин мабонии демократия аст. Нуқтаи қобили зикр ин, ки дар ҷавомеъи дар ҳоли гузор ба демократия баҳс аз тақобули ҳокимияти мардум бо суннатҳо, ҳокимони суннатӣ, қавонини қавмии қабилаӣ ва қавонини мазҳабӣ вуҷуд дорад.

Аҳамияти ҳокимияти мардум далел бар кофӣ будани он нест, балки барои ба вуҷуд омадани демократия мабонии дигаре низ лозиму зарурӣ аст.

2. **Асолати қонун.** Қонун ва қонунгароӣ яке аз дигар аркони демократӣ аст. Ҳукумати мардум бидуни вуҷуди қонун демократӣ нест. Кори махсуси қонуне, ки мардум бар асоси асли ҳокимияти худ вазъ мекунанд, ду амри асосӣ аст. Аз як сӯ роҳи мутмаине барои пешгирӣ аз диктотурӣ ва худкомагӣ аст. Ва аз ҷиҳати дигар абзоре аст, барои назорати мардум бар ҳокимон аз тариқи татбиқи аъмол ва тасмимоти онон бо қавонини мавҷуд. Болотарин ва асоситарин қонун дар ҷомеа, қонуни асосӣ аст, ки ба унвони маҷмӯае аз усул ва қавоиди бунёдӣ ва куллӣ, чорчӯбе барои сомон додан ба равобити қудрат дар ҳуқумат аст ва бо ифои ду кори махсуси мазкур асоси демократия ба шумор меравад.

3. **Баробарии сиёсӣ**. Манзур аз асли баробарӣ ин аст, ки дар низоми демократия, афрод, гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ нисбати ба як дигар аз лиҳози ҳаққи ҳукумат бартарӣ ва имтиёзе надоранд. Ҳамаи мардум бидуни дар назар гирифтани ҳуввиятҳои қавмӣ, мазҳабӣ, табақотӣ ва ё гароишҳои сиёсӣ ҳаққи эъмоли ҳокимияти яксон доранд. Бино бар ин низомҳои монанди низомҳои такҳизбӣ, ки ҳизбҳои дигар ё аз лиҳози қонунӣ иҷозаи фаъолият надоранд ва рақабо ҳазф ё саркӯб мешаванд ё амалан имкони мушорикат ва рақобат намеёбандро наметавон демократия номид.

4. **Назорати ҳамагонӣ**. Дар ҳамаи демократияҳо ҳокимоне, ки тавассути мардум таъйин шудаанд, бояд масъул ва посухгӯӣ тасмимот ва аъмоле бошанд, ки анҷом медиҳанд. Ба ҳамин ҷиҳат бояд оммаи мардум низ битавонанд дар мавриди аъмол ва тасмимоташон пурсишгарӣ кунанд ва дар сурати лозим бар тибқи қонуне, ки онро низ худ тадвин кардаанд, ононро барканор намоянд. Ҳар қадар, ки ниҳодҳо ва роҳкорҳои қавӣ барои назорати ҳамагонӣ вуҷуд дошта бошад, демократияи комилтаре таҳаққуқ хоҳад ёфт.

5. **Озодии сиёсӣ:** Озодӣ чи ба мафҳуми манфии он, яъне раҳоӣ аз иродаи худсаронаи дигарон ва чи ба мафҳуми дигари мусбати он, яъне тавоноии гузиниш ва амал ва мушорикат дар ҳаёти сиёсӣ, дар сиришти демократия нуҳуфта аст. Ин асл шомили озодии эътиқоду андеша, озодии баён, озодии матбуот, озодии иҷтимоот ва озодии мушорикат дар зиндагии сиёсӣ мешавад. Озодии баён дар тамоми шаклҳояш чи гуфторӣ, чӣ навишторӣ ва чи зиддияти раъйҳо аз тариқи расонаҳои мухталиф ва озодии шаҳрвандон барои ташкили анҷуманҳо ва иҷтимоот ба манзури талош дарростои амалӣ кардани ҳадафҳои сиёсӣ бидуни нигаронӣ аз эҳтимоли танбеҳ ва муҷозот низ ҷузъи озодиҳои сиёсӣ аст. Карл Коҳен ба дурустӣ озодии баёнро ба озодии ироаи пешниҳод ва озодии мухолифат тақсим мекунад.[11]

**Нишонаҳо ва шохисаҳои демократия**. Барои санҷиши низоми демократия будани низомҳои сиёсӣ бояд шохисаҳое таъйин гардад, ки метавон ба сурати зер ном бурд.

1. Вуҷуди фурсатҳои сиёсии баробар барои ҳамаи шаҳрвандон. Дар низоми демократия шаҳрвандон боястӣ аз фурсатҳои баробар ҷиҳати касби мансабҳои мухталиф бархӯрдор бошанд ва хар кас битавонад бар асоси шоистагиҳо мансабҳои ҳукуматиро ба даст биёрад. Агар ҳукумате бар асоси зӯр, хун, нажод ва дигар

хусусиятҳои табиӣ ва ғайритабиӣ шакл гирад ва ё дар доираи гурӯҳ ё табақаи хосе қарор бигирад бо демократия фосилаи зиёде дорад.

2. Озодии гурӯҳҳои сиёсӣ, аҳзоб ва нерӯҳои иҷтимоӣ. Вуҷуди аҳзоби сиёси нерӯманд, ки ҳар як намояндаи хост ва иродаи бахшҳои мухталифе аз мардум маҳсуб мешаванд аз вижагиҳои барҷаста ва мушаххасаи аслии демократия аст. Бар тибқи асли озодии сиёсӣ ҳам бояд мардум битавонанд озодона дар ҳар як аз ин ҳизбҳо узвият дошта бошанд ва аҳзоб бояд аз озодии комил барои рақобат бархӯрдор бошанд. Бино бар ин унсури «рақобати сиёсӣ» метавонад шохиси муҳимме барои демократия бошад.

3. Интихоботи озод, давраӣ ва муназзам. Интихобот яке аз роҳҳои таҳаққуқи мушорикати сиёсии шаҳрвандон аст. Бо ин вуҷуд бархе аз донишмандон бо интихобот ба шакли кунунӣ мухолиф ҳастанд. Ва онро беарзиш қаламдод карда, ва ҳамчун шакл додани хамири бешакл тавассути фишори хориҷӣ донистаанд. Ё аз он ба унвони дуздидани раъйҳои мардум ва тасарруфи мутақаллибонаи ҳокимияти мардум таъбир намудаанд.[12] Аммо бештари донишмандон барои санҷиши мизони демократия дар як кишвар аз шохиси интихоби озод ва муназзам баҳра ҷустаанд. Бино бар ин нафси баргузории интихобот яке аз нишонаои аслии демократия аст. Он интихоботе нишондиҳандаи комили демократия аст, ки ҳам шаҳрвандон битавонанд дар фурсатҳои баробар ва озодона дар он мушорикат кунанд ва ҳаққи раъйи баробар дошта бошанд ва ҳам гурӯҳҳо ва нухбагони сиёсӣ бар тибқи қонун битавонанд озодона шанси рақобат дошта бошанд.

4. Озодиҳои сиёсӣ ҳамчун озодии баён, матбуот ва расонаҳо. Барои ба вуҷуд омадани шароити лозим ҷиҳати рақобати баробар ва озоди гурӯҳҳо ва ҳизбҳо ва афзоиши огоҳии мардум ба манзури ширкати муассир дар тасмимгириҳои умумӣ, вуҷуди абзорҳое монанди расонаҳои озод ва фаъол ва матбуот ва ба таври куллӣ таҳаққуқи озодиҳои фардӣ ва иҷтимоӣ зарурӣ аст. Дар сурате, ки шаҳрвандон натавонанд хостаҳои худ ва ё назариёти мухолифи худро озодона баён кунанд ва расонаҳо ва матбуот низ аз инъикоси он манъ шаванд ва ё дар доираи гурӯҳи сиёсии хосе қарор гиранд, халали ҷиддӣ ба ду рукни асли демократия, яъне баробарӣ ва озодии сиёсӣ ворид шудааст. Ба ҳамин ҷиҳат матуботро рукни чаҳоруми демократия номидаанд.

5. Вуҷуди мансабҳо ва мақомҳои интихобӣ ба василаи мардум. Шохиси аслӣ барои таҳаққуқи асли ҳокимияти мардум дар демократияҳои мардумӣ ин аст, ки ҳеҷ масъули ҳукуматӣ бидуни интихоби мардум дар мансаби қудрат қарор нагирад; Хоҳ ин тасаддӣ ба сурати мустақим тавассути интихоби мардум буда бошад (ҳаммонанди намояндагони маҷлис ва Раиси ҷумҳур) ва ё ба сурати ғайри мустақим интихоб шуда бошад. Вуҷуди мақоми бартари мунтахабони мардум, ки битавонад хост ва иродаи мардумро нодида бигирад, мухолиф бо руҳи демократия, ки ҳамон ҳокимияти мардум аст, мебошад. Зеро дар демократияҳо ҳеҷ иродае болотар аз ирода ва хости мардум вуҷуд надорад.

6. Таъмини озодиҳои фардии афроди ҷомеа ва нигоҳбонӣ аз он. Эҳтиром ба озодиҳои маданӣ ва ҳуқуқи як яки афрод ва фароҳам сохтани заминаи посдорӣ аз ин ҳуқуқ азҷумла аз нишонаҳое аст, ки бар асоси он метавон низоми демократияро аз низоми ғайридемократӣ ҷудо кард; чунки аввалин ва боризтарин ҷилваи диктотурӣ ва иқтидоргароӣ, напазируфтани марзи хусусии зиндагии афрод ва риояти озодиҳои мадании онҳо аст.

Нақдҳо ва тавҷеҳоти демократия. Таърихи демократия ба шакли маҳдуди он дорои собиқаи баландмуддат аз Юнони Бостон аст, аммо ин шакл аз ҳукумат пеш аз қуруни ҷадид дар назари бисёре аз файласуфон ва донишмандони илми сиёсат, системаи номатлуб ба шумор мерафт. Афлотун демократияро ҳукумати марудми нодон ва бехабар аз ҳақиқатҳо медонист. Арасту низ демократияро ҳукумати аксарият фуқаро медонист, ки ҳаммонанди тавонгарон аз фазилати миёнаравӣ ба дуранд. Дар қарнҳои миёна низ демократия танҳо ба унвони яке аз аҷзои низоми сиёсии мухталит пазируфта мешуд, ки дар канори унсури шоҳӣ ва ашрофӣ сабаби пастравӣ ва тавозуни низоми сиёсӣ мешуд. Аз мунтақидони демократия метавон аз донишмандони монанди Гераклитус, Суқрот…, Августини Қиддис, Томас Аквинас, …., Макиавеллӣ, Хобз, Эдмунберг, Гегел, Маркс, Моска, Парето ва Си Райт Милз ном бурд, ки каму беш нақдҳои бар демократия ворид намудаанд. Ба таври куллӣ

нақди демократия маъмулан аз сӯи макотиби ҳамчун муҳофизакорӣ, нухбагароӣ ва фашизм сурат гирифтааст. Аз тарафдорони демократия метавон аз Сулун, Преклес…, Ҷон Локк, Руссо, Ҳана Арент, Карл Поппер, Айзя Берлин ном бурд. Бархе аз соҳибназарон низ ҳамчун Сайидқутб ва Абулало Мавдудӣ бо назар ба омӯзаҳои динӣ (ба хусус дини ислом) нақдҳоеро бар демократия ворид намудаанд. Дифоъ аз демократия танҳо марбут ба даврони пас аз инқилоби Фаронса аст. Ва дар даврони ахир ба авҷи худ расидааст. Тавҷеҳи демократия ба унвони беҳтарин шакли низоми сиёсӣ умдатан аз дидгоҳи макотибе монанди либерализм, фоидагароӣ, нисбигароӣ ва ақлгароӣ сурат гирифтааст ва далоиле монанди таъмини озодии фард ва таъмини ҳуқуқи инсон ва барқарории суботи сиёсӣ тавҷеҳ шудааст.[13] Бархе аз андешамандон низ демократияро фаротар аз як низоми сиёсӣ талаққӣ намуда ва аз он ба унвони як арзиш ва ҳинҷор барои тамоми зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ дифоъ намудаанд. Мутафаккирони демократия монанди Ҳоб Хаус, Линсӣ, Ҷон Дюӣ, Ҳана Арент, Ҳобер Мос ва Гидензчунин раҳёфте доранд.[14] Дар ин раҳёфт, демократия сирфан шакле аз ҳукумат нест, балки қабл аз ҳар чиз як фалсафаи иҷтимоӣ, навъе роҳи зиндагӣ ва маҷмӯае аз ормонҳо ва назариёт аст, ки натанҳо дар мавриди амри сиёсӣ содиқ аст, балки шомили равобити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии онон низ мегардад ва ҳатто ба шакли амиқтар ба унвони шеваи тафаккур ва шеваи зеҳн тасаввур шудааст.[15]


**АДАБИЁТ**

1. Абдураҳмони Олам. Бунёдҳои илми сиёсат. Теҳрон. Нашри Най, 1381, чопи нуҳум, саҳ. 293.
2. Коҳен Карл. Демократия. Тарҷумаи Аббоси Мухбир. Теҳрон. Нащри Най, 1371, саҳ. 14.
3. Баширия Ҳусейн. Дарсҳое аз демократия барои ҳама. Теҳрон: Нигоҳи муосир, 1380, саҳ. 175, 190.
4. Сӣ Бӣ Макферсон. Ҷаҳони воқеии демократия. Тарҷумаи Алии Маънавӣ. Теҳрон: Нашри Огоҳ, 1379, саҳ. 67.
5. Қодирӣ Ҳотам. Андешаи сиёсӣ дар қарни бистум. Теҳрон: Самт, 1379, саҳ. 50.
6. Ҳелд Девид. Моделҳои демократӣ. Тарҷумаи Аббоси Мухбир, Теҳрон: Равшангаро, 1369, саҳ. 21.
7. Ҳантингтун Самуел. Мавҷи севуми демократия. Тарҷумаи Аҳмади Шаҳсо. Теҳрон: Равзан, 1373, саҳ. 8.
8. Ҳақиқат Сайидсодиқ. Дар боби нисбатсанҷии дин ва демкоратия. Маҷаллаи Суруши андеша. 1382, шумораи 7, 8. саҳ. 12.
9. Арблестер Антонӣ. Демократия. Тарҷумаи Ҳасани Муртазавӣ. Теҳрон: Ошён. 1379, саҳ. 23.
10. Мираҳмадӣ Мансур. Имомат ва муаллифаҳои демократия. Қабистон. Пойизи 1386, шумораи 45, саҳ. 130.
11. Коҳен Карл. Демократия. Тарҷумаи Аббоси Мухбир. Теҳрон. Нащри Най, 1371, саҳ. 120.
12. Дубнова Ален. Масъалаи демократия. Тарҷӯмаи Бузурги Нодирзода. Маҷаллаи иттилооти сиёсӣ иқтисодӣ, шумораи 77, 78, соли 1373, саҳ. 59.
13. Баширия Ҳусейн. Дарсҳои аз демократия барои ҳама. Теҳрон: Нигоҳи муосир, 1380, саҳ. 192-195
14. Ансорӣ Мансур. Демократияи гуфтугӯӣ. Теҳрон: Тарҳи нав, 1381, саҳ. 27.
15. Рудӣ ва ҳамкорон. Ошноӣ бо илми сиёсат. Тарҷумаи Баҳроми Малакут. Теҳрон: Амири Кабир, 1351, сопи дувум, саҳ. 108.


## ОСНОВЫ И ПОКАЗАТЕЛИ ДЕМОРАТИИ


Сегодня демократия превратилась в понятный и желаемый термин в политологии. Демократия состоит из двух слов «демос» народ и «кратия» власть. Демократия появилась в Древней Греции в Афинах, и этот термин ввел правовед по имени Колистен. Тогда она интерпретировалась как народовластие. Статья посвящена социально-философским основам демократии и ее показателям.



**Ключевые слова:** демократия, основы, показатели, правительство, народ, свобода.


## BASICS AND INDICATIORS OF DEMOCRACY


Today the concept of democracy in world polotics has become a familiar and desirable concept. The word of democracy comes from two words: “demos” means people and “cratia” means government, power and some other meanings.It was started in Athens (a government - city) in Greece with the lawyer reforms called Klystyn. Since that time it has meant the rule of the people. Democracy has different aims so it has some different models.In this article we study definition, basics, indicators, reviewing and justification of democracy.



**Key words:** the Basics, democracy, freedom, government, indicators and people.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Нурали Раиси Ху***-соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# НАЗАРИЯИ ЗЕБОИШИНОСӢ ВА ИШҚ ДАР ФАЛСАФАИ АФЛОТУН

*Зуҳро Музаффарӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз нукоти муҳим, ки бояд ба он таваҷҷӯҳ шавад, зарурати тарҳи масъалаи сайре аз маҳсус ба номаҳсус дар тафаккури афлотунӣ аст. Баҳси тафсилӣ дар хусуси масъалаи сайри ақлӣ - нафсонӣ аз олами махсус ба соҳати маъқул ва номаҳсус, баъдан хоҳад омад. Фалсафа дар талаққии Афлотун чизе ҷуз тақрир ва таҳқиқи ин сайр нест. Мавзӯи ишқ ва зебоишиносӣ низ дар партави масъалаи сайри нафси башарӣ қобили дарк ва фаҳм аст. Афлотун бештарини баҳси худ роҷеъ ба назарияи зебоишиносиро дар ду рисолаи «Фойидрус» ва «Меҳмонӣ» овардааст. Дар баҳси ҳозир, нигориши рисолаи «Фойидрус» пеш аз рисолаи «Меҳмонӣ» нисбатан аҳамият дорад, агарчи ҳар ду рисола мукаммали ҳамдигар ҳастанд. Ҷанбаи ғолиб дар рисолаи «Фойидрус» тарҳи сайри нузулии нафс аз соҳати номаҳсус ва маҳсус аст, чун дар ҳақиқат рӯҳ ва устура гардиши осмонии арвоҳи илоҳӣ ва ғайриилоҳӣ ба ҳубути бархе нуфус ва пайдоиши мавҷуди инсонӣ сухан гуфта мешавад (Фойидрус, 245 с. то 249). Ваҷҳаи ғолиб дар рисолаи «Меҳмонӣ» тарҳи сайри суудии нафс аз олами маҳсус ба номаҳсус аст, чаро ки аз орои мутафовит дар хусуси мадҳу табйини ишқ ва хосса маротиби суудии ишқ аз назаргоҳи худи Афлотун гуфтугӯ ба амал меояд (Меҳмонӣ, 197 б то 212 а). Ба ҳамин хотир аст, ки дар ҷараёни сулуки нафсонӣ ишқ низ бо ҳамон ду навъ сайри нузулӣ ва суудии маърифат рӯ ба рӯ ҳастем. Ба ин тартиб бо таваҷҷӯҳ ва тамаркуз ба рисолаҳои «Фойидрус» ва «Меҳмонӣ» метавон ба асли назарияи зебоишиносӣ ба маротиби ишқ назди Суқрот ва Афлотун даст ёфт.

Лозим ба зикр аст, ки рисолаҳои «Фойидрус» ва «Меҳмонӣ» ба ҳеҷ ваҷҳ ба маънои баёни мунҳасир ба фарди масъалаи ишқ ва тафкики он аз назарияҳои маърифат ба вуҷуд нест. Асосан баҳси Афлотун ғанитару аниқтар аз он аст, ки сирфан ба ишқ маҳдуд шавад. Худи Афлотун пеш аз ҳар нигариши сонавӣ ва тафсири муфассирон ба ироаи тасвири як порча аз андешаи хеш мубодират меварзад ва сареҳан ҷараёни мутаолии ишқу сулук манозили онро ба маънии «ёдоварӣ» мисоли аълои хайру зебоии мутлақ мешуморад, ки дар мартабаи ҳаёт пеш аз ҳубути мутааллиқи мушоҳидаи нафсонӣ воқеъ шудааст (Фойидрус, 249 с). Бо таваҷҷӯҳ бо ҳамин ҳайси илтифоти ишқ тавъам бо маърифат (ҳузури муҷаррради маъшуқ назди ошиқ) аст, ки наметавон назарияи зебоишиносиро ҷудо аз назарияи шинохт ва назарияи вуҷуд таҳқиқу таҳаққуқ бахшид. Дар бахши ҳозир нахуст кӯшиш мешавад, то мабоҳиси пояи инсоншиносӣ ва илму нафси Афлотун матраҳ гардад. Ва сипас сайъ хоҳад шуд, бо таваҷҷӯҳ ба ду сарриштаи ҷараёни ишқ, яъне мартабаи оғозини зебоиҳои ҷисмонӣ ва мартабаи поёнӣ, мисоли хайру зебоии мутлақ, ба баёни моҳияту муқовимоти ишқ ва манозили сулуки ошиқона пардохта шавад.

Яке аз мавориди муҳим ва бунёдӣ дар рисолаи «Фойидрус», тарҳи наву инсоншиносӣ, муносибат ба масъалаи «ишқ» ва зебоишиносӣ аст.Албата, дар аксар рисолаҳои Афлотун ба таври ғайримустақим боинсоншиносӣ ва худшиносӣ рӯ ба рӯ мешавем. Мунтаҳо дар рисолаи мавриди баҳс Афлотун мекӯшад, то бо баёни моҳияти рӯҳ ва гардиши осмонии арвоҳ тақрир ва табйини лозим аз инсону вазъияти вуҷудӣ ва фикри вайро ба даст диҳад. Дар баҳси аз масъалаи моҳият ва маротиби ишқ, лузуми вуҷуди чунин табийни бештар ҷилва менамояд. Ҳангоме, ки Суқрот ва Фойидрус қадамзанон ба канори рӯди Илисус дар ҳумаи Отен мерасанд, Фойидрус мегӯяд, ки дар канори ҳамин рӯдхона будааст, ки гуфта мешавад «буриос» (бурайс) Худой боди шимол, «Уритиё» (Урития) духтари подшоҳи Отинро мерабояд. (Фойидрус, 229 б). Суқрот дар баробари ин устура бе даранг ба мавзеъгирӣ мепардозад ва ишора мекунад, ки иддае аз олимон ба ҳаққонияти ин устура эътиқод надоранд, валекин бо ҳама ин ба тавҷеҳ ва тавзеҳи он мепардозанд ва дар ин роҳ маҷбур мешаванд, ба вуҷуди ҷину парӣ ва кимиёгарӣ ва ҳатто ҷалби мавҷудоти афсонаӣ ва шигифтангез мутавассил шаванд. Худи Суқрот бар он аст, ки боди ба номи Буриос мавҷуд мегардад, то духтарак ҳангоми бозӣ аз сахра ба пойин парт шавад ва бимирад ва ба дунболи ин моҷаро, мардум онро тахти унвони устура рабудашудани духтарак аз сӯи Буриос ва издивоҷ бо вай таъбир ва талаққӣ кунанд.

Сукрот дар идома мегӯяд: «Ман яқинан барои ин умур вақт надорам ва албатта, дӯсти ман иллати онро барои шумо боз хоҳам гуфт. Ман ҳанӯз натавонистаам, то бинобар фармони катибаи парастишгоҳи Делфӣ «хештанро бишносам», то он ҷо ки ин ҷаҳл боқӣ аст ба назар меояд, ки таҳқиқи умури берунӣ амри хандаовар аст. Дар натиҷа роҷеъ ба чунин умуре беэътино ҳастам, албатта эътиқодоти роиҷ ва маъмул дар мавриде онҳоро мепазирам ва ҳамон тавре ки онҳоро гуфтаам таҳқиқоти худро тарҷиҳан ба сӯи хештан хеш маътӯф месозам ва мехоҳам бидонам оё худи ман воқеан офаридаи печидатар ва мағруртар аз Туйфун (Туйфун, ғули тарсноки устураӣ) ҳастам. Ё он ки мавҷуде сода ва меҳрубонтар ҳастам, ки олами улвӣ низ барои ман табиате ғайри туйфунӣ ва мулоим арзонӣ дошта аст.» (Фойидрус, 230 б, 229 с).

Чизе ки барои файласуфи мо аҳамият дорад ва ҷалби таваҷҷӯҳ менамояд, мулоҳизаи наздиктарин чиз ба худи ӯст ва он ҳамон инсоният аст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин хештанбинӣ беҳтар метавон фаҳмид, ки мабоҳиси баъдии рисолаи «Фойидрус» дар мавриди моҳияти рӯҳ ва рӯҳияти ҳақоиқ тавассути нуфусе дар гардиши осмонии худашон ва таҷассуди башарӣ бархе аз он нуфус ба дунболи хубут, тамоман дар ростои шинохти ҳақиқати инсон аст. Аз назари Афлотун вуҷуди инсонӣ, наҳвае аз таҷассуди дунявӣ ё асорати инсонии он нуфуси ғайриилоҳӣ аст, ки ба ҳар ҳол ба мушоҳидаи ҳақиқат ва хосса мисоли хайр ноил шудаанд, ҳарчанд ки он мушоҳида бисер андак буда бошад. Агар нафс ба мушоҳидаи ҳақиқат даст наёфта бошад, имкон надорад ба ҳайати башарӣ зуҳур ёбад. Сухани Афлотун дар ин маврид бисер муҳим аст ва аз ин нуктаи бас бунёдӣ парда бармедорад: «Сукрот: - Фақат он нафсе, ки ҳақиқатро шоҳид будааст, мумкин аст ба сурат ва ҳайати инсонии мо дарояд-назар ба ин ки, одамӣ билзарурат лозим аст, бо гузар аз касрати идрокоти ҳиссӣ ба як ваҳдати ҷамъ ва ҳосилшуда ба василаи таақкул, битавонад лисони мусулро дарк ва фаҳм кунад ва ин фаҳм иборат аст, аз ёдоварии ашёе, ки нуфуси мо дар замони пеш аз ин ҳангоме ки дар рикоби худояшон ба гардиш пардохтаанд, мушоҳида кардаанд, он ҳам ёдоварӣ ба василаи тамошо кардан ба чизҳои дар пойни (умури махсус), ки ҳамакнун онҳоро мавҷуд фарз мекунем ва чашм дӯхтан ба чизҳои дар боло (мусул), ки ҳақиқатан мавҷуд ҳастанд» (Фойидрус, 249 с).

Бо андаке таҳаммул метавон дарёфт, ки фикраи 249 с. нақлшуда аз рисолаи «Фойидрус» бо ҷанбаҳои инсоншинохтӣ ва маърифатшиносӣ ва зебоишиносии Афлотун ҳикоят дорад. Дар осори Афлотун бо навъе иззат ва эҳтироми хос нисбат ба инсон рӯ ба рӯ ҳастем, ки дар камтар фалсафае метавон назири онро ёфт. Сурати амиқи чунин иззат ва ҳурмати башариро дар дини Илоҳӣ ё мазоҳиб ё сувари мухталифи дини Илоҳӣ ба вузуҳ мебинем. Аз нигоҳи Афлотун дар пушди парда ҷасади хокии одамӣ соҳати дигаре аз вуҷуди бартар, зиндонӣ ва асир гаштааст. Ҳеҷ кас зотан зиндонӣ нест ва дар натиҷа зиндони тан ва дунё, ватани инсон нест. Дар ин сурат авҷаби воҷибот иборат аст, аз гурехтан аз зиндони дунё. Аммо Афлотун бар он нест, ки ҳадафи раҳоӣ аз зиндон, тавассул ба ҳар василаеро барои таҳаққуқи раҳоӣ, тавҷеҳ метавон кард. Дар рисолаи «Фойидун», Афлотун ошкоро мухолифати хешро бо худкушӣ иброз менамояд. Ва бар он аст, ки ба таъбири орифони асрор, мо инсонҳо ба навъе таҳти муроқибат ҳастем ва набояд бикӯшем, то вуҷуди худро аз ин вазъият раҳо созем (Фойидун, 62 б). Дар воқеъ Афлотун мушкили башариро сарфи асорати нафс дар як зиндон ё гӯр (сумо) мавсум ба тан (сумо) намешуморад, ки худкушӣ ва раҳоии нафс аз асорати бадан чораи кор бошад. Муъзили аслии башарият иборат аст, аз фироқ аз ҳузур ва мушоҳидаи бевоситаи ҳақоиқи Илоҳӣ ва мисоли хайр. Мунтаҳо ин фироқ ба маънии итмоми ҳузур ва мушоҳидаи бевоситаи ҳақоиқ тавассути нафси башарӣ аст. На он ки Худованд ё мисоли хайр, нуфуси башариро фаромӯш карда бошад. Нисён дар мақоми илоҳӣ роҳ надорад. Хоҳ Худованд бошад ё худоён (ба воқеъ яъне худоён). Дар рисолаи «Қавонин» Афлотун ошкоро аз масъалаи иноят ва илтифоти Худоён ва арвоҳи олӣ ба инсон ва ҳаёти дунявӣ сухан мегӯяд ва ба заъми вай худоён ва арвоҳи бартар ва дар як калом худоён, нигаҳбони галаҳои инсонӣ ҳастанд. Тавре ки дар майдони корзори хайр бо шар худоён ёри мо одамиён мебошанд ва мо мамлуки онон. Афлотун бар он аст, ки растагории мо инсонҳо дар гарави садоқату адолат ва ҳикмат аст». Ва ҳамаи умур назди худоён воқеъ ҳастанд. (Қавонин, 906 а-б). Дар сонӣ хоҳем дид, ки аз нигоҳи Афлотун каму кайфи маърифати нафс дар ҳаёти ухравӣ комилан ба мизони

маърифати вай дар зиндагии дунявӣ бастааст ва аслан маърифати ухравӣ дунболаи маърифати дунявист. Пайдост, ки вақте аз маърифат назди Суқрот ва Афлотун сухан мегӯем, набояд аз назарияи «маърифат баробари фазилат» ё дастикам мулозимати маърифат бо фазилат ғафлат кунем.

Маърифати инсон дар дунё, тобеи ду ҷанбаи аслӣ аст. Аввал ин ки маърифати дунявӣ ба наҳваи ҳаёти пеш аз дунё марбут аст. Афлотун бар он аст, ки агар нафси аз нуфус дар ҷараёни гардиши осмонии арвоҳ ба мушоҳидаи ҳақоиқ ноил нашуда бошад, имкон надорад дар ҳайати башарӣ зуҳур ёбад (Фойидрус, 249 с-д). Бинобар ин, имкони маърифати дунявӣ худ ба ҳайсияти инсони як махлуқ манут аст. Дигар махлуқоти олам машҳуд аз чунин истеъдод ва имконе бархурдор нестанд. Ҷанбаи дуввум ин ки маърифати дунявӣ ба вазъияти зиндагӣ ва хосса кайфияти ахлоқии инсон вобаста аст. Зулму фасоди ахлоқ ҷузъи умуреанд, ки монеъ аз ёдоварии худи зебоӣ мешаванд. Афлотун мегӯяд: «Касе, ки басирати вай нисбат ба роз «зебоӣ» фарсуда гаштааст ё хулус ва покии вай мукаддар гардидааст ба ҳангоми тамошои чизе, ки дар ин ҷо зебоӣ хонда мешавад, мумкин нест ба он ҷонибе, ки худи зебоӣ аст, гузар намояд. Ба ҳамин ҷиҳат ӯ ба амри зебо ва дидаи ҳурмат наменигарад ва дар тасоҳуби лаззат ба шеваи як ҳайвони чаҳорпо рафтор мекунад» (Фойидрус, 250 е низ 250 б, 2249 е).

Бо таваҷҷӯҳ ба устураи гардиши осмонии арвоҳ дар рисолаи Фойидрус (фақараҳои 248 е - 246 е) ҳақиқати инсон аз нигоҳи Афлотун иборат аст, аз нафси муҷаррад ва он ҷаҳонӣ, ки чанд сабоҳе дар гӯри танг гирифтор шудааст. Нафс бо ҳубути дунявӣ аз мушоҳидаи ҳузурӣ ва бевоситаи ҳақоиқ ё мусел маҳрум гаштааст. Ва акнун гӯё дар давраи табъид ба сар мебарад. Бар ин асос бо таркиби аз нафсу ҷисм рӯ ба ӯ ҳастем. Албатта, ин таркиб амри мавқеиятест ва ҳамчунин ҳалқаи воситаи миёни ҷаҳони пеш аз ҳубут ва пас аз ҳубут аст. Аз он ҷо ки Афлотун дар бахше аз рисолаи Фойидрус ба тақрир ва табйини сайри нузулии нафс мепардозад, ибтидои вуҷуду рӯҳу моҳияти онро мадди назар қарор медиҳад. Муроди Афлотун рӯҳу нафс ба наҳви ом аст, ки бар рӯҳи илоҳӣ ва башарӣ ба яксон содиқ мебошад. Афлотун дар ин хусус мегӯяд: «Суқрот:... бояд моҳияти рӯҳро аз рӯҳи худой ва рӯҳи башарӣ бо дар назар гирифтани таҷоруб ва фаъолиятҳои он равшан кунем ва ба ҳақиқати он пай бибарем. Истидлоли мо дар ин бора чунин аст: ҳар рӯҳу нафсе ҷовидон аст, зеро он чи пайваста дар ҳаракат аст, фано намепазирад. Ҳангоме ки чизе ба ғайри худ ҳаракат мебахшад ва дар айни ҳол худаш низ ба василе чизе дигар ба ҳаракат даромадааст, мумкин аст аз ҳаракат соқит шавад ва бинобар ин мумкин аст, ҳаёташ поён пазирад. Фақат дар ҳаракати он мавҷуде вақфа эҷод намешавад, ки худаш мӯҷиби ҳаракати хеш аст, чун тахаттии чунин мавҷуде аз мутақозии табиати хеш маҳол аст, афзун барин мавҷуде, ки муҳаррики худаш (отукинун = atikenoon) аст. Барои таҳрики ҳама чизҳои дигаре, ки ба ҳаракат дармеоянд, мабдаи аввалӣ аст. Лекин мабдаи аввалии ҳаракат мумкин нест ҳудус ёбад, чун ҳар чизе ки ҳудус меёбад, бояд аз як мабдаи аввалӣ ношӣ гардад, лизо худи мабдаъ мумкин нест аз чизи дигаре ҳар чизе ки мехоҳад бошад, нашъа пазирад. Агар чунин бошад, дар он сурат чизи дигар мабдаи аввалӣ нахоҳад буд. Илова бар ин аз он ҷо ки мабдаи аввалӣ ҳудус намепазирад, бо зарурат фанопазир ҳам хоҳад буд, зеро мутмаинан агар мабдаи аввалӣ нобуд мешуд дар он сурат ҳеҷ чизе наметавонист аз вай содир шавад, ҳамчунин чизи дигаре низ наметавонист худи мабдаи аввалиро иодаи вуҷуд намояд. Ба хотири он ки ҳудус ва эҷоди ҳар чизе худ ниёзманд ва масбуқ ба вуҷуди мабдаи аввалӣ аст.

Ба ин тартиб мавҷуде, ки муҳаррики худаш аст, мабдаи аввалии ҳаракат аст ва ҳудус ва эҷоди мабдаи аввалӣ ба ҳамон андоза маҳол аст, ки фано ва заволи вай мумтанеъ мебошад. Дар ғайри ин сурат кулли олами коинот, яъне ҳам он чизе ки ҳудус ёфтааст дар сукун (адам) фурӯ мeғалтид ва ҳаргиз мабдаи дигаре аз ҳаракат ёфт намешуд, то коинотро иодаи вуҷуд намояд» (Фойидрус, 245 с - е).

Чунон ки аз *мафҳуми* каломи зарифи Афлотун ошкор мешавад, *вай* дар ваҳлаи нахуст бар таҳаррук бо лаззоти нафс ва азалияту иллияти он нисбат ба ҳар ҳудус ва ҳаракате дар олами ҳастӣ қоил аст. Тарзи баёни Афлотун нишон медиҳад, ки ба итминони тасалсул қоил аст. Чун ҳудус мабдаи азалӣ мусталзими суқути он аз ҳайси мабдаи мутлақ ва дар натиҷа фуқдони ҳар ҳудус ва ҳаракати дигар хоҳад буд. Ба ин тартиб дар ҷараёни тасалсул бояд вуҷуди як мабдаи мутлақ ва воҳидеро пазируфт,

ки сароғози ҳар чизе аст ва дигар худаш тавассути амри дигар ҳодис нашудааст. Аз сӯи дигар Афлотун бар он аст, ки ҳар он чизе ки азалӣ ва беоғоз аст, заруратан абадӣ ва ҷовидон низ мебошад. Дар натиҷа Афлотун бо истифода аз болаззат будани таҳаррук ва фаъолият дар рӯҳ ва исботи ҷовидонагӣ ба фанонопазирии рӯҳ мубодират меварзад. Бинобар ин Афлотун мӯътақид аст, ки ҳар чи оғоз надорад, напазирад анҷом. Ба қавли ҳукамои исломӣ «Мо ло аввала лаҳу ло охара лаҳ».

Бар тибқи устураи гардиши осмонӣ бояд пазируфт, ки нуфуси башарӣ, ки акнун бо хубут дар мартабаи ҳаёти дунявӣ *ба* сар мебаранд андаке аз ҳақоиқи олами баринро мушоҳида кардаанд ва албатта, дар ин миён ба мушоҳидаи мухтасари худ мисоли хайр низ ноил гаштаанд. Ин мушоҳидаи ҳузурӣ ва рӯҳонӣ мумкин аст, комил набошад, чун мартабаи нуфуси башарӣ ба маротиб фурӯтар аз арвоҳи худоён ва илоҳист. Ва лизо ҳамон тавре ки худи Афлотун ишора мекунад, бештар нуфуси башарӣ ба мушоҳидаи ночизу каме аз ҳақиқат ноил гаштаанд. Дар сони ҳадди аққал дар ин тамошо нуфуси башарӣ ба дидори андак мисоли хайру зебоии ростин, ки дурахшиш ва ҷилваи хосе дошатаанд даст ёфтаанд. Тасбеҳи Афлотун бар *дурахшиш* ва ҷилваи хосси худи зебоӣ ва хайри ҳақиқӣ дар баробари гардишкунандагони варои гунбади осмон ва фуқдонӣ, чунин ҷилваи хосе барои дигар мусулро метавон ба маънии таҳтушшуоъ қарор гирифтани соири мусул дар сояи мисоли хайру зебоӣ донист. Ба таъбири дигар вуҷуди мисоли хайру зебоӣ нисбат ба соири мусул аз қувват ва шиддати бештаре бархӯрдор аст. Ва дар воқеъ мартабаи ашадду ақвӣ дар дори ҳастӣ аз они ӯст.Табъан ба воситаи ҳамин вуҷуди ашад ва ақвӣ аст, ки мисоли хайру зебоӣ дар он рӯз, ки нуфуси мо дар мулозимати худоён ба дидори мусели илоҳӣ роҳи мешавем, аз дурахшиш ва ҷилваи бештаре бархурдор буд. Ва беш аз ҳар чизе таваҷҷӯҳи нуфусро ба худ ҷалб намудааст.

Бар ин асос дар давраи ҳубути дунявӣ низ мисоли хайру зебоӣ роҳаттар аз ҳар мисоли дигаре ба ёд оварда (мутааллиқи маърифти воқеъ) мешавад. Нуктаи дигар он ки тасриҳи Афлотун бар имкон ва рӯъият ва идроки ҳиссии зебоиҳои дунявӣ ва адами имкони рӯъият ва идроки ҳиссии маърифату ҳикмату адолат ба сурати маҳсус ҳокӣ аз он аст, ки мусули ҳикмат, адолат ва маърифат чунон нестанд, ки осори маҳсус қобили рӯъият дошта бошанд. Дар ҳоле ки мисоли хайру зебоии осори маҳсус ва қобили рӯъият ба чашми сар дорост. Дар воқеъ маънои фалсафии ин сухан он аст, ки осор ва маълулҳои мисоли хайру зебоии мутлақ басе фаротар ва густурдатар аз осори мобақӣ мусул аст.

Бинобар ин вуҷуди покӣ ва пиростагии ахлоқӣ дар ҳадди нисбиро мебояд, яке аз шартҳои лозим дар ҳақуқ ёдоварии мусул ва мисоли хайру зебоӣ донист. Ғалабаи ҳавову ҳавас бар ақл, наҳваи ғафлати ақл аз хештан ва маърифатҳо ва андӯхтаҳои хеш аст. Яке аз мавозеи муҳим дар тафаккури Афлотун ба масъалаи бедории инсон марбут аст. Аксарият қариб ба иттифоқ инсонҳое, ки дар ғафлати зулму фасод ба сар мебаранд, худ ба худ бедор намешаванд. Ба қудрат иттифоқ меафтад, ки шахсе худ ба худ ба ҳоли асафбори хеш ва дурии худ аз ҳақиқати зебоӣ ва покӣ тафаттун ёбад. Ба ҳар ҳол бояд рӯидоде рух диҳад, то шахс бидуни тазаккури як инсони дигар мутаваҷҷеҳи ҳоли хеш гардад. Албатта худи он рӯйдод, аз як нигоҳ бартари айни як тазаккур ва иршод аст. Агарчи аз мусахи ҳаводиси номубораки табиӣ ҳамчун зилзила ва сел бошад.

Аҳамияти тарбият ва иршод (пойдиё = paydya) дар вуқуфи аксарияти инсонҳо ба ҳол ва ҷойгоҳи хеш матлаби бунёдӣ аст ва худ дар инояти илоҳии худоён ва худованди хайру зебоӣ ба инсон реша дорад. Усулан дучори хобу ғафлат нашудан хосаи Илоҳӣ аст ва агар касе аз одамиён низ воҷиди инчунин вижагӣ бошад, яқинан аз мероси Илоҳӣ баҳраманд шудааст. Аз нигоҳи Суқрот ва Афлотун ин файласуф аст, ки соҳиби навъи бедории илоҳӣ аст ва метавонад дигаронро бедор намояд, бинобар ин, танҳо ба сабаби вуҷуди наҳви иттисол миёни файласуф бо мақомоти бартар вуҷудӣ аст, ки файласуф имкони эҳёгарӣ дар миёни инсонҳоро пайдо мекунад. Бинобар ин лутф ва инояти Илоҳӣ низ бояд дар миён бошад, то ба ҳамроҳи дигар илал ва шароити лозим, нафси башарӣ битавонад аз олами маҳсус ва бо кӯмаки нардбони ҳавос ба сӯи ҳақоиқи номаҳсус таолӣ ёбад. Суқрот дар мавориди мутааддидӣ ва аз ҷумла, дар ҷараёни маҳкамаи хеш бар он аст, ки аз сӯи Худованд маъмур аст, ки то мардумро ба ҷониби хайру ҳақиқат раҳнамун созад. Дар кул метавон вуҷуди инсон дар низоми фикрии Афлотунро иборат аз мавҷуди ҳақиқатан

рӯҳонӣ донист, ки чанд сабохе дучори убуд шудааст ва аз диёру дидори ёри азалӣ ва зебо дур афтодааст.

Ҳақиқати инсон дар нигоҳи Афлотун нафси муҷарради кабутармонанде аст, ки аз хешовандони илоҳии худ фироқ ёфтааст ва акнун танҳо бо вуқуф бар фироқи хеш аст, ки метавонад бо каманди ишқ ба сӯи ватан ва асли хеш бозгардад. Ба қавли Афлотун: «... дуруст ва сазовор он аст, ки фақат рӯҳи файласуф аст, ки болҳои худро боз ӯ меёбад, зеро чунин рӯхе то ҷое, ки мақдур аст, дар ҳофиза ва замири хеш ба умуре наздик аст, ки тақарруби як худованд ба онҳо сабаб мешавад, то ӯ ҳақиқатан як худо бишавад. Ба ҳамин хотир, агар шахсе аз васоити ёдоварӣ истифодаи дуруст ба амал орад ва ҳамеша ба мушоҳида бекаму кост розҳои комили тақарруб ҷӯяд, фақат ва фақат чунин шахсе аст, ки ҳақиқатан комил хоҳад гашт. Ӯ дар беэътиноӣ ба машғалаҳои одамизод ва (сайъ дар) тақарруб ба Худованд аз сӯи касири аз одамиён ба унвони касе, ки ори аз мушоир аст, сарзаниш хоҳад дид. Чун мардум намедонанд, ки мамлук ва мақҳури улуҳият аст» (Фойидрус, 249 с-д)! Бинобар ин ҳайсияти файласуф будан арзе аризӣ аст, ки аз сатҳи ибтидоии вуқуф ва фироқ ва дурӣ аз ҳақиқат ва илм ба фикдони маърифат оғоз мешавад ва то майле ба худи маърифат, ҳақиқат ва висоли ба худ мисоли хайру зебоиро дар бар мегирад. Файласуф дар ҳар мартабае, ки бошад ба мартабаи болотар назар дорад, аз он ҷо ки таъкид ва таъини вуҷуди нафси башарӣ монеъ аз он аст, ки ба худи мисоли хайру зебоӣ мубаддал гардад, лизо ҳамеша дар талаби ташбеҳ ба Худованд ба мисоли хайру зебоӣ ба сар хоҳад бурд. Мабдаи мутлақи хайру зебоӣ тайид ва ҳадде надорад ва ба ҳамин хотир мутлақу лоятаноӣ ҳаст. Бинобар ин, ҷараёни «ташбеҳ ба худованд» маҳол аст, ҳадду марзе дошта бошад. Ба ин тартиб ҷараёни мустамир аз ташбеҳ ба Худованд ва талаби бархурдорӣ аз хайру зебоӣ лоятаноҳии вуҷуд хоҳад дошт, ки поёне барои он мутасаввир нест.

Бо таваҷҷӯҳ ба мабоҳиси матраҳшуда метавон бархе аз мабодии мобаъдуттабиӣ ва маърифатии ахлоқии сулуки ишқро ба сурати зайл тақрир намуд:

1. <u>Мушоҳидаи нафсонӣ ва аввалияи вусул дар мартабаи ҳаёти пеш аз ҳубут.</u> Ин мушоҳидаи нафсонӣ айни ҳузури бевоситаи нафс дар маҳзари ҳақоиқи муҷаррад ба мунфариди мисоли таҷрибаи шуҳудии онҳо будааст. Чунон ки пеш аз ин дидем, Афлотун мӯътақид буд, ки дар ҷараёни гардиши осмони арвоҳ мисоли хайру зебоӣ аз ҷилва ва дурахшиши хосе бархӯрдор будааст. Табъан ин амр худ муҷиб шудааст, ки нуфус низ ба он ҷалбу ҷазб шудаанд. Ва лизо таъсири амиқи аз мушоҳида мисоли хайр дар назди нуфус боқӣ мондааст. Қимат ва қуввати вуҷудӣ мисоли хайр аст, ки муҷиби таҳаққуқи осори айнӣ ва зеҳнӣ густурда ва пурдомана мебошад. Натиҷаи табиии ин матлаб дар давраи ҳубут низ иборат аст, аз ёдоварии роҳаттар ва саритар мисоли хайру зебоӣ ба василаи мушоҳидаи зебоиҳои ҷисмонӣ.

Бинобар ин дар олами маҳсуси кунунӣ ҳеҷ гуна маърифати ибдоъ ва ихтироъ намегардад ва балки фақат бо бозёфти маърифати ҳосилшуда дар мартабаи пеш аз ҳубут рӯ ба рӯ ҳастем.

2. <u>Барҷой мондани интибооти зеҳнӣ назди нафс аз мушоҳидаи ақлӣ ва нафсонии мусул.</u> Ёдоварии ҳақоиқи масал аз тариқи мушоҳидаи умури маҳсус ё сояҳои он ҳақоиқ, аввалан иборат аст, аз ёдоварии тасаввуроти ақоиди дурусте, ки аз мушоҳидаи ҳузурии нафс дар маҳзари мусул назди худи нафс ба ёдгор мондааст. Албатта ин тасаввурот ва ақоиди дуруст назди нафс фаромӯш шудаанд ва нафс дар ибтидо амр ба онҳо ҳузури зеҳнӣ надорад. Далолати умумри маҳсус бар тасаввуроти вусул ва тадоии онҳо ва далолати тасаввуроти мусул бар худи ҳувияти муҷаррад мисол ва тадоии онҳо худ манут аст. Ба як асли мобаъдуттабии мабнӣ барин, ки то чизе тасвир ва рӯнавишт ё сояи чизе дигар набошад маҳол аст, бар он чизе дигар ё асли худ далолат намояд. Ва муҷиби ёдоварии он гардад. Худи ин ҷараён дар ҳайсияти иллият реша дорад. Ва дар банди зайл ба он мерасем.

3. <u>Лузуми вуҷуди умури махсус ба идроки ҳиссӣ.</u> Умури маҳсус ба ин ҳавос ҳамон соя ва рӯнавиштҳои мусул ё мабодии навъӣ мебошад. Умури маҳсус дар силсилаи тӯли вуҷуд маълул ва махлуқи мабодии навъи мисоле ҳастанд. Имкони далолати як чиз ба чизи дуввум вақте мумкин аст, ки наҳваи робитаи вуҷудӣ миёни он ду бошад. Ба таъбири дигар агар асл ё мартабаи болотари вуҷуд (соҳати мусул) мабдаи аломартабаи рӯнавишт ба тасвир (олами маҳсус) набошад. Далолати рӯнавишт бар асл низ мунтафӣ хоҳад буд. Бинобар ин, далолати чизи дуввум худ

фаръ бар иллияти шайъи дуввум ба чизи аввал аст. Усулан далолати фаръ бар асли хеш ё бар иллияти худӣ асли нисбат ба вуҷуди фаръ муттакӣ аст. Ё он ки ҳар ду мавриди фаръ ва асл дар як асли болотар ба ҳамдигар рабт меёбад. Ба ибораи дигар ҳарду маврид аслу фаръ маълули амри бартар аз худашон мебошанд, ки бар онҳо иҳота ва тафаввуқ дорад.

4. Лузуми вуҷуди мавҷуди олам. **Вуҷуди** нафс амри лозим аст, то битавонад далолат ва тадоиро таҳаққуқ бахшад. Масъалаи иллияти амри вуҷудӣ аст, валекин масъалаи далолат дар ваҳлаи нахуст амри илмӣ ва зеҳнӣ аст ва бидуни вуҷуди нафси олам имкони таҳаққуқ надорад. Далолати тасвир ва рӯнавишт бар асл ва мабдаъи хеш мусталзими таҷаммӯъ ва ҳузури вуҷудӣ долу мадлул дар як ҷои воҳид аст. Дар олми маҳсуси кунунӣ ин ҳайсияти ҳузури дол: ва мадлул бо ҳам танҳо дар соҳати нафси башарӣ вуқӯъ дорад ва бас. Пеш аз ин гуфта шуд, ки ба назари Афлотун ҳайсияти инсоният манут ба он аст, ки нафси башарӣ ибтидо дар олами пеш аз ҳубут ба дидори ҳақоиқ ноил шуда бошад, ҳарчанд ки ин дидор ночиз бошад. Ҳосили маърифати мушоҳидаи ҳақоиқи мусул дар давраи пеш аз ҳубут иборат аст, аз мартабаи ақл ё нафси нотиқаи башарӣ, ки воҷиди пораи тасаввурот ва ақоиди дуруст аст. Тасаввурот ва ақоиди мазбур сурати илмӣ ва тасвири зеҳнии мусули муҷаррад ва мунфарид аст, ки аз он ҷаҳон дар назди нафс боқӣ мондаанд, валекин бо ҷараёни ҳубут фаромӯш шудаанд.

5. Зарурати вуҷуди идроки ҳиссӣ ва ҳусулу ҳузури интибоҳоти ҳисӣ назди нафс. Нафс барои таҳаққуқ бахшидани ҷараёни ёдоварӣ бояд аз далолат ва тадоини зеҳнӣ баҳра гирад. Далолат ва тадоини зеҳнӣ худ мубтанӣ аст, бар вуҷуд ва ҳузури долу мадлули мушобеҳ назди ҳамдигар ва ин нафси башарӣ аст, ки бо ҷамъ кардани долу мадлул дар батни хеш метавонад чунин вазифаеро ба анҷом бирасонад. Мадлул дар ваҳлаи нахуст иборат аст аз тасаввурот ва ақоиди дуруст нозир бар ҳақоиқи мусул ва хоса мисоли хайру зебоии мутлақ. Нафси башарӣ агарчи ин интибооти зеҳнии дурустро пеш аз ҳубут дорост, валекин дар зиндагии дунявӣ аз вуҷуди онҳо дар замири хеш ноогоҳ аст (фаромӯшӣ). Интибооти зеҳнии мо роҷеъ ба ҳақоиқи ашеъ ҳангоми мавриди далолат қарор гирифтан ва тадоӣ хоҳад ёфт, ки умури дигар ба унвони дол ба соҳати нафс вуруд ёбанд. Он ҳам умуре, ки шабеҳи он ҳақоиқи мусул аст. Табъан аз назаргоҳи Афлотун дол иборат аст аз умури маҳсуси воқеъ дар олами машҳуд, ки ба хотири баҳрамандӣ-аз худи мусул шабеҳи асли худашон мебошанд. Ба ин тартиб дар мартабаи ҳаёти дунявӣ бил зарура бояд идроки ҳиссиро ба унвони ҳалқаи бунёдӣ аз ҳалқаҳои сайри сууди ишқ ва маърифат ба шумор оварем. Бо вуруди интибоҳоти ҳиссӣ ҳосил аз умури маҳсус ба соҳати нафс аст, ки гоми нахуст ҷараёне далолат ва тадоӣ бардошта мешавад. Ба воқеъ умури маҳсус ба муҷиби баҳрамандӣ аз ҳақоиқи мисолӣ ва хосса мисоли хайру зебоӣ аст, ки шабеҳи мабодии навъи худашон ҳастанд. Ва ҳамин шабоҳат яке аз шартҳои лозим барои бурузи далолат ва тадоӣ дар натиҷаи таҳаққуқи ёдоварист. 6. Лузуми вуҷуди ду гуна далолат ва ёдоварӣ.

Далолати нахуст иборат аст аз далолати идрокоти ҳиссӣ бар тасаввурот ва ақоиди дурусти ҳақоиқи мусул дар назди худи нафс ва барангехташудан ва тадоии онҳо. Ёдоварии мартабаи дувум иборат аст, аз далолати тасаввурот ва ақоиди дуруст бар вуҷуди айнии худи вусули муҷаррад. Бидуни вуҷуди ёдоварии навъи аввал. Ёдоварии навъи дувум имкони таҳаққуқ нахоҳад дошт. Ишорат кардем, ки далолати чизе бар чизе дигар. Аввалан, бо лаззати фароянди зеҳнӣ аст валомаҳола далолати олами маҳсус бар соҳати номаҳсус. Ибтидоан дар зимни соҳати хосе аз вуҷуд метавонад таҳаққуқ пазирад, ки ҳар ду олам ба наҳви бевосита назди ҳам ҳозир шаванд. Дар олами машҳуди кунунӣ ҳеҷ махлуқе наметавонад ин интизорро бароварда созад, магар инсон. Ба ин тартиб дар ваҳлаи нахуст дар соҳати нафси башарӣ аст, ки далолати маҳсус бар номаҳсус вуқӯъ меёбад. Сипае нафс аз далолати аввалия миёни идрокоти ҳиссӣ ва эҳзори тасаввурот ва ақоиди дуруст ақоиқи мусул ба унвони пули робит ба сӯи далолат ва ёдоварии дувум роҳ меёбад. Дар ин мартаба далолати тасаввурот ва ақоид эҳзор ва эҳё шуда нозир бар мусул бар худи вуҷуди мусули муҷаррад ва хориҷӣ афзун бар ваҷҳаи илмӣ ва зеҳнӣ дороӣ ҷанбаи вуҷудӣ низ ҳаст. Аз ин ҷо ба нуктаи бас муҳим метавон тафаттун ёфт ва он иборат аст аз зарурати тақаддуми вуҷуди далолати ҳузурӣ воқеъ дар нафс бар вуҷуди далолати ҳусулӣ дар хориҷ. Албатта, дар ҳар ду далолат ба ёдоварӣ вуҷуди нафси муҷаррад ва

олам шарти лозим ва иҷтинобнопазир аст. Бинобар ин, бар пояи мушоҳидаи ҳузурӣ ва шуҳуди акдӣ ҳақоиқи маъқул дар мартабаи вуҷуд пеш аз ҳубут ва такяи назарияи «омӯхтан ва маърифат = ёдоварӣ» дар марҳалаи ҳубути дунявӣ бар мушоҳидаи ҳузури пешин бояд натиҷа гирифт, ки ёдоварӣ ва маърифати ҳусулӣ дар ҳаёти дунявӣ масбуқ бар ёдоварӣ ва маърифати ҳузурӣ аст. Бар асоси ин назар гоҳ бояд натиҷа бигирем, ки дар нигоҳи Афлотун ҳар маърифати ҳусулӣ мубтанӣ ва масбуқ бар маърифати ҳузурӣ аст, чаро ки ҳар гуна маърифат бар ҳақоиқи умур чизе ҷуз «ёдоварӣ ва бозёфти ҳамон ҳақоиқ нест.

5. Зарураи вуҷуди покӣ ва перостагии нисбӣ аз разоил. Далолати аввалияи идрокоти ҳиссӣ бар тасаввурот ва ақоиди дурусти мусул назди нафс ва эҳзор ва тадоии онҳо вақте мумкин хоҳад буд, ки илова бар ҳузури долу мадлул миёни он ду ҳоилу монее набошад. Нопокӣ ва зангор бастани равони одамӣ айни девори захине аст, ки аз далолати идрокоти ҳиссӣ ҳозир бар тасаввуроти ғоиби мусул монеъ хоҳад шуд. Дар воқеъ вақте оинаи нафс пок нест, наметавонад аз дол ба мадлул роҳ ёбад. Ба ҳамин хотир зебоиҳои эҳсосшуда, низ ҷуз рӯй овардани инсон ба зебоии маҳсус ва ишқи ҳавасолуд ҳеҷ таъсири дигаре нахоҳад дошт. Чунин инсоне мутаваҷҷеҳи худи ҳақиқати зебоӣ (зебоии ҳақиқӣ) намешавад. Ва лизо ба қавли Афлотун ба ҷои парастиш ва тақарруб ба зебоии ҳақиқӣ дар садади тасоҳуби он бармеояд ва ба доми беҳаёӣ ва лаҷомгусехтагии шаҳват фурӯ мефтад (Фоидрус, 250 е).

Дар воқеъ инсони олудаи нафс амри зебоиро сирфан ба олами маҳсус мунҳасир ва маҳсур месозад ва саодатро дар тасоҳуб ва бархурдории ҳарчи бешта дар зебоиҳои заминӣ мебинад. Таъкиди Афлотун бар раҳоии инсон аз иштиғол ба умури ғайризарурӣ ва ҳусули фароғат ҷуз баёни аҳамияти покии нафс ва фориғ шудан аз мабонеъ ва боз шудани фазои навин дар баробари дидагони ақл нест. Аммо ин ҳама таъкид бар фароғат аз олами маҳсус ба маънии инкори идроки ҳиссӣ ва накши бунёдини он дар таҳаққуқи ёдоварӣ ва маърифати дунявӣ намебошад. Фароғат аз олами маҳсус ва лузуми идроки ҳиссӣ ҳеҷ мунофоте бо ҳам надоранд. Ҳар кадом аз ин ду маврид яке аз чандин шарти лозим барои таҳаққуқи маърифат ёдоварӣ дар олами машҳуди кунунӣ аст.) Иштиғоли сирф ба лаззатталабиҳои табиӣ ва кӯдакона ҳиҷоби ҳақиқатанд. Тан ва ҷисм ба таври таквинӣ монеъи ҳузури бевоситаи нафс назди ҳақоиқи маъқул ё мусул гардидааст. Ҳол дар ин олами маҳсус низ агар касе сирфан ба умури ҳиссӣ ба фарбеҳ сохтани тан иштиғол ва эҳтимом варзад, дар ин сурат ин умур миёни ақл ба ду эътибор ҳоил хоҳанд шуд: ақл ба эътибори маркази ниҳоӣ ҳузури интибооти ҳиссӣ (яъне дол) бо ақл ба эътибори махзани интибооти аклӣ падид омада аз ҳақоиқи мисоли (яъне мадлул) ба муҷиби ҳиҷоб ва ҳоили умури ҳиссӣ бубрузи ҳар гуна интиқоли далолӣ аз дол ба мадлул мунтафӣ хоҳад шуд.

6. Зарурати вуҷуди фард ё афроди бедоргард ва роҳнамои солики навсафари ишқ. Файласуф ё касе, ки умри хешро ба худшиноси ва маърифат ба олами ҳақоиқи асил масруф сохтааст дар поёни маърифати дунявӣ ба барттарин мақоми мумкин дар саёру сулуки ишқ даст меёбад ва он иборат аст аз ташбеҳ ба Худованд ва дӯстӣ бо мисоли хайру зебоии мутлақ (Меҳмонӣ, 212 а, 211 е ва Суои Татус 176 а-б). Дар ин мақом шахсе ба мартабаи ҳадди аксар оростагии дунявӣ ба фазоил ва маърифат ноил мегардад ва аз даруни худ фазоили сотеъ менамояд. Тавлиди фазоил ва нашри онҳо дар сатҳи ҷомеаи башарӣ албатта кори илоҳӣ аст ва табъан реша дар худи мисоли хайру зебоии мутлақ дорад, то касе ба мақоми тақарруби хайру зебоӣ нарасад, зебо нахоҳад шуд ва ба ҳамин хотир файласуф аз мақоми иршод ва ҳидоят бархурдор аст. Чунин касе метавонад инсонҳои ғофилро аз аҳволи дили хештан бохабар созад ва ватани аслии ононро гӯшзад намояд. Бо ин кор аст, ки файласуф мумкин аст, аташи талаби хайру зебоии ҳақиқро шӯълавар созад ва кам -кам зебоиҳои мухталифи ҷисмонӣ ва рӯҳониро барои солики навсафари ишқ арза намояд ва бо ин гуфтугӯ ва муошират ӯро дар ёдоварӣ ё маърифати мусул ва хусусан мисоли хайру зебоии мутлақ ёрӣ расонад.

7. Лузуми вуҷуди иллияти ғой мисоли хайру зебоӣ. Мисоли хайру зебоӣ мабдаи мутлақи ҳама зебоиҳо ва хайрҳои маҳсус аст, ки ҳамагӣ саропо баҳраманд аз мисоли хайру зебоиянд. Ҳамин буъд аз масъала аст, ки сабаб мешавад, ки мисоли хайру зебоӣ иллати ғоӣ ва қасвоӣ ҳама ҳаракатҳо ва орзуҳо бошад, то иллияти фоилӣ мисоли хайр ва дарахшиш ва ҷилваи мумтози ӯ дар олами баринро қабул накунем,

наметавонем ёдоварӣ ва шавқе нейл ва онро болотарин шавқ ва умумитарин талаб назди ҳама инсонҳо бишуморем. Риштаи ишқ, ки файласуфро ба сӯи зебоӣ ва хайри мутлақ ва ҳақиқӣ бар мекашад, риштае ҳаст, ки дар сарогози сайри нузулии вуҷудӣ ва пеш аз ҳубут ба дасти худи мабдаи мутлақ бар гардани файласуф (ва ҳар инсоне ба наҳваи билқувва) афканда шудааст ва одамиро ба он ҷо мебарад, ки хотирҳоҳи худи ӯст. Аммо хайру зебоии мутлақ хотирҳоҳи як чиз аст ва он худаш аст ва дуруст ба ҳамин ҷиҳат аст, ки ҳама ҳастӣ дар талаби ӯ мебошанд. Ба таъбири дигар дар олами ҳастӣ ҳама чиз вуҷудан ва илман ва хулкан бар маркази мутлақи ҳастӣ таваҷҷӯҳ ва тамаркуз доранд. Ба мӯҷиби иллияти ғоӣ мубтанӣ ва масбуқ бар иллияти фоилӣ мисоли хайру зебоӣ мутлақ аст, ки сайри суудӣ ва висол ба ғояти қасвӣ дунболаи саёри нузулӣ ва фироқ аз ӯст. Ба ин тартиб, иллияти ғоӣ мисоли хайру зебоии мутлақ бидуни вуҷуди иллияти собиқи фоилии ӯ на танҳо ҳеҷ арҷ ва "эътибор надорад, балки имкони таҳаққуқ низ надорад.

Бо таваҷҷӯҳ ба он чӣ гуфта шуд, бояд бипазирем, ки Афлотун дар водии тафаккури фалсафӣ масъалаи бунёдии сайр аз олами маҳсус ба соҳати маъқулро пайрезӣ мекунад. Тафаккури фалсафӣ барои Афлотун ба шинохти назарӣ олам ва одам маҳдуд нест ва фаротар аз ваҷҳаи амалӣ ва ахлоқии хосро низ дар бар дорад. Сарнавишти инсон ва ҳубут ва фироқи ваӣ аз хешони илоҳии худ, чизе нест, ки Афлотун онро нодида бигирад. Масъалаи нузул ва сууди нафси башарӣ ба сурати сайри маърифат ва сулуки ишқ дар мутафаккирони навафлотунӣ, монанди Афлотун таъсири ҷидӣ доштааст ва дар ин хусус ҳар чӣ гуфта бошанд аз баракати мероси Афлотун аст. Фрейд Лендер мегӯяд: «Навафлотунин ба таъсис аз Афлотун аст, ки сарнавишти нафсро мутазаммини ду гуна ҳаракат «нузул» аз (Прудус = peroodoos) Худованд «сууд» ба (Онудус -anoodoos) Худованд дониста ва амали бозгашти (Пиструфа ) - ро миёни он ду ҳаракат афзуданд». (Фрейд Лендер, 1964, ҷ. Аввал, с. 74). Албатта, лозим ба зикр аст, ки масъалаи бозгашт ба сӯи Худованд худ дар зимни ҷараёни сайри суудӣ ҷой мегирад. Афзун бар ҷанбаи таквинӣ сууд ва руҷӯи олами ҳастӣ ба сӯи мабдаи худ, Афлотун аз зарурати бозгашт ва сайри суудии ташриӣ низ сухан мегӯяд. Вай дар рисолаи «Сеои тутус» ба кароҳат изҳор медорад, ки бояд ба олами кунунӣ хайру шар ба суи соҳати хайри маҳз ё олами улвӣ ё илоҳӣ гурехт ва ин гурехтан ҷуз ташбеҳ ба Худованд чизи дигаре нест. Яъне тахаллуқ ба ахлоқи фозила, ки танҳо роҳи саодати ҳақиқии башарист (Сеои Тутус, 176 а-б). Шояд Афлотунро бо ановини чун идеалист ё мудофеъ ва пайрави мазҳаб асолати маъно хитоб кунанд, лекин ин гуна ановин бо таваҷҷӯҳи танаввуи маъонии онҳо дар раванди тафаккуроти фалсафӣ наметавонанд ҳаққи матлабро адо намоянд. Афлотун албатта мудофиаи вуҷуди олами маъқули мусул аст ва дуруст ба хотири вуҷуди ҳақоиқ комил ё мабодии муҷаррад ва навъи ашё маҳсус аст, ки андешаҳои ормонӣ низ дар сар дорад, аммо фикр намунад, ки битавон мақоми амал ва рафторро ба ҳамон андоза, ки мақоми сухан ва назари дороӣ ҳақиқат аст, ба ҳақиқат наздик сохт (Ҷумҳурӣ, 473 а-б). Андешаи ислоҳи умур бар мабнои фалсафа мероси бузурги Суқрот ва Афлотун аст. Ва ин ислоҳ ва эҳё мустақиман ба инсон ва андешаҳо ва рафторҳои ваӣ марбут аст. Фикри Афлотун беш аз он ки ормонӣ ва нозир бар нокуҷообод бошад тафаккури дунявӣ ва башарист.

**АДАБИЁТ**


1. Платон и его эпоха. Сборник статей. - М.: Наука, 1979.
2. Платон. Диалоги. - М.: Мысль, 1986.
3. Платон. Менон. Собрание сочинений в 4 т. Т.1.- М.: Мысль, 1990 Платон. Пир // Платон. Собрание сочинений в 4-х тт.: Т.2. - М.: Мысль, 1993.
4. Платон. Собрание сочинений в 4-х тт.: Т.3. - М.: Мысль, 1994.
5. Платон. Федр (пер.А.Н.Егунова). Редакция, вступительная статья, комментарии, хронология Ю.А. Шичалина. М.: Прогресс, 1989.
6. Лосев А.Ф. История античной эстетики. Софисты. Сократ. Платон. М.,1969 (переиздана в 1994).
7. Соловьев В.С. Жизнь и произведения Платона (предварительный очерк в «Творениях Платона») в перев. В. Соловьева. - М., 1988.

**ПРОБЛЕМА ИСКУССТВОВЕДЕНИЯ И ЛЮБВИ В ФИЛОСОФИИ ПЛАТОНА**

Следует отметить, что Платон в своём философском мышлении выдвигает проблему перехода, из специально вымышленного мира в нужный реальный. Философское мышление по Платону познанием взгляда на мир и на человека не ограничивается и более, охватывает практические и моральные стороны. В связи с этим философ, возможно, затрагивает проблему искусствоведения и немного физическую и моральную красоту

**Ключевые слова:** Платон, философия, филология, любовь, эстетика, человек, чувственное познание, чистота.

**THE PROBLEM OF ART AND LOVE IN PLATONS PHYLOSOPHY**

It should be mentioned that Platon in his Platonshical thinkind touching the problemfransition from special “thinking” world in real world. Philosophical thinking according Platon don’t limited, but involve practical u moral sides. In this connection, may be, phylosophy effecting the problem of arthistory and iss physical and moral bealltyophy

**Keywords:** Plato, philosophy, philology, love, esthetic, clear.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Зухро Музаффари*** - соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКАЯ ИНТЕРПРЕТАЦИЯ ФЕНОМЕНА СУИЦИДА

***Банодухт Наджафиёнпур***
**Институт философии, политологии и права АН РТ**

Без преувеличения, самоубийство является загадочным и таинственным феноменом. Для некоторых, может быть, даже мысль о самоубийстве невозможна. Поэтому суицид, ввиду существования у людей такого экзистенциального начала, как страх, не поддается легкому объяснению.

Несомненно, все явления Вселенной являются объектом философской дискуссии, следовательно, философия является наукой, обсуждающей и рассматривающей общие законы, господствующие над природой, человеком и обществом. Продолжительность жизни философии соразмерна человеческой жизни на Земле, и на протяжении всей истории она подвергалась множественным изменениям, каждый раз отличаясь как-то от предыдущих периодов своего развития.

Совершенно очевидно, что ощущение дискомфорта от смерти является одной из основных причин возникновения философского скептицизма. Философы-скептики представляют жизнь и бытие бесцельными и бесполезными, лишенной всякой мудрости. Подобное представление приводит их к недоумению и удивлению, а порой заставляло и продолжает заставлять их думать о суициде. Скептики размышляют, что, если концом индивидуального человеческого бытия является уход и смерть, то не следовало прийти в этот мир. И теперь, если мы пришли в этот мир без нашей воли, то, по крайней мере, мы можем не позволить, чтобы подобная бесполезность продолжалась, и завершение такой бесполезности является само по себе мудрым поступком.

Безусловно, одной из основных и неопровержимых реальностей для каждого мыслителя является смерть. Смерть рождается вместе с рождением человека, и эти близнецы – жизнь и смерть – постоянно в земной жизни его сопровождают. Хотя человек из-за реальности жизни ощущает ее, но в связи не пониманием смерти предает ее забвению.

Следует отметить, что феномен смерти в качестве необходимой и неопровержимой реальности являлся темой изысканий и предметом анализа различных философских школ. И каждая из этих школ, основываясь на осознании и понимании человеческой истины, которыми они обладают, выдвигают свои суждения относительно необходимых компонентов. В этом плане материалистическое мышление считает бытие человека ограниченным в теле и признает смерть как исчезновение и конец жизни. Следовательно, в этой школе страх от смерти является равным страху от исчезновения и погибели.

Однако в божественном понимании, реальность человека является его трансцендентной и духовной истиной кроме его тела, и тело для него служит в качестве инструмента. По мнению этой группы, смерть считается разрывом связи души с телом,

поэтому, испытание страха от наступления смерти является невежеством по отношению к этой истине.

Характерно, что Абуали ибн Сино и Мулла Садро, основываясь на философское мышление, подтверждают вторую теорию. Хотя каждый из них в соответствии со своими философскими принципами выдвигают многочисленные факторы относительно этого страха, тем не менее, в конце концов, они считают основной причиной этого страха невежество людей по отношению к реальности смерти и событий, последовавших после нее.

Несмотря на то, что большое число философов в истории Востока – Ирана, Индии, а также западных стран, особенно Греции, после Ренессанса обращали внимание на проблему смерти, тем не менее, при тщательном обзоре философских учений выявляется, что никто конкретно и систематическим образом не выдвинул точное ее определение.

Без осознания и понимания феномена смерти мы никогда не сможем понять полные размеры нашей жизни и, конечно, «другое ее лицо» по-прежнему будет оставаться в темноте и скрытым.

В исламе, который руководствуется Священной книгой Коран, смерть считается мостом в вечный мир, где человек после воскресения, если был праведным, будет вознагражден, а если был нечестивым, то получит наказание. Смерть здесь не является ужасной вещью, а проявляется в образе ангела милости для праведных и ангела зла для грешных людей.

В действительности, ислам, бесспорно, отображает значение смерти и природу души, деликатно ссылаясь на вопрос выживания души. Испанский философ-экзистенционалист прошлого века Мигель Диамонд отмечал, что я как маленький ребенок или юноша не боюсь ада, но мне страшно, что у меня нет никаких опасений стать жертвой. Святой Августин говорил, что смерть для человека является наказанием за грех, который он свершил в первый день, и страх от смерти не может быть преодолен иначе, как по благодати Божией.

Продолжая анализ, заметим, что согласно Сократу, чистота духа проявляется в непотребности и в разрыве от принадлежности и связи от тела. Соответственно, он считает, что смерть есть не что иное, как отделение души от тела.

По мнению Платона, смерть не означает исчезновение и разрушения, она является лишь разделение души от тела и прекращение связи человека с миром образа и тени, фактически – переход от одной стадии жизни к другой. Ввиду того, что Платон также считает истину смерти разделение души от тела и убежден в том, что смерть происходит в то время, когда тело лишается своей координации и он, упрекая самоубийство, говорит: «Нельзя насильно изгонять душу из тела, так как если душа уйдет подобным образом, то она должна что-либо брать с собой, чтобы она смогла выйти из тела наружу. Следовательно, она сопровождается чем-либо физическим и чужим…душа должна ждать, пока тело полностью отделится от нее. В этом случае она не вынуждена пойти в какое-то другое место, но когда она отделится от тела, она сама по себе отделится от тела». Возникает вопрос – как же тело отделяется от души? А это происходит таким образом, что тело теряет свою координацию, требуемую душой, и больше не может держать при себе душу, и ни одна часть не останется связанной с телом.

Следует заметить, что истина смерти, с точки зрения Мулла Садро, является ничем иным, как переход от экстатического материального состояния в эзотерическое состояние малакута (царства небесного). По словам Садро, сперматозоид в своем сущностном движении постоянно находится в состоянии превращения с тем, чтобы в конечном итоге, преобразоваться в человеческую душу, которая своим сущностным развитием достигает различные положения и степени абстракции. Хотя она в своем существовании является природным существом, но из-за непрерывного сущностного движения ее абстракция все увеличивается, а ее природная суть уменьшается, что, в конечном итоге, выводит себя из природы. Другими словами, она является единой сущностью, и посредством своего сущностного движения она постепенно двигается в сторону совершенства и устремляется к постепенному освобождению от природы. Ее связь с природой, продолжавшаяся в течение жизни, разрывается, ее тленная сущность исчезает и становится полностью чуждой для земной жизни.

В этой связи заслуживает внимания «Теория смерти и счастливой жизни». Согласно этой теории, которая выдвинута Леонардо да Винчи, подобно тому, как день пройдет

радостным и вызывает приятный сон, хорошая жизнь также заканчивается хорошей смертью. Он отмечает, что источником мучительного умственного беспокойства от смерти являются человеческие страдания, и, следовательно, решение проблемы заключается в просвещении людей, чтобы они жили хорошо и счастливо. Счастливый человек не беспокоится серьезным образом от наступления смерти, он не думает и не размышляет о ней[1].

Что касается учения буддизма о смерти, то оно гласит: Жизнь, которую мы испытываем, является постоянным потоком двойственных опытов(горе и радость, удовольствие и боль, смерть и жизнь и т.д.), хотя таким существованием мы завершаем свое путешествие с не двойственными опытами. Будда считал, что после смерти существует жизнь и человек возрождается после смерти. Ситуация, которая скрыта в космической памяти, является шире, чем временная память. Поэтому тот, который живет достойной жизнью, не беспокоится о том, что произойдет после смерти[2].

Более привлекательным, на наш взгляд, кажется материалистический взгляд на жизнь. Материалисты, поясняя широко распространенную причину философии жизни, аргументируют, что все существующее, связано с энергией и материей, даже разум человека связан с ними. В целом, они аргументируют свою позицию тем, что между наукой и религией не существует никакой связи. Результат таких усилий построен, прежде всего, больше на предположения и может в различных местах обладать содержание рациональной философией. Ввиду того, что абсолютная часть изменений могут быть основана на одних и тех же утверждениях, поэтому этот вопрос до сих пор остается быть открытым.

Всякое живое существо может связано с душой. В большинстве случаях оно существует в качестве ученика, обучающегося и развивающегося. Возможно, что тот смысл, которого мы подразумеваем в этом случае, ограничивается лишь некоторыми животными в соответствии с их геном и средой.

При этом существует большая, очевидная и уникальная для индивида разница между душой человека и его самосознанием или самопониманием и осознанием души.

На первый взгляд, кажется, что душа является первичным существованием для подготовки души. Наше тело можно сравнить с большим самолетом, в котором бортовой компьютер является нашим мозгом, а летчик нашей душой. Этот самолет может летать с использованием автопилота, т.е. без необходимости к реальному пилоту, который может контролировать все. Наше тело и наш мозг эволюционирует и действует уже тысячи лет, но под полным контролем души. При всем этом, не дается ответ на вопрос – что собой представляет жизнь?[3]

В предисловии книги M.V. Kamath «Philosophy of life and death» приводится, что человек живет в мире страха, тревоги, стресса и т.д. Но все это создается самим человеком, которое в реальности не происходит. Так что все бедствия происходят посредством человека. По отношению к смерти автор книги пишет, что смерть является самым естественным явлением для сознательного человека, который осмысливает, что смерть неизбежна. Она может наступить из-за сердечного приступа, случайности, авиа - или железнодорожной катастрофы. Или же она может случиться после постарения; преодоления страданий, боли, или, возможно, сразу же после рождения; в детском, подростковом, взрослом или среднем возрасте. Как физическая реальность, смерть легко понять. Она представляет собой завершение жизненной силы в теле.

Продолжая свое суждение, автор исследования по философии жизни и смерти, задается такими вопросами, как: В чем заключается связь между человеком и творцом? Является ли смерть реальностью? Действительно ли концом человеческой жизни является смерть? Если нет, то существует ли жизнь после смерти? Если существует, то, что она собой представляет? Существует ли исчерпывающее определение относительно смерти? Если есть, является ли оно тем же определением, которое мы имеем в виду относительно души? и т.д.[4]

В книге Wiley-Blackwel «Философия жизни» также рассматривается вопрос: Если существует возможность преждевременной смерти, то, как нам следует жить? Мы знаем, что мы смертны, но человек не стремиться к смерти. Далее он добавляет, что мы живем в течение определенного отрезка времени; дни, месяцы, годы являются нашей собственностью, в течение которых мы живем, и смерть может наступить в любое время. Автор подчеркивает, что человечество уверено в том, чтобы философия была

пересмотрена и возрождена: Мы считаем, что она должна быть пересмотрена и выведена за пределы ограничений. Свобода для всех и для каждого человека должна обладать такими характеристиками, как мощь, условия, пол, общность. Смерть является декларацией прав человека для каждого их них, что повторяется.[5]

Ввиду того, что каждый человек обладает признанными в мире правами, этот принцип часто подвергается критике. Либералы отрицают этот путь. Они не считают этот мир универсальным и современным.[6] Если, в действительности, каждый человек обладает общепризнанными мировыми правами, то почему люди совершают самоубийства? В чем заключается их философский взгляд на это деяние?

В своем произведении «Самоубийство девственницы» Джеффри Евгенидис указывает на запутанность и неопределенность феномена самоубийства. Автор описывает реакцию нескольких мальчиков на самоубийство пяти сестер. Обладая вещами своих сестер, мальчики были в замешательстве по поводу сознания причин их самоубийства.[7]

Вне всякого сомнения, многие идеи и мысли о самоубийстве содержат спутанность сознания, героическое благоговение, сострадание и гнев, моральные и религиозные порицания. Самоубийство в настоящее время является предметом междисциплинарных научных исследований. Тем временем, результаты исследования в области неврологии дают надежду на объяснение явления самоубийства. Однако, похоже, что вопрос о самоубийстве все еще находится вне области науки. В самом деле, мыслители времени Платона уделяли много внимания на феномен самоубийства. Объяснение данного явления в рамках философии включает в себя широкий круг понятий и вопросов из области теологии, этики и психологии. Одним из таких вопросов является: что заставляет человека совершать самоубийство? Что стимулирует такое поведение? Является ли суицид морально допустимым или же оно требует особых условий? Является ли самоубийство интеллектуальным феноменом? Ниже рассмотрению подвергаются философские идеи по каждому из вышеперечисленных вопросов.

Заметим, что исследование и изучение феномена самоубийства не является беспристрастным расследованием, и в большинстве случаев представление факторов и причин, смешиваются с отрицательной эмоциональной констатацией или с моральными суждениями. Таким образом, беспристрастность в отношении объяснения самоубийства нарушается.

беседе, публичному выступлению следует готовится, разрабатывайте стратегию разговора; помните, что вы должны быть для всех примером для подражания; возможны барьеры между вами и сотрудником; -посоветуйтесь с опытными сотрудниками, решайте все спокойно.

Руководителю следует обратить внимание на культуру и технику речи. Культура речи - это не только точное, но и доходчивое и наиболее уместное выражение мысли. Это сочетание ударений и методики речи, пауз, ритма и темпа создаёт развитие мысли. Поэтому руководителю важно общаться с сотрудником на темы:развитие личности, талантов, умственных и физических способностей людей в их наиболее полном объёме; воспитание чувства любви и преданности Родине, национального самосознания (овладение родным языком, осмысление истории, культуры, искусства, нравственных ценностей, обычаев, обрядов, символики своего народа, нации родного края), стремление продолжить и развить заветы родителей, предыдущих поколений, их трудовые и творческие традиции;уважение к Конституции и непременному исполнению норм закона; -личная причастность и ответственность за сохранение и приумножение природных богатств родного края (а не его разбазаривание);новое нравственное и политическое мышление, терпимое отношение к цивилизации, отличающейся от нашего понимания единства и разнообразия мира, вытеснение «образа врага»;ознакомление с историей, культурой, экономикой, традициями, особенностями национального характера народов нашего государства, уважение прав национальной независимости народов, активное предупреждение национализма;подготовка личности к сознательной жизни в свободном государстве;культура поведения, доброта, чуткость, милосердие, великодушие, совесть, достоинство;уважение к людям, любовь к природе, к Родине.

Руководитель должен придерживаться следующих требований в процессе восприятия социального опыта людей: сочетание гуманистического, общенационального общечеловеческого восприятия мира с формированием у людей прагматического понимания реализации своих потенциальных возможностей в труде жизни;создание условий для самораскрытия личности;взаимосвязь демократического управления и самоуправления; обеспечение взаимопомощи, взаимодействия и личной ответственности за результаты индивидуальной и коллективной работы.

- Включение людей в управленческие отношения должно основываться на: ориентации разработки системы гуманизации, включающей психолого - педагогические аспекты в управлении;гибкости и вариативности гуманизации с учётом потребностей, а также способностей личности;подготовки научно-методических пособий по социальным, психолого -педагогическим аспектам управления, открытие интегральных высших курсов; ориентации руководителя на использование в процессе гуманизации управления различных форм самообразования, на овладение новыми информационными технологиями, на обмен опытом и др.; широкое применение форм и методов активного управления.

Реализация требований гуманизации должна рассматриваться в ходе решения таких важнейших проблем, как: человек и мироздание (через понимание «устройства» и сущности законов природы, осознание перспектив развития общества и роли в нем человека); человек и общество (знание комплекса проблем, исследуемых такими науками, как философия, социология, психология, физиология, педагогика, генетика, кибернетика и др. при этом следует подчеркнуть связи этих наук, особенно связь социального и биологического, понять уникальность и само ценность личности);образование, воспитание, развитие (используя творчески переработанный многовековой опыт управления, обеспечить социальное обновление человека); человек в масштабе времени: прошлое как один из путей пробуждения самосознания (путём исследования истории природы, истории общества, осмысления болевых точек исторического развития страны воспитывать историчность мышления, философию современного развития);

## РУКОВОДЯЩАЯ РОЛЬ В КООРДИНАЦИИ ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПОДГОТОВКЕ ВЫСОКОКВАЛИФИЦИРОВАННЫХ КАДРОВ

Существенное обстоятельство, определяющее руководящую роль в координации идеологической деятельности в подготовке высококвалифицированных кадров, кроется в основных знаниях, которые расширяют процесс внутренних регулирующих действий. Выраженный интерес, в основе которых лежат

интересы сотрудников, выступает той силой, которая в состоянии объединить коллективы. В данной статье рассматривается руководящая роль в координации идеологической деятельности в подготовке высококвалифицированных кадров.

**Ключевые слова**:идеологическая деятельность, руководство, подготовка высококвалифи**ци**рованных кадров, интересы сотрудников,

**LEADING ROLE IN COORDINATION OF IDEOLOGICAL ACTIVITY IN PREPARATION OF HIGHLY QUALIFIED PERSONNEL**

The essential circumstance defining a leading role in coordination of ideological activity in preparation of highly qualified personnel is covered in the main knowledge which expands process of internal regulating actions. The expressed interest at the heart of which interests of employees lie, acts as that force which is able to unite collectives. In this article the leading role in coordination of ideological activity in preparation of highly qualified personnel is considered.

**Key words:** ideological activity, management, preparation of highly qualified personnel, interests of employees,

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***А.А.Азизов***-кандидат педагогических наук, доцент.

# ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

***Ҳ.Н.Махмудов***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Пеш аз офаридани ҳар як шоҳасари беназир ва зебою нотакроре, ки рассом меофарад, ӯ мақсадҳои аслии мавзӯъро интихоб мекунад. Муддати тӯлонӣ тасвири он асарро дар оинаи ақли хеш муҷассам карда, меомӯзад ва баъд бо қалами ҳунар, ҳиссиёти гуворои дар дил ҳосилкардаашро дар он иникос мекунад. Ҳамин тариқ, мо ҳама рассомониояндаи ҳаёти худ ҳастем. Агар мо ҳамчун рассом хоҳем, ки амали мо бобарор бошад, бояд қудрату тавоноии ҳунари худро дарк намудан дошта бошем, мақсадҳои аслӣ ва аз ҳама муҳим, маънои мавҷудияти хешро дар ин олам муайян карда тавонем.

Дар зимни мафҳумҳои "таълим" ва "тарбия"– умеду орзӯ ва боварӣ баояндаи неки зиндагии инсон, ки дар дили ҳар як падару модар ва устоду мураббӣ ниҳон аст, таҷассум ёфтааст.

Бароиояндаи дурахшони хеш ҳар як фарди соҳибандеша метавонад муносибати ғамхоронаи худро бо наврасону ҷавонон оид ба муҳимтарин талаботи замона, омӯзиши илм, кашфиёту эҷодиёт, расму оинҳо ва арзишҳои волои миллӣ арзёбӣ карда, ҳамкорӣ ва шояд саҳмгузории худро барои мукаммал намудани он дареғ надорад. Танҳо он гоҳ мо метавонем дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми бебаҳои худро гузошта, Ватани азизу фарҳанги волои худро барои насли оянда ба мерос гузорем.

***Олитарин омиле, ки ба миллат умри ҷовидон мебахшад, чароғи илму маърифатро равшан кардан аст.***

***Бузургтарин амале, ки тақдири миллатро меофарад, насли бонангу номус тарбия кардан аст.***

Дар олам садҳо касбу ҳунар ва машғулиятҳои гуногун мавҷуданд, ки одамон дар зиндагӣ барои пешбурди ҳаёти худ онҳоро интихоб карда меомӯзанд, ба монанди: муаллимӣ, сохтмончигӣ, пизишкӣ, деҳқонӣ, дӯзандагӣ, ронандагӣ ва ғайраҳо. Вале машғулияте вуҷуд дорад, ки он барои ҳар як оилаи солим муҳим, ягона ва масулиятнок аст - ин таълиму тарбияи фарзанд мебошад. Яъне мақсади ин касб инсон ба камол расонидану одам тайёр кардан аст.

Хусусияти хос ва нотакрори ин машғулият он аст, ки падару модарон барои хушбахтии оянда хеш пойдевори ҳаётро бунёд месозанд. Ҳар заҳмате, ки дар ин роҳ аз ҷониби падару модар, муаллим ва мурабӣ пешбинӣ мешавад - тарбия ном дорад.

Тарбияи фарзанд - сарфи қувваи махсусро талаб дорад - қуввае, ки аз қалб пайдо мешавад. Яъне ин қувва - нерӯи рӯҳист. Ҳар як инсон дар дил орзуиояндаи неки фарзандро мепарварад. Ба умеде, ки фарзанд дар оянда поквиҷдон, сарбаланд ва

давомдиҳандаи насли ӯ бошад. Меҳру муҳаббати падар нисбат ба модар ва ишқу ихлоси модар нисбат ба падар дар оила, аввалин ва устувортарин сарчашмаи комёбӣ дар тарбияи фарзанд аст. Кӯдакони ботарбия дар он оилаҳое ба воя мерасанд, ки падар ва модар дар ҳақиқат якдигарро дӯст медоранд ва дар баробари ин, дигаронро ҳам иззату эҳтиром мекунанд.

***Таълим ва тарбияи дурусти фарзанд метавонад ояндаи оила, давлату миллат ва оламу одамро муайян созад.***

Тифли инсон бо гиря дунёро аз тавлиди худ огоҳ мекунад. Ва тарбияи ӯ аз ҳамон лаҳза оғоз меёбад. Ӯ дари дунёи равшанро оҳиста - оҳиста барои худ мекушояд ва онро бо ҳушу дилаш дарк мекунад. Ӯ табассуми модарро мебинад ва аввалин ҳиссиёташ ин мешавад, ки модар (баъдан падар) барои хушнудӣ ва хушбахтии ӯ вуҷуд доранд. Ва онҳоро барои худ аз ҳама зеботарин, донотарин ва наздиктарину муҳимтарин шахс меҳисобад. Ин аввалин ҳиссиёти тифл нисбат ба волидайн ва масъулияти падару модар нисбат ба тифл мегардад, ки то абад, бояд чунин боқӣ монад. Чунки низоми ҳаёт барои инсон ин гуна пешбинӣ шудааст.

Чӣ қадаре ки вақт мегузарад, ҳамон андоза дарки масъулияти падару модар нисбат ба тарбияи фарзанд аҳамиятноктару зиёдтар мегардад. Агар падару модар ба рафтору кирдори кӯдак беаҳамиятӣ зоҳир намоянду кӯдак аз рӯи хоҳишаш рафтор кунад, пас ӯ беодобу бадрафтор ва бадкирдор ба воя мерасад. Оқибат дар ақл ва шуури ӯ талаботҳои гуногуни ғайриоддӣ нисбат ба ҳаёт меафзоянд ва ӯ масъулияти хешро дар ҳаёт фаромӯш мекунад.

***Таълим ва тарбия намудани фарзанд на танҳо аз маслиҳат додану насиҳат кардан, балки амал ва ҳосили ҳаётро ба ӯ дар таҷриба нишон додану аз таҷриба омӯзонидан аст.***

Таълим ва тарбия - маҳфуми омӯзиширо дар асоси таҷрибаҳои ҳаёт ҳамчун як амали бомақсад барои инсоният сурат бахшида, аз пайдоши одам дар олам сарчашма мегирад. Инсон хосияти ҳар як ҳаводиси табиатро дар таҷрибаи зиндагии худ омӯхта, онро дар таълим ва тарбияи насл ҳамчун дастур мегузорад.

Нақши тарбия барои ҳама махлуқоти зинда бо як мақсад пешбинӣ мешавад: ҳаётро дар олам нигоҳ доштан.

Оила дар тарбияи кӯдак мақоми махсусеро ишғол мекунад. Вақте ки тифли навзод таваллуд мешавад, ӯ аз оғози ҳаёт ҳама он меъёрҳои зиндагиро, ки дар оила ҳукумфармост, меомӯзад. Инсон аввалин таҷрибаи ҳаёти худро аз оила мегирад. Оила - ин сарчашмаест, ки кӯдак таввасути он таҷрибаи таърихию иҷтимоӣ ва таҷрибаи муносиботҳои ҳиссӣ ва хислатиро барои худ касб мекунад. Оила – мактаби муҳими таълиму тарбия дар роҳи ба воя расонидани инсони солиму комил ба ҷомеа буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Ҳисси олами маънавии кӯдак хело баланд аст. Чунки асоси мақсад ва мазмуни тарбияи ҳаётро, ки мо барои кӯдак аз хурдсолӣ меомӯзонем, аз оила оғоз мегардад. Обрӯи падару модар дар ҷомеа ба тарбияи фарзанд таъсири калон мерасонад.

Вазъи ногувории оила метавонад сарчашмаи асосии пайдоиши тарс дар вуҷуди кӯдак гардад. Махсусан, оилаҳои вайроншуда, яъне ҷудошавии волидайн, ки фарзандон шоҳиди он воқеаҳо мегарданд. Чунин муносибати муҳит метавонад дар дили кӯдак ҷо шуда, ба ҳисси нозуки ӯ таъсири бад расонад.

***Кӯдакон тарбияи дурустро на танҳо аз суханони мо, балки аз рафторамон бештар қабул мекунанд.***

*Машҳуртарин файлосуф ва мутаффакири асри XVIII Жан-Жак РУССО (1712-1778) чунин гуфтааст:* ***«Тарбияи ҳақиқӣ на дар қоида, балки дар машқ аст».***

Мо - калонсолон дар навбати худ бояд барои фарзандон намунаи ибрат бошем. Он таҷрибае, ки кӯдак дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ мебинад ва мешунавад, бояд дар омӯзишу таълим ва тарбияи ӯ мувофиқат кунад. Дар тарбияи фарзанд назари инсон набояд аз ояндаи як шахсият иборат бошад, балки ояндаи оламу одамро дар назар дошта бошад. Мо бояд аз кӯдакон шахси ҳақиқатҷӯй, ихтироъкор, равшанфикр ва ватанпарастро дар сатҳи ҷаҳонӣ тарбия намоем.

***Мо бояд насле тарбия намоем, ки пояи илму фарҳанги миллатро ба силсилаи пешқадами тамаддуни ҷаҳонӣ пайваст намояд.***

Агар дар омӯзиши таълим ва тарбияи кӯдак ҳақиқатро аз таҷрибаи ҳаёт бештар истифода кунем, пас, кӯдак он комёбӣ ва нобарориҳои ҳаётро бо ақли худ

омӯхта, муқоиса карда, некро аз бад интихоб намуда, вазифаи ба ӯ вобасташударо бо фикру андешаҳои тару тозаи худ, ки олам то ҳол аз он бехабар аст, меофарад.

***Инсон дар табиати худ офаранда аст.*** Суръати афзоиши ҳунаромӯзӣ дар мағзи сари тифл барои олимон ҳайратовар аст. Дар лаҳзае, ки инкишофи аввалин узви ҳискунандаи тифл ба мағзи сар хабар равон мекунад, омӯзиш дар ақли ӯ оғоз мегардад. Тифле, ки ба дунё меояд, ҳеҷ тасаввуроте на аз худ дорад, на аз оламе, ки ба он омадааст. Вале ҳаёт ба ӯ ҳиссиёте додааст, ки аз амал кардани он тақдири ӯ маълум мегардад. Ба ҳама маълум аст, ки талаботи аввалин барои ҳар як кӯдак хӯроки саривақтӣ ва ҳузури модар аст. Тифл бо амали худ, яъне бо воситаи гиря онро талаб мекунад. Агар тифли навзод он талаботро бо гиряи худ пайдо кунад, пас, аввалин боввариро дар ҳаёти худ муайян сохта, онро дар хотираи худ нигоҳ медорад. Ҳар қадаре ки тифл калон мешавад, ҳамон қадар риштаҳои ахборӣ, яъне талаботи хабар дар мағзи сари ӯ зиёд мешавад. Аз рӯи мушоҳидаи мутахассисон, дар як дақиқа ба мағзи сари тифли навзод 250 000 нейронҳои нав бунёд мегардад, ки ҳар кадоми онҳо интизори хабар ҳастанд. Миллионҳо риштаҳои алоқавӣ онҳоро бо ҳам мепайвандад. Ҳар як хоначаи он бо вазифаи махсуси худ вобаста мешавад, ки онро ҳамчун хабар дар худ сабт намуда, дар амал онро меофарад. Агар мо - калонсолон сари вақт ба ақли онҳо таъсир карда, таълим ва тарбияи лозимаро наомӯзем, пас худи кӯдак аз назари худ он талаботҳоро барқарор мекунад. Чунки мағзи сар ба мисли меъдаи инсон талаботи худро дорад.

Равоншиносони амрикоӣ Роберт ва Мери Гулдингҳо назарияе сохтанд, ки дар он гуфта мешавад: "Рафтори хуб ё бад будани кӯдак аз волидайн мегузарад. Онҳо 12 намуд дастурҳои тарбиявӣ барои волидайн таҳлил карда офаридаанд, ки яке аз он дастурҳо "шикасти ҳаёт" мебошад. Дар он омадааст: баъзан дар ҳолати ғазаб волидайн метавонанд ба фарзанди худ суханони беандеша гуфта, дили кӯдакро захмин гардонанд. Ба монанди: "Аз рӯзе, ки ту таваллуд шудӣ, мушкилиҳои зиёде ба сари мо овардӣ" ё дашномҳои қабеҳи дағалона, ки оқибат метавонад ба шуур ва афзоиши кӯдак тасири бад расонад. Мисол: дар байни мардуми мо низ чунин дашномҳоро шунидан мумкин аст: Худо ҷоната гирад, кош, таваллуд намешудӣ, кош, мемурдӣ, ту барои мо дарди сар шудӣ!

Аммо, мутаасифона, вақте ки кӯдаки хурдсол аз модар, падар ва наздикони худ чунин суханонро мешунавад, онро ҷиддӣ қабул карда, ноумедӣ аз ҳаёт ва тақдири худ мекунад. Ӯ аз хурдсолӣ таваллуди худро ҳамчун хатои табиӣ шумурда, сабабгори ҳамаи он мушкилиҳо ва нобарориҳое, ки ба сари волидайн ва атрофиёнаш меоянд, худро мешуморад. Оқибат кӯдак метавонад бо чунин таассурот ба ҳисси худнобудкунӣ амал кунад.

Шояд пеш аз он ки ба амали бад ё неки фарзанд баҳо диҳем, аз рафтори худ андеша кунем? Шояд ин дастури қолабӣ аз рафтори худи Шумо пайдо шуда бошад? Агар чунин бошад, пас, ӯ бо ҳамон дастур тарбия меёбад ва дар оянда фарзандони худро бо чунин усул тарбия мекунад. Чунин усули тарбия аз ҷониби падару модарон қасдан намешавад, балки онҳо низ аз волидайни худ чунин тарбия гирифтаанд.

Аксари олимон чунин мешуморанд, ки 30% рафтори тифл аз хун мегузарад ва 70% дигар аз таълиму тарбия. Пас, маълум мегардад, ки рафтори кӯдак бештар аз таълиму тарбия вобаста аст.

***Вақте ки мо аз ҳаёти санҷидашуда, аз мактаби таҷрибаҳои хешитан ба насл сабақ меомӯзем, дари донишгоҳи бузургеро барои онҳо мекушоем.***

Дар ҳақиқат, рафтори падару модар дар оила - аввалин мактаб барои кӯдак аст. Аввалин сарчашмаи илмест, ки дар зеҳну шуури кӯдак нақши ҳамешагӣ пайдо мекунад ва нуфузи он дар зиндагии кӯдак як умр боқӣ мемонад.

Дар баъзе мавридҳо мо тарбияи фарзандони худро бештар ба ӯҳдаи модарон мегузорем. Натиҷаи таҷрибаи 26- солаи ташкилоти равоншиносони амрикоӣ нишон додаанд, ки дар тарбияи кӯдак, бояд саҳми падар бузург бошад. Падар дар ҳаёти солим ва афзоиши рӯҳии фарзанд нақши қатъӣ мебозад. Диққати ҳамешагии падар дар тарбияи фарзанд - қуввати рӯҳӣ, худбоварӣ ва ғамхорӣ мебахшад. Сухани тарбиявии падар нисбат ба сухани тарбиявии модар тасирбахштар аст, зеро модар бештар бо раҳму шафқат сухан мегӯяд.

Панҷ далели ҳаётӣ вуҷуд дорад, ки таҷрибаҳои равонӣ ва иҷтимоӣ аз он шаҳодат медиҳанд: Дар вақте, ки тарбия аз ҷониби падар ва модар дар якҷоягӣ

суръат мегирад, кӯдакон бештар ба падар таваҷҷӯҳ карда, хислатҳои ҳаёти дигаронро ба ӯ муқоиса карда меомӯзад. Онҳо нисбат ба дигар кӯдаконе, ки аз тарбияи падар дур мемонанд, ба мушкилиҳои зиндагӣ тобовартар мешаванд. Падароне, ки дар оила намунаи ибрат ҳастанд, метавонанд дар дили фарзанд на танҳо хислатҳои инсонӣ, меҳрубонӣ, бомаърифатӣ, балки худбоварӣ, далериву мардонагиро тарбия кунанд. Таҷрибаи ҳаёт нишон додааст, ки тарбияи падар дар бисёр мавридҳо фарзандонро аз ҷинояткорӣ пешгирӣ мекунад. Мисол: мо дар гурӯҳҳои ҷинояткор наметавонем шахсеро пайдо кунем, ки тарбияи хуби падарро гирифта бошад. Сабаб дар он аст, ки ӯ таҳкурсии хуби таълим ва тарбияи ахлоқиро дар хурдӣ аз падар нагирифтааст.

Кӯшиши модарони меҳрубон дар тарбияи фарзанд, албатта, зиёд аст, аммо бештари онҳо барои бо кӯдакон наздик шудан дар сатҳи ақлу фаҳмиши кӯдак сухан меронанд.

Дар натиҷаи тадқиқоти 90 фарҳанги давлатҳои гуногуни дунё, ки аз ҷониби донишгоҳи Калифорния гузаронида шуда буд, маълум гашт, ки мардон нисбат ба занон бештар дар тарбияи фарзанд, бояд саҳм дошта бошанд.

Ҳаёти инсон пастӣ ва баландӣ, торикӣ ва равшанӣ, талхӣ ва ширинӣ дорад. Бадбахтии баъзе аз мардуми мо дар он аст, ки комёбиҳои ҳаётро аз худ мебинанду нобарории онро аз тақдир ва дар бисёр ҳолатҳо ба пастии ҳаёт тан дода, бо мафҳуми “тақдир” онро қабул мекунанду ҳатто, “шукрона” мегӯянд.

Шукрона аз ҳаёт, саломатӣ ва ободиву озодии кишвар намудан кори савоб аст, вале ба беҳунарӣ ва бесаводӣ тан додану ба он шукр гуфтан, гуноҳ аст.

Бояд дарк кунем, ки моҳияти тамоми мавҷудоти ҳастии ҳаёт, ки аз табиати ягона иборатанд, дар ҳолати тағъирот қарор доранд. Масалан, рӯзу шаб, сардию гармӣ, сафеду сиёҳ, зимистону тобистон, хушбахтӣ ва бадбахтӣ ва ғайраҳо.

Тақдир дар ҳаёти инсон дар радифи насиб, ақл, боварӣ, илму ҳунар ҷой дорад. Бисёр лаҳзаҳои нохуше, ки дар ҳаёт ба сари одамон меоянд, аз нодуруст маънидод кардани ин нишондодҳо пайдо мегарданд.

Дар ҳақиқат, ҳаёти инсон рангоранг ва ҳолатҳои аҷибу нотакрор дорад. Агар дар бобати насибу тақдир андеша кунем, ҳама он ҳикоя ва афсонаҳое, ки офарида мешаванд, аз тақдири ҳаёти касе ё чизе гирифта шудаанд.

***Аслан тасвири афсонаро ганҷинае меноманд, ки инсон асрори ҳаёти худро бояд дар он ҷӯяд.***

Фарқи афсона аз тақдир дар он дида мешавад, ки афсона бо некию хурсандӣ анҷом меёбад, аммо тақдир на ҳама вақт. Вале агар бо диққат андеша кунем, ҳар як инсон қудрати пайдо намудани ҳаёти афсонавии худро дорад. Барои ин зарур аст, ки мо дар ҳама лаҳзаҳои ҳаёт ба қаҳрамонҳои афсонавӣ монанд бошем. Қаҳрамони афсона ба мушкилоти ҳаёт рӯ ба рӯ шуда, ҳақиқати некро аз бад фарқ намуда, хатоҳои худро ислоҳ карда, ба ивази он хушбахтиро сазовор мегардад. Ё қаҳрамонони манфии афсона, бо рафторҳои ғаразноки худ оқибат ба шикаст ё ба марг гирифтор мегарданд.

Албатта, баъзе одамон чунин мешуморанд, ки тақдир - ин муқарраррот аст, аз он гурехта намешавад, чунки ҳамин тариқ навишта шудааст. Дигаре баръакс андеша меронад. Саволе ба миён меояд; ***“Магар тақдир ҳокими ҳаёти инсон аст, ё инсон ҳокими тақдир худ?”*** Тақдир ҳаргиз инсонро огоҳ намесозад, ки фардо чӣ ӯро интизор аст. Инсон бо умеди ояндаи неки худ нақша мекашад, илм меомӯзад, фарзанд тарбия мекунад, хона месозад, дарахт месабзонад, ки аз ҳосили он баҳра барад. Агар тақдир ҳамчун муқаррарот навишта мешуд, пас, мақсади ҳама он нақша ва кӯшишҳое, ки инсон барои ҳаёти худ меофарад, бефоида мебуд. Фикру ақида ва нақшаҳои олимон, донишмандони олам барои одамият нодаркор мешуд.

Магар рафтори хуб ё бад кардани инсон дар ҳаёт аз интихоби худи ӯ вобаста нест? Магар тақдире, ки имрӯз бо кӯшиши дигарон ба мову шумо насиб гардида, бо пешрафти илму технология худ кори ҷисмонӣ ва ақлонии моро ҳазорҳо маротиба осон гардонидааст, маҳсули ақли инсон нест? Вале ҳолати дигареро мо метавонем мушоҳида намоем. Муше, ки ба дом меафтад, магар тақдири он чунин аст, ё ба марги муш нафсу нодонӣ сабаб мешавад?

Бигузор, ҳар як инсон барои мақсади тақдир ва насибро муайян кардан аз саргузашти ҳаёт, аз як лаҳзаи умр, ки хушбахтӣ ва бадбахтии ҳаётро барои ӯ муайян кардааст андеша карда, ҳақиқати онро дар тарбияи насл истифода барад.

Кӯшишҳои инсон дар ҳама давру замон барои пайдо намудани роҳи дурусти ҳаёт ба харҷ меравад. Албатта, хоҳиш ва талаботи инсон беохир аст, ҳар чӣ беҳтар ва бештар бошад, хуб менамояд. Аммо, меъёри онро ақли инсон муайян месозад. Мо панҷ омили онро барои мисол пешкаш менамоем. Солимӣ, озодӣ, имони комил, хушбахтӣ ва маблағи муайян барои зиндагӣ. Ин панҷ омил мисли панҷ ангушти даст ба инсон зарур мебошанд, вале нобаробар тақсим мегарданд. Дар баъзе мавридҳо инсон муттаҳид будани онҳоро фаромӯш карда, аз паси яке саргардон мешавад. Мисол: агар инсон умри худро фақат барои маблағ дарёфт кардан сарф намояд, пас, саломатиашро шояд гум кунад, агар инсон тамоми умри худро барои дониш омӯхтан харҷ намояд, пас, мумкин аст, ки фарзандони ӯ бе тарбия монанд ва ғайраҳо. Пас, бигӯед, ки кадом ангушти инсон аз ҳама панҷ ангушт дида зарууртар ва ё нодаркор аст?

***Ҳаёти ҳар як мавҷудоти зинда барои иҷрои нақшаи махсус пешбинӣ шудааст. Вазифаи инсон дар ин нақш хело бузург аст. Назорат намудан, яъне ҳақиқатро нигоҳ доштан аст. Ҳақиқат - аз инсон виҷдонро талаб мекунад, виҷдон - нангро, нанг - ақлро, ақл - бовариро, боварӣ - илму ҳунарро тақазо менамоянд.***

Ин талаботи ҳаётро инсон бояд эҳтиром намояд. Шахсе, ки сустирода аст, маҳрум аз ин неъматҳо монда, дар оянда аз ҷамъият дур шуда, ба ночорӣ гирифтор мегардад. Ӯ наметавонад нақши ҳамсар, падар ё модар ва ватанпарастро бо пуррагӣ иҷро намояд.

Дар китоби "Фиҳӣ мо фиҳӣ"- и Ҷалолуддин Румии Балхӣ чунин омадааст: "Бо амал - амалро тавонист донистан, бо илм - илмро тавон фаҳм кардан, бо сурат - суратро, бо маънӣ - маъниро дарк намудан.... "[1] Дар олам тамоми шароити зиндагӣ барои инсон офарида шудааст. Ҳар лаҳзаи умр барои инсон қимати нотакрори худро дорад, ки ӯ бояд аз он баҳра барад, то фардо ангушти пушаймонӣ нагазад.

Инсони солим ҳаққи камбағал шудан надорад, дар ҳоле ки табиати олам камбағал нест.

***Табиат бузургтарин захираи анбори боигарист.*** Одами меҳнатдӯст ва кордон ба худ боварӣ дорад, ки ба натиҷаи хуб мерасад. Ӯ ба баъзе камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар ҳаёт рӯ ба рӯ мегардад, аҳамият намедиҳад, ҳамеша ба сӯи ҳадафаш талош меварзад ва метавонад ҳар лаҳза бо мурури вақту замон самташро каме дигар кунад, аммо дар дил мақсади анҷоми неки ҳама кӯшиши худро нигоҳ медорад.

Ҳолате ки баъзе одамонро ба хиёнат, душманӣ, дуздӣ, фиребгарӣ, бадбинӣ мерасонад, албатта, на аз тақдири онҳост, балки аз бесаводӣ, танбалӣ, баднафсӣ ва оқибат, дар вуҷуди худ ба шайтон роҳ додан мебошад.

Дар ҳама давру замон шикасти давлату миллат ва беэҳтиромӣ нисбат ба дин аз ҷониби чунин одамон сар мезанад. Чунки онҳоро аз рӯи беандешагӣ, бесаводӣ ва манфиатҳояшон ба гурӯҳҳо ҷудо кардан осон аст (дин, минтақа, забон ва ғайраҳо). Натиҷаи чунин амалҳоро Шумо метавонед дар давлатҳое, ки сатҳи пасти зиндагӣ доранд, мушоҳида намоед.

Агар мо дуруст андеша кунем, дар байни одамон душманӣ вуҷуд надорад, ҳамаи он ҷангу нофаҳмиҳое, ки дар миёни одамон рух медиҳанд, аз ҳамин амалҳои номатлуб оғоз меёбанд. Шайтон дар вуҷуди одамони шайтонсифат метавонад падарро бо писар, ҳамсояро бо ҳамсоя ва миллатҳоро бо ҳам душман созад. Ҳар фикри баде, ки ба сари одам меояд, натиҷаи беандешагист ва оқибат пушаймонӣ дорад.

Агар аз худи Шумо бипурсанд, ки фикру андеша, ҳаракат ва ҳисси Шумо дар кадом сатҳ аст. Сатҳи шахсӣ, оила, ҷомеа, давлат, ҷаҳон ё инсоният? -- ҷавоби ин савол, ҷой ва мартабаи Шуморо дар ҷамъият муайян намуда, нақшаву мавқеи Шуморо дар инкишофи марҳалаи нави таърих барои насли оянда муайян хоҳад кард.

Агар инсон хоҳад, ки роҳи дурусти ҳаёти худро пайдо намояд, бояд ҳастӣ, саломатӣ ва ақли худро истифода бурда, мавқеашро дар зиндагӣ дарёбад.

Ҳеҷ шаке нест, ки инсон дар роҳи ҳақиқат баояндаи нек сазовор мегардад.

***Комёбӣ дар ҳаёти инсон аз омилҳое вобаста аст, ки ба тафаккури шахсияти ӯ таъсир дорад.*** Ҳаёт - сарвати бебаҳост. Он ҷустуҷӯи хушбахтиро талаб мекунад. Худи калимаи "ҳаёт" муродифи вақт аст.

Ҳеҷ касеро ва ҳеҷ чизеро мо гуфта наметавонем, ки чӣ қадар умр мебинад. Инсон бояд мисли ақрабаки соат ҳамеша ба пеш дар ҳаракат бошад. Ҳаракати ақрабаки соат ҳаракати умри инсон аст. Ҳар лаҳзаи ин вақтро инсон бояд самаранок истифода бубарад.

Ҳофизи бузург фармудааст:

***Вақтро ғанимат дон он қадар ки битвонӣ,***
***Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, як дам аст, то донӣ. [2]***

Соат аз ҳаракат ва дуруст муайян кардани вақт қимат пайдо мекунад, одам - аз меҳнати ҳалол. Одами беҳаракат мисли соати беҳаракат нодаркор аст. Ширинии ҳаёт, махсусан, ҳамон вақт ба одам аён мегардад, ки агар хатари марг ба ӯ таҳдид кунад. Мисли он ки то гирифтори гуруснагӣ ё ташнагии сахт нашавем, ба қадри нону об намерасем.

***Оё барои инсон ҳаёти ҷовидона вуҷуд дорад?*** Худи калимаи "ҳаёт" муродифи ҷовидон аст. Вазифаи ҳар як инсон дар ин олам ба сӯи ҳаёти ҷовидон қадам задан аст, ҳаёти ҷовидон барои ҳар як инсон вуҷуд дорад.

***Ҳаёти ҷовидон масъалаест, ки бояд худи инсон ҳаллу фасл намояд.*** Одам бояд аз худ номи нек боқӣ гузорад, дастовезеро барои оянданн дурахшон эҷод кунад, ки насли оянда барои пешбурди ҳаёти худ аз он истифода бурда тавонад.

Агар инсон, дар ҳақиқат, дарк намояд, ки зиндагии ҷовидон ба худи ӯ вобаста аст, пас маънии ҳаёти ӯ ранги дигар мегирад.

Одам як қисми табиат аст ва дар муҳити табиат инкишоф меёбад, қонунҳои табиатро эҳтиром карда, бо истифода аз илм аз он баҳра мебарад.

***Табиат аз обу офтоб рушд меёбад , одам аз илму ҳунар.*** Имрӯз ба таври дақиқ эътироф шудааст, ки таълиму тарбияи инсонпарварӣ дар сатҳи баланди дунявӣ аз илму ҳунар омӯхтани шахс вобастагӣ дорад.

Ба назар чунин менамояд, ки қисми зиёди ҷавонони имрӯза баъди хатми мактаб ё донишгоҳ аз хондани китоб дур мешаванд, гӯё ин қисмати ҳаёт, ки аз илмомӯзӣ иборат буд, ба анҷом расида бошад. Дар ҳақиқат, шароити технологияи имрӯза рӯ ба тараққиёт овардааст ва иттилоотро одамон бештар аз радио, телевизор, интернет, рӯзнома ва маҷаллаҳо мегиранд. Вале бояд мо дарк кунем, ки хондани китоб на танҳо иттилоот, балки мафкураи инсонро пурқувват намуда сайри хаёлоти ӯро бой мегардонад. Дар таҷриба метавонед ин ҳолатро муқоиса намоед. Мисол: агар Шумо дар мактаб асарҳои классикони гузаштаро хонда бошед, бори дигар онҳоро такроран дар синни биступанҷ ё сисолагӣ хонда бубинед, пас, дарк мекунед, ки аз онҳо тасаввуроти бештар мегиред. Чунки бисёр ҳолатҳо, воқеаҳоеро, ки мехонед, дар ҳаёт мебинед ва назари Шумо онро бо дигар ҳиссиёт қабул мекунад. Бояд мо - падару модарон дар баробари намоишҳои телевизионӣ, ки барои кӯдакону наврасон пешбинӣ шудааст, бештари вақти онҳоро ба хондани китоб ҷудо кунем. Ҳеҷ вақт нагузоред, ки фарзанди Шумо хондани китобро ба тамошои филмҳои тасвирии хориҷӣ иваз кунад. Метавонед таъсири ин ҳолатро дар таҷриба дида бароед. Бигузоред, кӯдаки Шумо чанд рӯз вақти холии худро дар назди телевизор ба тамошои филмҳои тасвирии хориҷӣ гузаронад ва баъд аз ӯ навиштани мавзӯъеро талаб кунед. Пас, мебинед, ки барои эҷод намудани он мушкилӣ мекашад. Чунки таъсири бештари филмҳои тасвирии хориҷӣ барои шуури ақлонии кӯдакро дигар кардан пешбинӣ шудааст. Кӯшиш намоед, ки онҳо вақти холии худро бештар ба хондани китобҳои бадеӣ ва эҷодиёту ихтироъкорӣ машғул шаванд. Хондани адабиёти бадеӣ ҷаҳонбинии инсонро бой намуда, мафкураро нисбати зиндагию ҳаёт васеъ карда, нутқро бурро мегардонад.

Бояд дарк намоем, ки иттилоот дар қатори мактаб ва оила тарбиятгари кӯдакон ва наврасон мебошад.

***Мақоми илму маърифат ва фарҳангу дониш барои рафъи мушкилоти замона ва хушбахтии инсон бисёр баланд аст.*** Оламе, ки мо дар он зиндагонӣ мекунем, дар ҳар давру замон талаботҳои худро дорад. Ҳар насле ки дар он таваллуд мешавад, махсус барои иҷрои ҳалли ин ё он масъалае пешбинӣ шудааст. Ҳунару истеъдоде, ки онҳо бо худ моваранд, барои мо - калонсолон пӯшидааст. Онҳо одамони оянда ҳастанд ва

танҳо бо истифода аз решаҳои гузаштагони худ ғизо мегиранд. Ҳеҷ гоҳ худро аз онҳо боло нашуморед, ба ақлу шуури онҳо бовар кунед ва нақшаи онҳоро шикаст надиҳед. Вазифаи мо– калонсолон, танҳо ба роҳи дурусти ҳаёт ҳидоят кардан ва бо илми дунявӣ мусаллаҳ намудани ҷавонон аст. Амали нақшаи онҳо барои ояндаи оламу одам зарур аст. Ба онҳо дасти ёрӣ дароз кунед, чунки онҳо ояндаи мо ва ҳомиёни олами мо ҳастанд. ***Агар мо имрӯз ҳаққи зиндагӣ карданро дошта бошем, пас, бояд қадри зиндагонии ояндаро андеша кунем.***

**АДАБИЁТ**


1. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, “Маснавии Маънавӣ”, нашри Замон, Теҳрон, 2003
2. Ҳофизи Шерозӣ, “Кулиёт”, нашр, Ирфон, Душанбе 1983


**ВОСПИТАНИЕ И ОБУЧЕНИЕ РЕБЕНКА**


Воспитание - целенаправленный и организованный процесс формирования личности. Воспитание и обучение можно рассматривать как две взаимосвязанные и обусловленные категории. Достижения в них оцениваются через уровни образованности и воспитанности. Воспитание - явление социальное. Оно осуществляется в обществе, в его интересах и в соответствии с уровнем его развития. Воспитание есть подготовка подрастающего поколения к жизни. Воспитание не существует самостоятельно, оно обязательно дополняется обучением. Воспитание и обучение в совокупности обеспечивают готовность личности к удовлетворению личностных интересов. Предлагаемая статья посвящена изучению проблем воспитания и обучения в современный период.



Ключевые слова: воспитание, обучение, подготовка подрастающего поколения к жизни, интересы личности, культура, уровень образования личности.


**EDUCATION AND TRAINING OF THE CHILD**


Education - the purposeful and organized process of formation of the personality. Education and training can be considered as two interconnected and caused categories. Achievements are estimated at them through education and good breeding levels. Education - the phenomenon social. It is carried out in society, in its interests and according to level of its development. Education is preparation of younger generation for life. Education doesn't exist independently; it is surely supplemented with training. Education and training in aggregate provide readiness of the personality for satisfaction of personal interests. Offered article is devoted to studying of problems of education and training during the modern period.



**Key words:** education, training, preparation of younger generation for life, interests of the personality, culture, education level of the personality.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Х.Н.Махмудов*** **–** соискатель Института развития образования Академии образования Таджикистана


# РАВИШҲОИ ПАРВАРИШИ ХУДШИНОСӢ ВА ИФТИХОРИ ВАТАНДОРӢ ДАР МАБНОИ КАЛОМИ ПРЕЗИДЕНТ


***Ҳасан Ҷураев***

**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Даврони истиқлол барои Тоҷикистони озод, демократӣ ва ҳуқуқбунёд марҳилаи ибтикороти таърихӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти моддиву маънавист. Ин марҳилаи сарнавиштоз дар ҳаёти халқу кишвари мо аз ҷустуҷӯи роҳҳои рушду такомул оғоз ёфта, имрӯз ба марҳилаи таъйини ҳадафҳои миллӣ ва ормонҳои иҷтимоиву маънавӣ расидааст.

Дар тӯли солҳои истиқлолият Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон на фақат мамлакатро аз бунбасти иҷтимоиву иқтисодӣ раҳоӣ бахшид, балки бо дарназардошти замон ва талаботи ҷомеаи нави тоҷикон ва миллатҳои дигари муқими кишвар роҳи сареҳ ва ояндадори рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавии кишварро таъмин кард. Президент истиқлоли воқеӣ ва босамари кишварро дар таъйини ҳадафҳои ватанхоҳӣ, миллӣ ва ормонҳои таърихсози иҷтимоиву маънавӣ дида, мувофиқи талаботи замони нав, замони ба истилоҳ ҷаҳонишавӣ ҳадафҳову идеалҳо ва равишҳои дарёфт ва таҳкими ин арзишҳоро ба дурусти муайян кард.

Президенти кишвар дар марҳилаи ҳассоси таърихӣ бо дарки амиқи манфиатҳои миллӣ фароянди пояҳои ҳастии миллӣ ва баромадан ба шоҳроҳи тараққиётро сареҳ муайян кард. Вай барои таъмин ва устувории ягонагии сохтори фарҳанги миллӣ ба бозофаринии заминаи табиии маънавӣ иқдом карда, фароянди барои халқи тоҷик хоси маънавиро фароҳам овард, ки бозофаринии чунин заминаи маънавӣ ва муҳити хоси зист аз муҳимтарин шароитҳои эҳёи миллӣ ва андешаи миллӣ буд.

Замони нави таърихӣ ва фарҳангӣ барои тоҷикон шароит ва имконотеро фароҳам овард, ки моҳияти фарҳанги худро амиқ ба андеша гирифта, аз нав дарк ва кашф намоянд ва бо ин амали худҷӯиву худшиносӣ ваҳдати таърихии фарҳангии худро барқарор ва ҷузъҳои сохтори фарҳанги миллиро дубора эҷод кунанд. Ин раванд заминаи нави худшиносии миллиро фароҳам оварда, барои ба зинаҳои чашмгири инкишофи таърихӣ даст ёфтан шароити мусоид фароҳам хоҳад овард.

Яке аз ин ҷузъҳои сохтори фарҳангӣ мактабу маориф буд, ки аз нахустин қадамҳои роҳбариаш Президенти кишвар «нигоҳ доштани афзалияти ҳамешагии маориф, илм ва фарҳанг»[1] -ро «асоси пешрафти иқтисодиёт ва маънавиёти миллат»[2] эълон намуд ва дар ин самт барномае мушаххас ва пурмояро таҳия ва амалӣ кард, ки ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти мактабу маориф ва таълиму тарбияро дар бар мегирифт. Роҳбари давлат ояндаи давлати миллиро «ба пешрафти соҳаи маориф, ба тайёр намудани мутахассисони варзидаи дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ»[3] вобаста дониста, аҳли маорифро «офаранда, парваришдиҳанда ва муҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа»[4] муаррифӣ кард.

Роҳбари давлат дар ин замина консепсияи асоснок ва илмиашро дар соҳаи маориф дар як силсила суханрониҳо ва мулоқотҳояш тақвият дода, дастурҳои муҳими назарӣ ва амалиро дар соҳаи маориф ироа кард, ки парвариш ва ифтихори ватандӯстӣ ҷузъи муҳими он мебошад.

Маълум аст, ки масъалаи назария ва амалияи тарбия ва яке аз ҷузъҳои муҳими он-тарбияи ватандорӣ дар мактабҳои мо бо назардошти ормонҳои идеологии синфӣ ва бузурги давлатии замони шӯравӣ ба роҳ монда шуда буд ва ҳадафи ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавиро дунбол мекард. Низоми мактаби давраи шӯравӣ бо вуҷуди тарафҳои мусбат, дар маҷмӯъ манфиатҳои хоси миллӣ ва маънавии тоҷиконро ҳимоя намекард ва ба ҳифз ва рушди суннатҳои неки мактаби миллии тоҷикӣ низ мусоидат накардааст. Давлати шӯравӣ бо заминаҳои идеологии миллатсӯзаш барои миллатҳои дигаре, ки дар ҳудуди ҷуғрофиёии он зиндагӣ мекарданд, давлати миллӣ набуд. Бинобар ин ҳам барои рушди мактабу маорифи миллӣ низ заминаи устувор ба вуҷуд оварда натавонист. Ниҳоят бо пошхӯрии низом низ низоми маорифи замони шӯравӣ дар ҷумҳурии мо дарҳам шикаст. Дар ин шароит роҳбари давлат ба сареҳӣ тасмим гирифт, ки ислоҳи маорифро ба оянда гузоштан мумкин нест ва кори таҷдиди соҳаро баробари барқарор кардани низоми пошхӯрдаи маорифи ҷумҳурӣ дар оғози солҳои навад бо дарназардошти тағйири назар дар масъалаҳои бунёдии соҳаи таълим ва тарбия ба таври аҳсан оғоз ниҳод. Роҳбари давлат дақиқан муайян кард, ки мактабу маорифи нав аз аввал бояд ба усули илмии тоза асос биёбад ва тарбияи шахсияти донишманд ва хушахлоқ асоси он бошад.

Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва таълифотҳои ҷудогонааш ба тарбия ва назарияи он эътибори ҷиддӣ дода, амалан асосҳои методӣ ва усулии онро пешниҳод намуд. Заминасози андешаҳои ӯ дар ин замина воқеияти ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон буд, ки равандҳои зерини инкишофи моҳияти онро муайян менамояд:

- Мустақилияти кишвар ва таҳияи барномаи воқеии рушди миллии давлати миллӣ;
- Фароҳам омадани имконияте, ки озодӣ ва рушди ҳамаҷонибаи инсонро замонат медиҳад.

Шароити бавуҷудомада танҳо дар асоси ба эътибор гирифтани манфиатҳои ҳамаи сокинони ҷумҳурӣ тадриҷан истеҳком ёфта, имкониятҳоро барои тарбияи завқӣ, ҷисмонӣ ва меҳнатии насли ҷавони кишвар ба вуҷуд овард. Роҳбари давлат ҳануз дар « Суханронӣ дар маҷлиси фаъолони маорифи ҷумҳурӣ «(28-уми августи соли 1995) таъкид карда буд, ки «воқеан агар дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои мактабу маориф сухан рондани бошем, таълиму тарбия ва ба камол расондани чунин ашхос, насли дилсӯзу ғамхори Ватан, халқу ҷамъият, насле, ки масъулияти фардҳои

Тоҷикистонро ба дӯш гирифта тавонад, вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси системаи маорифи мост»[5]. Бо тарҳи ин масъала Президенти кишвар имкониятҳои маънавӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва таърихии иҷрои ин ҳадафро таъйин карда, аз ҷумла гуфта буд: «Тамаддуни қадимтарин, таърихи пурғановату рангин, ганҷинаи гаронбаҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва ахлоқиро, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо аз ҷониби аҷдодони мову шумо офарида шудаанд, суннат, оин ва анъанаҳое, ки дар кӯраи замонаҳо сайқал хӯрда, пухта шудаанд-инҳо ҳама таҳкурсии тайёру боэътимоде мебошад,ки мо метавонем бинои тарбияи наслҳои ояндаи кишварамонро дар заминаи онҳо бунёд намоем».[6]

Чунонки мебинем, Эмомалӣ Раҳмон ҷанбаи педагогии масъалаи назарӣ ва амалии тарбияро ошкоро ба миён гузошта, дар ин замина эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва ташаккули шахсияти худогоҳу ватанпарастро ба миён мегузорад. Санади ҷолиб ин аст, ки дар каломи Президент масъалаи тарбия ба маънии томи назарӣ ва амалӣ тафсир шуда, дар маҷмӯъ мушкилоти таҳсил, тарбия, пешрафт ва ҳамгироии онҳо бо тарбияи зебошинохтӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва маънавӣ сареҳан ба миён гузошта шудааст. Яъне тарбияи шахсияти баркамол бе дарназардошти ҳамаи навъҳои тарбия имконпазир набудааст. Дар замина суханони зерини Президент дар роҳи дарки моҳияти аслии андеша парваришии ӯ арзиши бунёдӣ дорад: «... имрӯз бо соҳибистиқлол гардидани кишвари тоҷикон ва ба миён омадани ниёзи ҷиддӣ барои дарёфти роҳу мароми мустақили ҷумҳуриямон ба сӯи ояндаи мутамаддин вақташ расидааст, ки мо низоми таълиму тарбия ва мактабу маорифамонро дар заминаи ҳамон сарвати бебаҳои маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва равонии халқамон ва педагогикаи миллӣ бо дарназардошти имконоту тақозои замони муосир ва арзишҳои умумибашарӣ ба роҳ монем»[7]. Дар каломи Президент фароянди таълиму тарбия бо дарназардошти воқеияти муосир, талаботи замон ва арзишҳои умумиинсонӣ дар такя бо суннатҳои педагогикаи миллӣ матраҳ шудааст. Яъне дар контексти ягонаи матни каломи роҳбари давлат таълим ва тарбият чун омиле арзёбӣ шудааст, ки аз тариқи он миллат ба бедории замир ё худогоҳӣ мерасад. Василаи ба даст овардани ин ҳадаф пешрафт ва такомули худогоҳии афроде аст, ки миллатро ташкил медиҳанд. Ва иборат аз парвариш додани наслҳои тозарас дар заминаи ҳунарҳо ва хирфаҳои зиндагӣ ва муҷаҳҳаз кардани онҳо дар таҳаққуқ додани вазифа ва рисолате аст, ки дар зиндагӣ бар ӯҳда доранд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми як сафараш ба Ҷумҳурии Исломии Эрон ва тамошои маҷмааи меъмории Тахти Ҷамшед таъқид карда буд, ки «ҳатто ҳамин харобиҳои баъди ҳазорсолаҳо боқимонда гувоҳи равшани онанд, ки аҷдодони мо чи гуна ба сатҳи баланди маданияти меъморӣ, шаҳрсозӣ, ободонӣ, наққошӣ ва пайкарасози расида будаанд.

Системаи обгузаронӣ, ки Европа дар ҳамагӣ асри гузашта аз худ кард, ҳанӯз дуюмин ҳазор сол пеш дар ин шаҳр аҷдодони мо сохта будаанд»[8].

Таъкиди Президент бар он аст, ки ҳар миллате ба василаи таълим ва тарбият, фарҳанг ва мероси фикрӣ ва ақлӣ худро ба наслҳои ҷадид интиқол медиҳад ва идеалҳо ва ормонҳои ҳаётиро ба онҳо илҳом медиҳад. Таҳсили тарбият иборат аст аз таҷҳиз ва парвариши зеҳнӣ, ҷисмӣ ва ахлоқӣ ва ҳадафи аслии он ба вуҷуд овардани мардону занони донишманд, корсоз, хушахлоқ ва ватанпараст мебошад, ки ҳар кадоме шоистагии анҷом додани вазифа ва рисолаташонро ба тавре ки дархӯри мақом ва мутобиқи шаъни инсон аст, доро бошанд.

Бад-ин тартиб ва бо таваҷҷуҳ ба андешаҳои педагогии Президент таҳсил ва тарбият василае бояд бошад, ки инсон бо ёрии он битавонад парвариши ахлоқӣ, ақлӣ ва ҷисмиро ба наслҳои нав интиқол диҳад, то ин ки онҳо тавонанд, ормонҳояшонро воқеӣ созанд.

Мо дар боло аз ифодаи бисёр равшан ва пурмаънии Президент «педагогикаи миллӣ» ёд кардем. Ин ишора ба он аст, ки мактаб бояд ба принсипҳои асосӣ ва суннатии халқиву классикии омӯзишу парвариш, ба усулҳои миллии маънавиёту ахлоқ такя кунад, наслҳои навро дар асоси анъанаҳои неки ҳаёти маънавию фарҳангии тоҷикон тарбия намояд. Фақат «одамони бомаърифат, мутахассисони варзидаву обрӯманд, хушахлоқ ва дорои тафаккури созанда масъулияти имрӯзу ояндаи ватанро ба ӯҳда гирифта метавонанд»[9]. Чунонки мебинем, роҳбари давлат ин ҷо масъалаи ахлоқиро низ дар ҷои аввал гузоштааст. Яъне диққати Президент дар

ин маврид ба он нигаронида шудааст, ки тарзи таълиму тарбия бояд нав бошад, ҷанбаи одамият дар ҷараёни таҳсил набояд сарфи назар шавад. Ин дастур суханони Имом Ғаззолиро ба ёди мо меорад, ки гуфта буд: «Таҳсил набояд фақат иборат аз пур кардани мағзи ҷавон аз илм бошад, балки дар айни ҳол бояд ахлоқи кӯдакро таҳрик кунад ва ӯро барангезад то ба ҳаваси зиндагонии иҷтимоӣ пай бубурад». Муҳаммад Иқбол низ дар ин боб бо ҳасрат навишта буд, ки «Оҳ! На фақеҳ аз ин ҳақиқат огоҳӣ дорад ва на мулло, ки ваҳдати фикр бидуни ваҳдати ахлоқ нокис асту хом. Боре таҳсил ё таълим ва тарбият бояд дар боде амр пояи ахлоқи кӯдакро истеҳком диҳад ва модоме ки ахлоқи некӯе барои кӯдак поягузорӣ нашуда бошад, ҳеҷ вакт ба мақсуди воқеии худаш ноил нахоҳад шуд».[10]

Президент масъалаи тарбияи ахлоқиро ҳанӯз моҳи майи соли 1997 дар мулоқот ба ҷавонон ҷиддан ба миён гузошта, аз ҷумла таъкид карда буд, ки «таъсири ахлоқ монанди ақлу фаросати инсонӣ ҳадду ҳудуд надорад»[11]. Ба ифодаи дигар, мушаххасоти асосӣ дар марҳилаҳои аввалияи зиндагии инсон поягузорӣ мешавад ва табиист, ки кӯдакистону мактаб дар тарбияи ахлоқ нақши муҳим ва муассире доранд. Вазифаи таълим ва тарбият дар он аст, ки ахлоқи кӯдакро дар қолабе бирезад, ки шакли писандида дошта бошад. Дар ин фароянд яке аз ҷузъҳои таҳзиби ахлоқ ва камони инсонӣ ба масъалаи ибрати таърих, ки низ як паҳлӯи он ифтихори ватандорӣ мебошад, вобастагӣ дорад.

Масъалаи тарбияи ватандорӣ ва ифтихори миллӣ дар каломи Президент нуқтаҳои мушаххас дорад, ки иборатанд аз:

- бозгашт ба асли хеш ва асолатҳои фарҳангии суннатӣ;
- эҳёи фарҳанги миллӣ;
- эҳёи забон;
- эҳёи маънавият дар ҷомеа;
- таваҷҷӯҳ ба мероси гузашта ва нашру омӯзиши он;
- таъмини истиқлоли миллӣ бо таъмини истиқлоли фарҳангӣ.

Хайрулло Афзалов дар рисолаи пурарзишаш «Эъморгари фарҳанг» навиштааст, ки яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангии давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ташаккули тафаккури бунёдкорӣ, тарбияи ифтихори миллӣ, барқарории сулҳу ваҳдат дар ҷомеа ва ҳамдигарфаҳмии тамоми сокинони ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад»[12]. Дар заминаи ҳидоятҳои Президент мо роҳҳои расидан ба ин ҳадафро ба воситаи таълим ва тарбияи дуруст ва самараноки шогирдони мактабҳо дар тавассути забон, адабиёт ва фарҳанги миллӣ амалӣ карда метавонем.

Таваҷҷуҳи хоси Президент ба санаҳои пурифтихори таърихи миллат, таҷлили солрӯзи намояндагони адабиёту илму фарҳанг, эътибори хосса ба рушди забони модарӣ ва ғайра танҳо ҳадафи боло бурдани сатҳи маънавиёти ҷомеа ва таҳкими ҳисси ифтихори ватандорӣ ва худшиносии миллӣ мебошаду бас. Дар ин замина барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърих ва дигар фанҳо низ суханрониҳои роҳбари давлат дар маросими таҷлили Рӯзи забон, дар маҷлиси ботантана бахшида ба ҷашни 680-солагии олим ва мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар марқади Мирзо Абдулқодири Бедил, дар Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, дар ҷашни Рӯдакӣ, дар маросими бошукӯҳи таҷлили ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, дар маросими ҷашни Наврӯзи Душанбе ва ғайра барои тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва ватандорӣ ҳидоятгар аст.

Консепсияи мактаби миллӣ усули ҳадафмандии миллӣ таълиму тарбияро барои ҳамаи фанҳо таъйид кардааст. Тарбияи ҳисси баланди ватандӯстӣ ва худшиносии ифтихоромези миллӣ ҷузъи аслии раванди омӯзишу парвариш дар мактаби миллист. Ҳидоятҳои Президент дар ин замина ба хусус масъулияти омӯзгорони забон ва адабиётро меафзояд. Амалӣ кардани дастурҳои назарӣ ва амалии Президент дар роҳи таҳкими ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ масъулияти омӯзгорони ҳамаи фанҳо, ба хусус фанҳои гуманитариро зиёд мекунад. Дар ҷараёни таълим ва тарбия ба роҳбарӣ гирифтани ҳидоятҳои роҳбари давлат, пеш аз ҳама, ба ташаккули шахсияте, ки мубориза фаъоли роҳи худшиносии миллӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати халқҳои кишвар бошад, мусоидат хоҳад кард. Устуворӣ ва абадияти фазои маънавӣ ва сиёсии ҷомеа аз бисёр ҷиҳатҳо ба амалӣ сохтани ҳамин ниятҳои пешвои миллат вобаста мебошад.

Асли адабиёт, ки маънавият аст ва маънавият ҷузъи ҳастии инсон аст, бинобар ин ҳам роҳбари давлат мурочиат ба гузаштаи боифтихор ва сарнавишти ибратомӯзи фарзандони шарафманди миллатро василаи муҳиме дар таҳкими ҳадафҳои миллӣ ва худшиносиву худрасии насли ҷавон медонад. Иҷрои ин ҳадаф ба пешрафти миллат, шукуфоии кишвар ва устуворию бақои давлат мусоидат хоҳад кард.

Адабиёт ва забон ифодагари ҳастии миллат мебошанд. Беҳуда нест, ки Э. Раҳмонов ба яке аз рисолаҳояш, ки ба масъалаи ҳувияти фарҳангии тоҷикон бахшида шудааст, унвони «Фарҳанг ҳастии миллат»-ро додааст. Дар ин замина суханони зерини роҳбари давлат метавонад дар роҳи шинохти таърихи халқу кишвар барои омӯзгор роҳнамо бошад: «Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз қаъри асрҳо то имрӯз симои миллии худро, пеш аз ҳама тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст»[13].

Аз ин мавқеъ, забон ва адабиёт ҳадафҳои волои ахлоқии миллиро дар тору пуди худ ҳифз кардаанд. Муаллими ин фанҳо барои дар асоси роҳнамоиҳои усулии роҳбари давлат тарбия намудани хонандагон дар рӯҳи ватанпарастӣ ва худшиносӣ аз имкониятҳои ин ду фанни таълимӣ метавонад, самаранок истифода барад.

Зимнан бояд гуфт, ки ду омили парваришӣ дар ташаккули ахлоқии наврасону ҷавонон аҳмияти асосӣ дорад: яке ниёзҳои моддӣ ва дигаре ниёзҳои рӯҳонӣ. Албатта, қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ низ дар ташаккули инсон нақши муҳим дорад. Вале таҳзиби рӯҳ дар ташаккули насли ҷавон аҳамияти фавқулодаро қоил мебошад.

Омӯзгор дар вақти таълими ин ё он фан агар ниёзҳои рӯҳии хонандагонро ба эътибор гирад ва дар ин равиш корашро дуруст кунад, бешак дар тарбия муваффақ хоҳад шуд. Дар ин замина каломи Президент роҳнамоиҳои усулӣ дорад. Масалан, мурочиат ба таърихи пурифтихори гузашта, сарнавишти афроди шоистаи таърих, пеш аз ҳама дар тақвияти нерӯи маънавӣ ва рӯҳонии хонандагон корсоз аст.

Президенти кишвар дар симпозиуми байналхалқӣ бахшида ба ҳазораи «Шоҳнома» Фирдавсиро «ситоишгори адлу ростӣ ва нуру хирад» номида, аз ҷумла гуфта буд: «Шоҳнома» танҳо китоби базму разм, диловарию қаҳрамонӣ, ривояту афсона нест. Вай пандномаи беназир, ахлоқнома ва дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасана, хислат ва хусусиёти неки инсоният» [15]. Агар ба ин суханони Президент ҳамчун раҳномаи методӣ таваҷҷӯҳ кунем, он вақт фақат омӯзиши асари оламшумули Фирдавсӣ метавонад василаи беназире бошад, дар таҳкими ахлоқ ва завқи ҷавонони мактабхон, дар қонеъ кардани ниёзҳои рӯҳӣ ва ахлоқии онон, ки шинохти сарнавишти таърихӣ ва фарҳанги миллӣ ҷузъи он мебошад.

Дар мабнои каломи Президент дарси забон ва адабиёт, пеш аз ҳама, метавонад ниёзҳои ҳақиқӣ ва муштараки хонандагонро қонеъ кунад. Чунонки ишора шуд, ин ниёзҳоро метавон ба тариқи зайл матраҳ намуд:

- ниёз ба нерӯи маънавӣ ва рӯҳонӣ;
- ниёз ба дӯст доштан ва маҳбуб воқеъ шудан;
- ниёз ба шоистагӣ ва корой;
- ниёз ба амнияти ҷисми ва рӯҳӣ;
- ниёз ба тааллуқ ва вобастагӣ;
- ниёз ба тағйир ва танаввӯъ;
- ниёз ба зебоӣ.

Инҳо василаҳое мебошанд, ки дарси забон ва адабиёт ва фанҳои дигар дар ин замина ба поксозии ахлоқи хонанда мусоидати комил карда метавонанд. Анҷоми босамари ин кор ба муаллим имконеро фароҳам меоварад, ки дар заминаи ҳастии таърихӣ ва сарнавишти фарҳангии халқи тоҷик ба рӯҳия ва маънавиёти шогирдон таъсири мусбат расонад. Дар ин маврид шинохти ватан, сарнавишти таърихӣ ва фарҳангии миллат барои қонеъ сохтани ниёзҳои рӯҳӣ ва маънавии шогирдон, аз ҷумла таҳкими рӯҳияи ватанхоҳӣ, миллатдӯстӣ ва худогоҳӣ нақши калидӣ дорад. Илова ба ин, дар мавриди ҳадафҳои миллии адабиёт бояд дар ёд дошт, ки вақте дарунмояи ин гуна адабиёт бо таърихи халқу миллат ва давлати миллӣ пайванд мехӯрад, шакли адабӣ сурати миллию таърихӣ гирифта, ба воқеоти замони таърихӣ ва сарнавишти миллат алоқа пайдо мекунад. Дар ин ҳол ин адабиёт дар тарбияи ахлоқӣ, иҷтимоӣ

ва завқи ҳунарии хонанда нақш гузошта, пайванди рӯҳонӣ ва ҷовидонаи ӯро бо Ватан ва таърихи пурмояю пурифтихори он замонат хоҳад дод.

Бидуни шак, агар мо дар асоси дастуру роҳнамоиҳои Ҷаноби Олӣ арзиши аслии адабиётамонро ба зеҳни хонанда ғунҷонда тавонем, дарси устод дирои сорбон дар биёбон нахоҳад шуд. Дарси огандаи ифтихору сарбаландӣ иртиботи наврасону ҷавононро бо гузашта ва мероси ғаниашон, ки сармояи ахлоқу одоб аст, қавӣ месозад. Дар ҳоле, ки таълими адабиёт ҳадафи ахлоқӣ ва миллӣ дорад ва бар болои бинои номуси миллӣ устувор аст,ҳеҷ гуна таблиғе наметавонад сари ҷавонони моро пойбанди фасоди маънавӣ ва ахлоқӣ созад. Роҳбари давлат низ, пеш аз ҳама, ба таъсири маънавии осори фарҳангии гузашта ба муосирон, таносуби он ба тарзи фикр ва зиндагии имрӯз буд, таъкид дорад. Дар сурати корбурди дуруст аз ин раҳнамоиҳо аҳли маорифи мо қадами устувортаре дар роҳи таҳкими ахлоқи ҷомеа ва маънавиёти муосирони ҷавон хоҳанд гузошт.

**АДАБИЁТ**


1. Раҳмонов, Ҳадафи сиёсати мо манфиати мардум аст.- Дар китоби Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат, Душанбе:. «Ирфон», 2002, саҳ.77
2. А.Раҳмонов. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар инкишофи мактаб ва маорифи кишвар.- Дар китоби: Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. Душанбе, 2006, с.36
3. Э. Раҳмонов, Ҳадафи сиёсати мо манфиати мардум аст.- Дар китоби Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат, Душанбе:. «Ирфон», 2002, с.212
4. Ҳамон асар, с.378
5. Ҳамон асар, с.379
6. Ҳамон асар, с.380
7. Ҳамон асар, с.380
8. Ҳамон асар, с.308
9. Э. Раҳмонов. Ҷавонон ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонон.- Дар китоби Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат,ҷ.2. Душанбе, «Ирфон», 2002.с.139
10. Э. Раҳмонов, ҳамон асар, с.147.
11. Х. Афзалов, Эъморгари фарҳанг. - Душанбе: «Адиб», 2005, с.3.
12. Э. Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат, ҷилди 3. Душанбе «Ирфон», 2002,саҳ.369.
13. Э. Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. - Душанбе: «Ирфон» 2002, с.244
14. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ, Душанбе, Ирфон-2006.
